**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**МДТ «ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ХУҶАНД БА НОМИ АКАДЕМИК БОБОҶОН ҒАФУРОВ»**

**ТКБ – 83.3 (0)9**
**ТДУ – 82.09 (532)**
**Х-68 тоҷ**

Бо ҳуқуқи дастнавис

**ХОЛОВ НАЗАРМУҲАММАД ЁРМАҲМАДОВИЧ**

**АБУЛФАЗЛИ МИКОЛӢ ВА ҶОЙГОҲИ Ӯ ДАР АДАБИЁТИ АРАБИЗАБОНИ НИШОПУРИ НИМАИ ДУЮМИ АСРИ Х НИМАИ АВВАЛИ АСРИ XI**

# ДИССЕРТАТСИЯ

барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология
аз рӯи ихтисоси 10.02.14 - Филологияи классикӣ, филологияи арабӣ ва юнонӣ

**Роҳбари илмӣ:**
Узви вобастаи АМИТ,доктори илмҳои филология, профессор
**Зоҳидӣ Низомиддин Шамсиддинзода**

**ХУҶАНД–2021**

## МУНДАРИҶА

**МУҚАДДИМА** ..........................................................................................3-11

**БОБИ I. МУҲИТИ СИЁСӢ, ИҶТИМОӢ ВА ФАРҲАНГИВУ АДАБИИ НИШОПУР ДАР ЗАМОНИ АБУЛФАЗЛИ МИКОЛӢ........................12**

I.1. Вазъи сиёсиву иҷтимоии Хуросон, дар асрҳои X-XI...................12-25

I.2. Доираи адабии Нишопур ва рушду нумӯи адабиёти арабизабон дар он.........................................................................................26-46

I.3. Саҳми Миколиён дар пешбурди шеъру адаб ва гиромидошти аҳли сухан.....................................................................................47-59

**БОБИ II. РӮЗГОР ВА ОСОРИ АБУЛФАЗЛИ МИКОЛӢ...................60**

II.1. Зиндагиномаи Абулфазли Миколӣ ..............................................60-71

II.2. Осори мансуру манзуми адабӣ ва бадеии Абулфазли Миколӣ....72-82

**БОБИ III. ВИЖАГИҲОИ МАЪНОӢ ВА ҲУНАРИИ ОСОРИ АБУЛФАЗЛИ МИКОЛӢ...........................................................................83**

III.1. Анвоъи шеърӣ, мавзӯъ ва мундариҷаи ашъори Абулфазли Миколӣ...........................................................................................83-112

III.2. Мавқеи санъатҳои бадеӣ дар ашъори Абулфазли Миколӣ........113-125

III.3. Сабки эҷодии Абулфазли Миколӣ ............................................125-135

**ХУЛОСА.........................................................................................136-142**

**ФЕҲРИСТИ АДАБИЁТ..................................................................143-158**

# I. МУҚАДДИМА

**Мубрамӣ ва зарурати баргузории таҳқиқот**. Дар асрҳои IX- X таъсири мутақобилаи фарҳангу адабиёти Арабу Аҷам дар сарзамини паҳновари форсизабонон ба авҷи аъло расид. Дар ин роҳ хизматҳои фарзандони фарзонаву эрониасли арабизабони Хуросон, ки бино ба зарурати иҷтимоиву сиёсии дар замонашон бавуҷудомада баробари такмилу рушди забону адабиёти Араб фарҳанги бузурги ниёгони худро низ дар осори аз ҳар ҷиҳат арзишмандашон ба таври барҷаста инъикос намуда, онро ҳамчун мероси гаронбаҳо ба ояндагон интиқол медоданд, ниҳоят муҳим мебошад. Хушбахтона, дар байни чунин фарзандони барӯманди Хуросон намояндагони Оли Микол, ки аслашон ба охирин ҳомии сарзамини Суғд аз ҳуҷуми арабҳо – Деваштич рафта мерасад, мавқеи намоён доранд.

Намояндагони номвари Оли Микол, ба ҷуз он ки ҳама аҳли адаб буданд, забону адабиёти араб ва дигар улуми роиҷи замонро ба дараҷаи олӣ медонистанд, вазифаи раёсати шаҳри Нишопурро низ бар уҳда доштанд. Ҳамин ҳамадониву сиёсатмадории онҳо буд, ки ду нафар аз намояндагони эшон Абдуллоҳ ибни Муҳаммад ибни Микол (ваф. 920 м.) ва Абӯалӣ Ҳасан ибни Муҳаммад ибни Аббос (кушташуда дар с. 1031 м.) ба мартабаи вазорати Саффориён ва Ғазнавиён расида, обрӯву нуфузи ин хонаводаро боз ҳам рифъат бахшиданд.

Миколиён таҷрибаву кордонии сиёсиро, ки ниёгонашон бо худ аз сарзамини Суғд ба маркази Хуросони он рӯзгор - шаҳри Нишопур оварда буданд, на фақат дар хуни худ ҳифз карданд, балки онро аз ҳар ҷиҳат такмил додаву тақвият бахшида, аз насл ба насл мерос гузоштаанд.

Ҳарчанд то кунун дар таълифоти ҷудогона ва осори таърихиву адабӣ нукоте мухталиф роҷеъ ба хонандони Оли Микол ва мақоми онҳо дар рушди адабу фарҳанги Хуросон изҳор шудаанд, аммо то кунун як таҳқиқоти алоҳида сурат нагирифтааст. Вобаста ба ин, зарурати илмии ба мавзӯи мазкур таваҷҷуҳ кардани мо ҳам маҳз дар ҳамин нукта ба зуҳур мерасад, ки мақоми сиёсиву адабии Оли Микол, ба вижа хизмати мондагори Абулфазли Миколӣ ҳамчун намояндаи маъруфи ин хонадон бояд ба таври ҷудогона мавриди

таҳқиқу омӯзиш қарор дода шавад, то бад-ин васила роҳе ҷиҳати омӯзиши ҳаматарафаи як паҳлуи адабу фарҳанги арабизабони Хуросон ҳам барои адабиётшиносон ва ҳам баҳри пажӯҳишгарони таърихи асрҳои миёнаи мо боз гардад. Дар канори ин, аҳамияти интихоб ва тадқиқи ин мавзӯъ дар он ба зуҳур мерасад, ки Абулфазли Миколӣ дар шеъру шоирӣ, таълифи асарҳои мансур, шарҳу тафсир аз саромадони замони худ ба шумор рафта, дар ашъори то замони мо омада расидааш аз ҳунари шоирӣ ва ифтихор аз аслу насаб доштани худ дарак додааст. Аз ин рӯ, таҳқиқу баррасии зиндагинома ва осории маҳфузмондаи ин суханвар ва адиби маъруфи Оли Микол, муайян кардани мақоми шоирӣ, хизмати вай дар рушди адабу фарҳанги арабизабони форсу тоҷик, ки маҷмӯан моро бо гӯшае аз манзараи «вазъи ғайризабонии адабиёт»-амон[69,7]ошно месозад, дар адабиётшиносии муосири тоҷикӣ мавзӯи муҳим ва мубрам ба шумор меравад.

**Дараҷаи азхудшудаи масъалаи илмӣ.** Ҳарчанд дар бораи Оли Микол, мақоми маънавию иҷтимоии бархе аз намояндагони он муҳаққиқони тоҷик ва эронӣ дар мақолаҳои илмӣ-энсиклопедии худ маълумот дода бошанд ҳам, ин мавзӯъ дар зоти худ вобаста ба адами иттилооти кофии илмиву адабӣ ҳамчунон тоза ва дастнохӯрда боқӣ мондааст.

Таваҷҷуҳи аҳли илму адаб ба зиндагӣ ва осори Абулфазли Миколӣ ҳанӯз аз даврони зиндагии худи ӯ шуруъ шуда, то имрӯз идомат пайдо кардааст.

Омӯзишу таҳқиқи мавзӯъро ба ду давра: давраи асримиёнагӣ ва нав тақсим кардан дуруст ба назар мерасад. Аз осори ҳамзамонон ва муаллифони асримиёнагӣ доир ба рӯзгор ва фаъолияти эҷодии ӯ дар «Ятимат-уд-даҳр» [17, 4/355-381], «ал-Эъҷоз ва-л-иҷоз» [23, 270], «Сеҳр-ул-балоға» [29, 196-197] ва дигар асарҳои дӯсти наздикаш Саолибии Нишопурӣ, дар «Думят-ул-қаср ва усрату аҳл ал-аср»-и Алӣ ибни Ҳусайни Бохарзӣ [13, 2/215-217], дар «Таърихи Яминӣ»-и Муҳаммад ибни Абдулҷаббори Утбӣ [33, 240, 257, 252], дар «Таърихи Нишопур»-и Абдулғаффори Форсӣ [35, 461], дар «Фавот-ул-вафаёт»-и Муҳаммад ибни Шокири Кутубӣ [38, 2/428], дар «ал-Ансоб»-и Абдулкарим ибни Муҳаммад Самъонӣ [34, 12/528], дар «Заҳр-ул-одоб ва

самар-ул-албоб»-и Ҳусрии Қайравонӣ [37, 1/136], дар «Таърихи Байҳақӣ»-и Абулфазли Байҳақӣ [14, 476], дар «Равзат-ус-сафо»-и Мирхонд [39, 1/17], дар «Кашф-уз-зунун»-и Ҳоҷӣ Халифа [31, 2/1278] маълумоти ибтидоӣ омадаанд.

Дар давраи нав муҳаққиқони арабшинос Фуат Сизгин дар «Таърих ут-турос ал-арабӣ» [120, 2/258], Аҳмад Абдурраззоқ Рақиҳӣ дар «Феҳрасти асарҳои хаттии китобхонаи Ҷомеъи кабир» [119, 4/1701] доир ба мавҷудияти осори мансуб ба Абулфазли Миколӣ иттилоъ додаанд. Ховаршиноси англис Эдвард Браун [134, 221-222] ва муҳаққиқи турк Феҳмӣ Эдҳем Каротой [135, IV/325] низ баъзе асарҳои ӯро зикр кардаанд.

Дар Эрон ғайр аз маълумоти «Луғатнома»-и Алиакбари Деҳхудо [118, 719, 724, 725, 728] ва «Фарҳанги форсӣ»-и Муҳаммад Муин [128, 2750], ки баргирифта аз сарчашмаҳои асримиёнагианд, донишмандони эронӣ Акрам Баҳромӣ ва Саййид Оли Довуд бори нахуст бо таълифи мақолаҳои ҳамном таҳти унвони «Оли Микол» [106; 109], даричаи омӯзиши ин мавзӯъро нисбатан васеътар боз карданд. Мақолаи Сайид Оли Довуд, ки дар муҷаллади дувуми «Доиратулмаорифи бузурги исломӣ» ба чоп расидааст, хеле муфассал буда, таърихи ин хонадонро ба таври мушаххас ва бо зикри ҳар яке аз намояндагони он фаро мегирад. Дар баробари ин, мақолаи як тан аз пажӯҳишгарони дигари эронӣ устоди Донишгоҳи Бирҷанд Муҳаммадбоқир Ҳусайнӣ таҳти унвони «Ҷойгоҳи Миколиёни Нишобур дар адаби арабӣ (Абулфазли Миколӣ)» дар маҷаллаи тахассусии забон ва адабиёти Донишкадаи адабиёт ва улуми инсонии Донишгоҳи Машҳад ба нашр расидааст [ниг.:115,12], ки таҳқиқи бештар дар ин мақола ба ҷойгоҳи Абулфазли Миколӣ дар миёни намояндагони ин хонавода ва фазоили адабпарварии ӯ ихтисос ёфтааст. Ҳамин пажӯҳишгар, ки айни замон дар саолибишиносии эронӣ низ саҳм дорад, дар китоби «Ҷоҳизи Нишопур»-и худ [115, 58, 123, 126, 128, 129, 141, 167, 179] ва дар мақолаҳои алоҳидааш [112; 113; 114] дар бораи робитаи дӯстиии Саолибӣ ва Абулфазли Миколӣ маълумоти ҷолиб зикр кардааст.

Дар Тоҷикистон номи Абулфазли Миколӣ ҳамчун намояндаи адабиёти садаи X дар китоби «Фарҳанги Сомониён»-и таърихшинос Сайдулло Абдуллоев зикр шудааст [45, 451-452]. Чеҳраи нисбатан равшани Абулфазли

Миколиро бори аввал муҳаққиқи адабиёти арабизабони форсу тоҷик Н. Зоҳидӣ барои аҳли илму адаб тариқи мақолаи энсиклопедӣ дар «Донишномаи Сомониён» (2008) муаррифӣ кард [62, 64-65]. Мақолаи мазкур ва мақолаҳои энсиклопедии марбут ба намояндагони дигари Оли Микол равзанае барои ҷустуҷӯ ва шинохти шахсияти Абулфазли Миколӣ боз намуд. Дар бархе кутуби таърихӣ ва осори илмӣ мурури мухтасар ва умумӣ ба авзои замон ва фаъолиятҳои Оли Микол рафтааст. Аз ҷумла, ин ҷо метавон ба таълифоти устоди арабшиносони тоҷик Ҳ.Наққош бо номи «Сулолаи Бувайҳиён» ишора намуд, ки дар он ҳарчанд асосан роҷеъ ба хонадони Бувайҳиён баҳсу баррасиҳо сурат гирифтааст, вале авзои сиёсиву иҷтимоӣ ва адабии рӯзгор низ ба риштаи таҳқиқ гирифта, нукоте дар мавриди хонадони мавриди назари мо низ қайд гардидааст.

Ҳамзамон, дар чанд соли охир дар Тоҷикистон дар заминаи адабиёти арабизабони форсу тоҷик чанд рисолаи номзадӣ таълиф гардид, ки дар ҷараё-ни мабоҳиси махсуси илмии ин таълифот ба мақоми Оли Микол ва намоян-дагони он руҷӯъ шудааст. Дар рисолаҳои Амонов Абдусаид «Саолибии Нишопурӣ ва «Симор-ул-қулуб фи-л музоф ва-л мансуб»-и ӯ» [49, 5, 15, 17, 18] ва Рашидова Дилафрӯз «Бадеъуззамони Ҳамадонӣ ва мақоми ӯ дар дар таҳаввули адабиёти арабизабони форсу тоҷики нимаи дуюми асри X ва аввали асри XI» [86, 34, 36] низ аз Абулфазли Миколӣ бар асоси ин, ки ҳар дуи ин намояндагони адабиёти арабизабони форсу тоҷик аз баракоти марҳамати ин хонадон файз бардоштаанд, ишороте рафтааст. Муҳаққиқ Амонов Абдусаид дар мавриди дӯстии Саолибӣ ва Абулфазли Миколӣ мабоҳиси илмӣ орос-таast, ки дар шинохти нуктаҳои муҳими марбут ба шахсияти ин намояндаи барҷастаи хонадони мазкур аҳамият дорад. Дар рисолаи номзадии Ҳомидиён Ҳикматшоҳ, ки асосан ба таҳқиқи рӯзгору мероси адабии Соҳиб ибни Аббод ихтисос ёфтааст, нукоте мухталиф роҷеъ ба Оли Микол дар иртибот ба Оли Буя тазаккур ёфтааст [98]. Ҳамин тариқ, ба ҷуз аз таҳқиқоту таълифоти мазкур ва мақолоти алоҳида, дар адабиётшиносии тоҷик рисолае ҷудогона ва ё пажӯҳише мустақил доир ба зиндагӣ, осор ва саҳми Абулфазли Миколӣ дар

рушди адабиёти арабизабони давраи мавриди назар ба сомон нарасидааст ва ҳамин зарурат заминаи таълифи рисолаи моро ба вуҷуд меоварад.

**Заминаҳои назариявию методологии таҳқиқот**. Дар ҷараёни таълифи рисола аз усулҳои тадқиқ ва дастовардҳои илмии муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ, чун Карл Броккелман, И.М.Филштинский, Шавқӣ Зайф, Ҷирҷӣ Зайдон, Муҳаммадҳусайни Боқирӣ, И.Абдуллаев, С. Абдуллоев, Носирҷон Салимӣ, Низомиддин Зоҳидӣ, Абдушукури Абдусаттор, Тоҷиддин Мардонӣ, Умеда Ғаффорова, Фахриддин Насриддинов ва дигарон истифода шуд.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Ҳадафи тадқиқот.** Ҳадафи асосии кори диссертатсионӣ тарсими мақоми адабиву илмии яке аз намояндагони барҷастаи адабиву сиёсии Оли Микол–Абулфазли Миколӣ ва муқаррар намудани ҷойгоҳи сиёсӣ, мақоми адабӣ, саҳми ин хонаводаи фарҳангпарвару адабдӯст дар рушди забону адабиёти арабизабони Хуросон ва фарҳанги эронӣ аст. Барои расидан ба ҳадафҳои пажӯҳиш анҷоми корҳои зайл ба унвони меҳвари аслии рисола муқаррар шудааст:

-баррасии вазъи сиёсӣ, фарҳангӣ ва адабии Хуросон ва маркази он шаҳри Нишопур;

- таъйини ҷойгоҳ ва саҳми Оли Микол дар равнақбахшӣ ва ташаккули ҳавзаи адабии Нишопур;

- муаррифии намояндагони барҷастаи Оли Микол ва хидматҳои шоистаи онон дар рушди фарҳанги форсу тоҷик;

- таъйини нақши Абулфазли Миколӣ ҳамчун адибу сиёсатмадор ва шарҳу тавзеҳи осори илмиву адабии ӯ;

- баррасии мавзӯъ ва мундариҷаи ашъори бозмондаи Абулфазли Миколӣ;

- пажӯҳиши шеваи истифодаи саноеи бадеӣ дар ашъори шоир ва дигар вежагиҳои ҳунарии каломи ӯ;

- таҳқиқи сабки эҷодии Абулфазли Миколӣ дар шеъри ӯ;

- баррасии мақом ва ҷойгоҳи Абулфазли Миколӣ дар таҳаввули адабиёти арабизабони форсу тоҷик.

**Объекти тадқиқот** дар рисола ашъори бозмонда аз Абулфазли Миколӣ ва маълумоти сарчашмаҳои асрҳои миёна доир ба зиндагиву осори ӯ ва доираи адабии Нишопур мебошанд.

**Мавзӯи тадқиқот** омӯзиш ва таъйини мақоми Абулфазли Миколӣ дар адабиёти арабизабони Нишопур дар нимаи дуюми асри X ва нимаи аввали асри XI дар заминаи таҳлили маводи тазкираҳои адабӣ, манбаъҳои таърихӣ ва девони шоир ба забони арабӣ мебошад.

**Масъалаҳои тадқиқот** аз инҳо иборатанд:

- асоснок намудани мубрамияти мавзӯъ ва сабаби интихоби он;

-равшан сохтани дараҷаи омӯзиши мавзӯъ;

-муқаррар намудани ҳадафи тадқиқот;

-навгониҳои пажӯҳиш;

-таҳлили мавзӯъ ва мундариҷа ва сабки ашъори арабии Абулфазли Миколӣ ва мақоми ӯ дар адабиёти арабизабони форсу тоҷик;

-натиҷагирӣ, хулосаи пажӯҳиш оид ба ҷойгоҳи Оли Микол дар адабиёти арабизабони тоҷик дар асрҳои X-XI ва саҳми Абулфазли Миколӣ дар ташаккули адабиёти давра, хусусиятҳои сабкиву мавзӯии ашъори ӯ.

**Усулҳои таҳқиқот.** Таҳқиқи мавзӯъ асосан бар пояи усулҳои муқоисавӣ - таърихӣ, сохторшиносии матни асари бадеӣ, оморӣ ва ғайра, сурат гирифтааст.

**Соҳаи таҳқиқот** адабиёти арабизабони форсу тоҷик буда, хусусиятҳои ашъори Абулфазли Миколӣ ва саҳми намояндагони Оли Микол дар пеш-рафти адабиёти арабизабони давра баррасӣ мешавад.

**Марҳилаҳои тадқиқот:**

-интихоби мавзӯъ;

-шиносоӣ бо адабиёти мавзӯӣ;

-ҷамъоварӣ ва таснифи мавод оид ба мавзӯъ;

-таҳлили маводи таҳқиқот;

-дар амалия татбиқ кардани назария;

-натиҷагирӣ ва хулоса.

**Пойгоҳи асосии иттилоотӣ ва озмоишии таҳқиқотро** Маркази илмии Хуҷандии АМИ ҶТ ва МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров», конференсияҳои АМИ ҶТ, донишгоҳӣ, вилоятӣ ва ҷумҳуриявӣ ташкил медиҳанд.

**Эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсионӣ.** Натиҷаи таҳқиқот дар дарсҳои лексионию амалии факултетҳои забонҳои Шарқ, филологияи тоҷики Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров» истифода шудааст. Муҳимтарин нуктаҳои рисолаи диссертатсионӣ дар конференсияҳои илмию амалии Маркази илмии Хуҷандии АМИТ, Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Б. Ғафуров» (солҳои 2016-2020**)**, дар семинарҳои илмии факултети забонҳои шарқ арзёбӣ гардидааст.

**Навгониҳои илмии таҳқиқот.** Дар рисола бори аввал рӯзгор ва осори Абулфазли Микулӣ дар адабиётшиносии тоҷик мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор гирифта, дар заминаи анҷоми таҳқиқот вусъати ҳаёти адабии ин шаҳр дар замони Абулфазли Миколӣ, нақш ва мақоми хонадони пуровозаи Оли Микол дар арсаи сиёсат ва фарҳанги Хуросони қарнҳои IX- XI, муаррифии Абулфазли Миколӣ ҳамчун чеҳраи тозаи адабӣ ва яке аз намояндагони барҷастаи адабиёти арабизабони форсу тоҷики ҳавзаи адабии Хуросони аср-ҳои X-XI, таъйини теъдод ва муаррифии асарҳои Абулфазли Миколӣ ва арзишу аҳамияти онҳо дар рушди илму адаб ва фарҳанги арабизабони форсу тоҷик муқаррар карда шуд.Ҳамзамон, бори нахуст ашъори бозмондаи Абулфазли Миколӣ ва ҷанбаҳои ҳунарӣ ва сабкии онҳо дар адабиётшиносии тоҷик ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст.

**Аҳамияти назарии таҳқиқот.** Аҳамияти назариявии рисола пеш аз ҳама дар таъйини мақоми хонаводаи Оли Микол дар таҳаввули фазои сиёсиву адабии давр, инчунин таъйини ҷойгоҳи яке аз намояндагони барҷастаи он – Абулфазли Миколӣ дар таҳаввули адабиёти арабизабони форсу тоҷик зоҳир мешавад.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот.** Маводи рисола барои такмил додани мазмуну мундариҷаи дастур ва китобҳои таълимии фанни таърихи адабиёти

арабизабони форсу тоҷик дар асрҳои X-XI хизмат карда метавонад. Имкон дорад, ки муҳаққиқон, устодони муассисаҳои таҳсилотии оливу миёнаи кишвар маводи таҳлилу тадқиқшудаи рисоларо дар таълифи мақолаҳои илмӣ, тадриси курсҳои махсуси фанни таърихи адабиёти арабизабони форсии тоҷикӣ ба сифати сарчашмаи таҳқиқӣ истифода баранд.

**Нуктаҳои асосии ҳимояшавандаи диссертатсия:**

-зуҳури шоирону адибони арабизабон аз миёни намояндагони хонадонҳои маҳаллӣ, ки дар осори худ суннатҳои роиҷи фарҳанг ва адабиёти куҳани форсу тоҷикро дар қолаби забони арабӣ идома медоданд, боис гардид, ки адабиёти арабизабони форсу тоҷик дар асрҳои X-XI дар Хуросону Мовароуннаҳр ривоҷ пайдо кунад. Яке аз хонадонҳои маҳаллӣ, ки дар рушди адабиёти арабизабон нақши муассир гузоштанд, хонадони Оли Микол ба шумор меравад;

- Абулфазми Миколӣ  намояндаи хонадони Оли Микол маҳсуб мешавад, ки ҳамчун шахсияти барҷастаи сиёсӣ дар таҳкими адабиёти миллӣ ба забони арабӣ  ва мусоидату дастгирии адибони аҳди хеш саҳми муносиб гузоштааст. Тадбирҳои муҳими адабпарварона ва осори илмиву адабии  вай ба инкишофи адабиёти арабизабони форсу тоҷик ва идомаи суннатҳои адабиёти куҳани форсӣ дар забони арабӣ боис гардидаанд.

-Абулфазли Миколӣ аз худ мероси гаронбаҳое ба забони арабӣ боқӣ гузоштааст, ки намунаҳои шоистаи адабиёти арабизабони форсу тоҷики ин аҳд ба шумор мераванд. Роҷеъ ба таълифоти аслии Миколӣ ва осори мансуб ба вай мабоҳисе муайян ҷой дорад, ки дар заминаи тадқиқоти анҷомёфта осори марбут ба қалами вай ва мансуб ба ӯ возеҳ гардидаанд.

- ашъори бозмондаи Абулфазли Миколӣ бештар дар таркиби тазкираҳо ва дигар таълифот ҷой гирифтаанд. Бино бар ин, ҷамъоварӣ, таҳия ва тадвини  муҷаддади маҷмӯаи ашъори шоир ва тарҷумаи он ба забони тоҷикӣ яке аз вазифаҳои муҳимми арабшиносии тоҷик маҳсуб мешавад.

- ҳарчанд сурудаҳои шоир дар забони арабӣ ба қалам омаданд, аммо дарунмоя ва муҳтавои аслии ашъори ӯ саршори суннатҳои адабиёти тоисло-

мӣ ва фарҳанги тоҷикиву форсӣ мебошад. Ба ин хотир, шеъри Миколӣ аз диди мухтаво ва рӯҳия аз шеъри шуарои араб фарқ мекунад.

- Абулфазли Миколӣ дар ашъори хеш аз анвоъи мухталифи саноеи бадеӣ ба кор гирифта, сурудаҳои хешро асосан дар анвоъи маъруфи шеърии адабиёти арабизабони форсу тоҷик, чун ғазал, марсия, қасида, муқаттаъот ва амсоли ин эҷод кардааст. Сурудаҳои шоир аз нигоҳи балоғати суханварӣ низ ҳоизи аҳамият буда, мақом ва ҷойгоҳи ин шоир ва адиби бузургро дар тақвияти ҷанбаҳои ҳунарии ашъори арабизабони форсу тоҷик бозгӯӣ мекунад.

**Саҳми шахсии довталаб** дар он зоҳир мешавад, ки бори аввал дар адабиётшиносии тоҷик ба таври алоҳида нақши Оли Микол дар инкишофи адабиёти арабизабони форсу тоҷики асрҳои X-XI баррасӣ гардида, дар ин миён ҷойгоҳи намояндаи барҷастаи хонадони мазкур Абулфазли Миколӣ ба таври алоҳида мавриди омӯзиш ва таҳлили ҳамаҷониба қарор дода шудааст.

**Таъйиди диссертатсия ва иттилоот оид ба истифодаи натиҷаҳои он**. Рисола дар Шӯъбаи тадқиқоти филологии Маркази илмии Хуҷандии АМИ Тоҷикистон ба анҷом расида, дар ҷаласаи муштараки Шӯъбаи тадқиқоти филологии Маркази илмии Хуҷандии АМИТ ва кафедраи филологияи араби МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» (қарори №7-ум аз 9-уми феврали соли 2019-ум) ва сексияи илмии назди МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» муҳокима гардидааст (қарори №2-юм аз 20-уми феврали соли 2021).

Мундариҷаи асосии рисола ба сурати гузоришҳои илмӣ дар конфронсҳои илмӣ-назариявии факултетҳои забонҳои Шарқ ва филологияи тоҷики МДТ ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров матраҳ гардида, тавассути чаҳор мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои илмии ҷумҳурӣ ва хориҷ аз он, аз ҷумла 3 мақола дар маҷаллаҳои шомили феҳристи КОА Федератсияи Русия ва КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидааст.

**Сохтор ва ҳаҷми рисола.** Рисола аз муқаддима, се боб, 8 фасл, хулоса ва китобнома таркиб ёфтааст. Ҳаҷми умумии рисола аз 158 саҳифаи чопӣ иборат аст.

# БОБИ ЯКУМ. МУҲИТИ СИЁСӢ, ИҶТИМОӢ ВА ФАРҲАНГИВУ АДАБИИ ХУРОСОН ДАР ЗАМОНИ АБУЛФАЗЛИ МИКОЛӢ

## I.1. Вазъи сиёсиву иҷтимоии Хуросон дар асрҳои X-XI

Баҳсу баррасии ҳудуди дақиқи ҷуғрофии вилояти Хуросон, ба вижа дар замони Сомониён ва Ғазнавиён, ки Нишопур яке аз шаҳрҳои марказии он ба шумор мерафт, дар китоби муаррихи тоҷик Сайдулло Абдуллоев бо номи «Фарҳанги Сомониён» бо такя бар нуқтаи назари таърихнигорони пешин ва имрӯз як навъ ҷамъбаст шудааст. Аз нишондодҳои асари номбурда равшан бармеояд, ки марзҳои Хуросон дар оғози интишори ислом ва пеш аз ислом сарҳади Осиёи Марказӣ ва Афғонистони имрӯзаро дар бар мегирифтааст. Дар рӯзгори Сомониён Хуросон аз ҷанбаи сиёсӣ қаламрави аз ин паҳновартареро шомил мешуд ва сарзаминҳои Мовароуннаҳр, Хоразм ва Систон низ ҷузъи Хуросони бузург ё Ховарон (Машриқ) ба шумор меомад ва аз ин ҷиҳат Сомониёнро «амирони Хуросон» мехонданд. Лекин ба мафҳуми хос ва дар таърифи ҷуғрофидонони ин давра низ Хуросон вилояте буда, ки аз шимол то Ҷайҳун ва аз ҷануб то биёбонҳои Кавири Намак ва Кавири Лут доман густарда буд [45, 18].

Адабиётшиноси эронӣ Шафеии Кадканӣ дар пешгуфтори навиштаи худ ба китоби «Таърихи Нишопур»-и Ҳокими Нишопурӣ роҷеъ ба печидагиву мубҳамии таърихи ин шаҳри бостонӣ чунин менигорад:

«Ин Нишопур, дар нигоҳи ман, фишурдаест аз Эрони бузург. Шаҳре дар миёни абрҳои устура ва низ равшаноии таърих бо субҳдаме, ки шуҳраи офоқ аст. Аз як сӯй лагадкӯби суми асбҳои бегона дар адвори мухталиф ва аз як сӯйи дигар ҳамвора ҳозир дар бистари таърих бо зеҳну замире гоҳ зиндиқаомезу фалсафӣ дар андешаи Хайём ва гоҳ равшан аз офтоби ишроқу ирфон дар чеҳраи Аттор. Таърихи ин сарзаминро бояд аз гӯшаву канори китобҳои куҳна ва сафолҳои атиқи музаҳо (осорхона- Н.Х.)-и бегона ва санги қабрҳои шикаста фароҳам овард, чаро ки чизе барои ӯ боқӣ нагузоштаанд ва он чи боқӣ гузоштаанду ҳар чи дошта бо фирӯзаҳояш дар ғорати шабонаи тотор, гоҳе нигини ангуштарии зоҳидони риёӣ шудаасту гоҳе хурҷини аспи рӯсапиёнро ороста аст» [41, 13].

Дар ҳақиқат таҳлилу баррасии таърихи дақиқу амиқи ин шаҳри бостонӣ ва афсонавӣ, бино бар таъкиди Шафеии Кадканӣ, ҳатто бо такя бар асоситарин сарчашмаҳо низ корест саъбу мушкил. Ин амри душворро дар мисоли куҳантарин асари таърихӣ роҷеъ ба ин шаҳр «Таърихи Нишопур»-и Ҳокими Нишопурӣ, ки нусхаи интиқодии охири он бо эҳтимом ва талошу заҳматҳои чандинсолаи Кадканӣ рӯйи чоп омад, метавон шарҳу баррасӣ кард.

Муаллифони араби садаҳои миёна Хуросонро ба чаҳор бахш–Нишопур, Марв, Ҳирот ва Балх қисмат мекарданд. Агар дар рӯзгори аввали футуҳоти исломӣ Марву Балх маркази Хуросон ба шумор ояд, пас дар адвори баъдӣ марказ ба Нишопур таҳвил ёфт [45,18).

Ҳамин тариқ, Нишопур ба қатори дигар шаҳрҳои марказии он рӯзгори Хуросон чун, Ҳирот, Марв, Балх, Толиқон, Нисо, Абевард ва Сарахс шомил мешуд [45,17]. Шопуршоҳ бар сабаби он, ки ҷойи Нишопур ҷое хушобу ҳаво ва найзор ба шумор меомад, ин мавзеъро аз най тоза намуда, шаҳр бунёд кард. Аз ин рӯ, шаҳри бунёдёфта Нисобур (най ва Шопур) номида шудааст. Агар аз рӯи баромади вожа муаллифи «Ғиёс-ул-луғот» сарчашмаи зуҳури онро ба вожаи Неҳ Шопур (неҳ ба маънии шаҳр ва Шопур номи подшоҳ) пайванд дода бошад, дар «Луғатнома»-и Деҳхудо ба сурати Меғ –Shahpor [146] ба қайд омадааст. Дар «Фарҳанги Сомониён» ҷузъи аввали ин калима на «неҳ» ва на «меҳ», балки «нев» ё «нек», ки шакли таҳрифшудаи «naibaka» - и порсии қадим дониста шудааст [45, 228].

Нишопур яке аз шаҳрҳои бостонии Хуросон ба шумор рафта, аз қадим фаровонии оби чашмаҳои кӯҳӣ ва обҳои зеризаминӣ боиси рушди соҳаи кишоварзӣ ва ҷалби мардуми ободонидӯст гардида будааст. Мақдисӣ, ки замони зиндагии Абулфазли Миколӣ ба ин шаҳр сафар кардааст, дар бораи фаровонии обҳои он гуфта: «Агар обҳои Нишопурро дар як наҳр гирд меоварданд, аз рӯди Даҷла пешӣ мегирифт» [115, 11-12]. Ҳавои аз ҷиҳати таркиб қавии ин шаҳри серчашмаву сабзу хуррам сабаб шудааст, ки давлатдорон Нишопурро ҳамчун пойтахт–шаҳри марказӣ интихоб кунанд.

Аз навиштаҳои ҳамасри Абулфазли Миколӣ – Саолибӣ равшан мешавад, ки Нишопур макони маъдани санги қиматбаҳои фирӯза буда, маҳз ҳамин сарвати табиии он диққати заргарону савдогарони сарзаминҳои дигарро ба худ кашида буд. Бино ба ахбори сарчашмаҳо «Худованд чаҳор чизро равою беарзиш ниҳода ва ҳамин содироти Нишопур аст: санг (фирӯза), гил (тин-ул-акул), гиёҳ (ребос), об (намак), ки барои дору ба нуқоти дур ҳам фиристода мешуд» [115,13]. Ин маълумот аз он дарак медиҳад, ки ин чаҳор чиз ҳамчун доруворӣ барои табобат истифода мешуда ва дар тамоми олам машҳуру маъруф будааст.

Истахрӣ дар китоби худ «ал-Мамолик-ул-масолик» шаҳри Нишопурро пас аз Рай ва Бағдод бузургтару ободонтариншаҳр мешуморад. Бориши зиёди борон ва барф низ заминае барои рушди соҳаи кишоварзӣ ва тиҷорат дар шаҳр мегардидааст. Ин шаҳрро бино ба сабаби фаровонии меваҳо ва хушии обу ҳаво «Димишқи кӯчак» низ меномиданд [45, 227].

Навиштаҳои таърихӣ шаҳодат аз он медиҳанд, ки дар замони ҳукмронии Исмоил ибни Аҳмади Сомониву фарзондонаш Аҳмад ва Насри Сомонӣ Нишопур дувоздаҳ деҳа дошт, ки «даромади се минбар» - и Бушт ном деҳаи он ба андозаи даромади ҳамаи Марв будааст [115, 318].

Аз рӯи нақли муаллифи сарчашмаҳои таърихӣ, аз ҷумла, Истахрӣ шаҳр дар ҳамворзамин бунёд гардида, дорои шаҳристону куҳандиз будааст. Шаҳристон чаҳор дарвоза дошт, ки Сари Пул ё Пул, Сиққаи Муаққал ё Кӯчаи Муаққал, Куҳандиз, Қантараи Тегин ё Пули Тегин ном доштанд. Куҳандизи шаҳр хориҷ аз шаҳристон воқеъ гашта, дорои ду дарвоза буд. Берун аз шаҳристон ва хориҷи куҳандиз ё атрофи онҳо рабаз воқеъ гардида, он низ панҷоҳ дарвоза дошт, аз ҷумла дарвозае, ки аз он ба Ироқу Ҷурҷон мерафтанд, Дарвозаи Қабоб, дарвозае, ки аз он ба Балху Марву Мовароуннаҳр мерафтанд, Дарвозаи Ҷанг, дарвозае, ки аз он ба Форсу Кӯҳистон мерафтанд, Дарвозаи Аҳвасобод номида мешуд. Ҳар як хиёбони шаҳр назди ҳамин панҷоҳ дарвозаҳо интиҳо меёфт [45, 229].

Масоҳати шаҳр ба арзу тӯл «як фарсанг андар як фарсанг» - чил километри мураббаъро ташкил медод, аҳолии он дар ин масоҳат зиёдтар аз аҳолии Бағдод, яъне аз 1 миллион нафар зиёд шуморида мешуд [45, 228].

Шаҳр дорои Масҷиди ҷомеъи бузурги воқеъ дар Муаскар ё Лашкаргоҳ буд, ки дар он беш аз шаст ҳазор намозгузор имкони ибодат дошт ва таҳхонаи пурвусъати он ҷои нигоҳдории ях дар тобистон буд. Ин масҷид чаҳор саҳн дошта, сақфи он бо сутунҳои хиштин пӯшонида шуда буд ва дар атрофи он се равоқ вуҷуд дошт. Сақфҳову деворҳои масҷид покизаву ороста буда, сутунҳои мармар дошт ва ин биноро ёздаҳ дар буд. Қариб як километр дуртар аз ин масҷид дорулимора–биноҳои ҳукуматӣ ва дуртар аз ин бино зиндон ҷойгир буд.

Бозорҳои Нишопур низ дар рабаз–девори берунии гирдогирди шаҳр ҷойгир буда, дар онҳо колоҳои мухталифи тоҷирони Хоразму Рай ва Гургон ба фурӯш мерафт.Соле як маротиба савдогарони минтақаҳои гуногуни ҷаҳон аз Форсу Синду Кирмон он ҷо баҳри хариду фурӯхт ҳозир мешуданд. Абӯисҳоқи Истахрӣ ду бозори Нишопурро аз бозорҳои калонтарин медонад: яке аз он ба «Мураббаъи бузург» маъруф аст ва дигаре ба «Мураббаъи кӯчак». Бозорҳо дорои корвонсароҳо буданд, ки дар он аз рӯи мансубият ба ҳирфа тоҷирону косибони мусофир муваққатан зиндагӣ мекарданд. Чунин меҳмонхонаро «шабистон» мегуфтанд, ки фақат дар Нишопур ва Шероз мавҷуд буданд [115, 15].

Бо вуҷуди ин ҳама ободиву бунёдкорӣ кӯчаҳои шаҳр дар рӯзҳои баҳору зимистон, ки борону барф бисёр меборид, серлою гил буда, ҳаракати одамону чаҳорпоёни тоҷирон мушкил будааст. Инро метавон дар ашъори шоирони ҳамдаври Абулфазл мушоҳида кард. Абуабдурраҳмон Умар ибни Ҳоким рӯзи барфу борони фасли зимистон дар кӯча аз бисёрии гилу лой ва анбуҳи мардуми подаргил аз дӯстону ҳамроҳон ҷудо шудану ба афсӯс гузаронидани соатҳои ғанимати умрашро чунин ифода намудааст:

حَالَ بَيْنِي وَ بَيْنَ كُلِّ جَبِيبٍ        وَأَخٍ لِي مَؤَانِسٍ أَوْ حَالُ

فَارَقُونِي فَلَيْتَ شِعرِى عَنْهُمُ        أعلى عندنا هُمُ اَوْ حَالَوا [41, 115]

(Яъне: Гилу лойи гузаргоҳ миёни ману ёрону бародарони мунисам ҷудоӣ андохтааст.

Онон маро тарк кардаанд ва эй кош медонистам, ки оё онҳо бар ҳамон аҳду паймони хеш боқӣ мондаанд ва ё тағир ёфтаанд).

Шоири дигар Ҳасан ибни Яъқуб аз беаҳамиятии масъулону мутаваллиёни бозор дар чунин рӯзҳои борону барфи зимистонӣ шиква карда, ба онҳое, ки ӯро ба хонашинӣ сарзаниш мекунанд, мегӯяд:

قُلْ لِمَنْ يَعْذُلُنِى فِى إِنْجِحَارِ ى          بَعْدَ اَنْ شَادَ الشِّتَاءُ رِوَاقَه

لاَ تَلُمْنِى فِى لُزُومِى لِبَيْتِى          إِنَّ عَوْمِى فِى الْخَرَا لَحَمَاقَةُ **[41,115]**

(Яъне: Баъди он, ки зимистон айвони худро бино намуд, ба он нафаре, ки маро барои дар хона пинҳон шуданам сарзаниш мекунад,бигӯ:

Ба хотири хонашин шуданам маро маломат макун, зеро дар ҳақиқат шино кардан дар наҷосат маро нишонаи ҳамоқат аст).

Аз маърифати маънии ин байтҳои шоир ба чунин натиҷа расидан мумкин, ки дар фасли зимистону баҳор роҳи кӯчаву бозори серодами Нишопур ба гилхонаи пур аз чирку партов мубаддал мешудааст. Аз ин рӯ, инсонҳои табъашон баланд аз баромадан ба кӯча дар чунин вазъият дида хонанишиниро афзалтар медонистанд.

Дар баҳору тобистону тирамоҳ хонаҳои мардуми шаҳр аз ҳисоби оби корезҳо, ки аз чашмаҳои кӯҳ оварда буданд, таъмин карда мешуд. Баъзе ҳавлиҳои берун аз шаҳр низ аз ҳисоби оби корезҳо обёрӣ мешуданд. Ҳамчунин рӯди калони водии Сағовар, ки аз қаряи Бастанқон ё Баштанқон ибтидо гирифта, то якфарсахии шаҳр убур мекард ва ҳафтод осиёби сари роҳашро мегардонд, барои обёрии шаҳр хизмат мекард. Боғи Шодёх, ки аз тарафи Абдуллоҳ ибни Тоҳир (828– 844) бунёд гардида буд, шукӯҳи шаҳрро даҳчандон меафзуд. Минбаъд дар замони салтанати Сомониёну Ғазнавиён дар ин ҷо биноҳо аз тарафи Ҳасанаки Вазир пӯшонида шуд. Ҳатто боғу биноҳои Шодёх то замони ҳамлаи муғулҳо аз тарафи Салҷуқиён низ мавриди таъмиру тармим қарор мегирифт.

Нишопур дорои бист рустову шаҳри хурд буда, ҳамчунин шартан Тӯсу Родахон, Тобирон, Буздиғаро ва Навқон аз тавобеи ин шаҳр мебошад. Чаҳор рустои ин шаҳр–Шомот, Реванд, Мозул, Бўштафурўшро бино ба ваҷҳи фаровонии ҳосили замину боғоташ «Чаҳор хон» меномиданд. Рустои Реванд, ки Такоб низ номида мешаваду имрӯз ҳам дар қисмати ғарбии Нишопур мавҷуд аст, бо зардолуҳои шаҳдбораш ҳанӯз шуҳрат дорад.

Ҳунари бофандагӣ ва ресандагии нишопуриён сар то сари давлатҳои ба Шоҳроҳи Абрешим пайванд шуҳрат дошт ва маҳсулоти дастии онон дар бозорҳо ба фурӯш мерафт. Тавлиди наххҳои абрешимӣ, хосса нахи абрешимии «мусаммат», дастмолу ҷомаҳои рангоранг, порчаҳои латифи мавсум ба «собирӣ», порчаҳои хат-хати мавҷдори мавсум ба «уттобиёт», либосҳои абрешимии зардӯзӣ бо номи «сақлотуниёт» сабаби равнақи бозори содиротии Нишопур мешуд [115, 15).

Ҳодисаи таърихие, ки пояи зиндагии иҷтимоии нишопуриёнро ба ларза овард, қаҳтсоле буд, ки соли 935 м. ба вуқуъ пайваст. Асари ин қаҳтсол ҳанӯз аз хотири нишопуриён сутурда ношуда, соли 1009 м. офати табиӣ сар зад. Дар фасли сармои шадид, ки пайдарҳам 67 навбат барф борид, мардуми Нишопур хисороти зиёд диданд, 170 ҳазор нафар аз онҳо ҳалок шуданд. Аз рӯи маълумоти «Тарҷумаи «Таърихи Яминӣ» «одамон аз шиддати сармо ва гуруснагӣ гӯшти ҳамдигарро мехӯрданд [115, 17; 59, 526-527].

Шоире, ки шоҳиди ин ҳодисаи гӯшношунид буд, дар шеъраш одамонро аз баромадан ба кӯча манъ мефармояд:

لاَ تخْرُ جَنَّ مِنَ الْبُيُوتِ لِحَا جَةٍ اَوْ غَيْرِ حَاجَه

وَالْبَابَ أغْلِقْهُ عَلَيْكَ مُوَثَّقًا مِنْهُ رِتَاجَه

لاَ تَقْتَنِصْكَ الجَائعُونَ فَيَطْبَخُونَ بِشورْ بَاجَه [115, 17]

(Яъне: Чи барои зарурат ва чи ғайри он, аз хона берун марав.

Дарро ба рӯи худ бибанду бовар кун, ки дарвоза низ бастааст.

То гуруснагон туро шикор накунанд ва дар оташу шӯрбо напазанд).

Бемории тоун ҳам боиси марги аҳолии Нишопур дар аҳди Ғазнавиён гашт.

Дар замони Сомониён зимомдории Нишопур дар дасти Маҳмуди Ғазнавӣ буд. Маҳмуд, ки бо шахсияти меҳварии шаҳр Абӯалӣ Ҳасан ибни Муҳаммади Миколӣ, ки бо лақаби Ҳасанаки Вазир маъруф аст, ошноӣ дошт, баъди ба сари қудрат омадан оташи низоъҳои хуфияи дохилии шаҳрро миёни сарватмандон ва ашхоси ҷоҳталаб хомӯш карда, ба ободониву умрон даст зад. Бозорҳои шаҳр дар замони салтанати ӯ бо тарҳи тоза бино гардида болои онҳо рӯпӯш карда шуд. Дар маҷмӯъ, барои ободонии Нишопур сад ҳазор динор маблағ сарф гардид.

Оли Соид аз хонаводаҳои баноми шаҳри Нишопур буданд, ки дар тарбияти Масъуд–писари Маҳмуд саҳм гирифтаанд [115,18]. Қозӣ Соид аз содоти ин хонавода ба шумор мерафт, ки ҳамчун руҳонӣ назди Ғазнавиён мақому эътибори баланд дошт. Сиёсати давлати Ғазнавиён, ки бар уламои ислом бештар такя карда, худро дар сояи парчами ислом қарор медоданд, хосияти динӣ гирифта буд. Аз ин рӯ, рӯҳониёни мусалмон дар назди авом ва аҳли ҳукумату сиёсат эътибору обрӯ ва нуфузи хос доштанд. Қозӣ Соид намояндаи барҷастаи мазҳаби ҳанафӣ буд ва пуштибони бевоситаи ӯ Султон Маҳмуд ба шумор мерафт.

Масъуд, ки парвардаи ҳамин шаҳр буд ва тарзи зисту ахлоқи нишопуриён бар табиати вай нуфузи зиёд дошт, дар ҳама ҳол ба онҳо такя мекард. Хароҷоти лашкари Масъуд, ки бо туркони салҷуқӣ пайваста дар ҳоли ҷанг буд, то соли 1040 соли шикасти вай дар задухӯрди назди Дандонақон аз ҳисоби нишопуриён пардохт мешуд.

Хуруҷи аҳолии Тӯс дар соли 1034 м. бар зидди нишопуриён, ҳамлаи сипоҳиёни Туғралшоҳи Салҷуқӣ дар соли 1038 м. ва таслими нишопуриён ба онон, сар задани қаҳтсолӣ ва ҳуҷуми туркмонон дар соли 1040 м. ва дубора ба ихтиёри Масъуд гузаштани Нишопур аз воқеаҳои муҳими сиёсию иҷтимоӣ ба шумор мерафт.

Нишопур, ки аз «марокизи ҷанҷолии Хуросон» [115, 99] буд, таъсироти манфӣ ё мусбати падидаҳои иҷтимову табаддулоту тағйиротҳои сиёсӣ аввал дар ин шаҳр эҳсос мешуд.

Дар даврони таназзули ҳукумати Сомониён минтақаи Хуросон дар ихтиёри сипаҳсолорони турк, ки дастпарвари Сомониён буданд, қарор дошт. Аз рӯи навиштаи академик Бобоҷон Ғафуров мақому нуфузи сипаҳсолори турк Алпетгин дар вазорату раёсати ҳукумати Сомониён то ба дараҷае афзуда буд, ки писари Нуҳ Абдулмалики II бидуни розигии ӯ, ҳатто касеро ба маснади вазорат таъин карда наметавонист.

Дар замони Абдулмалики аввал ҳукумати Хуросон ба ихтиёри Абӯсаид Бакр ибни Молики Фарғонӣ гузашт ва ӯ шаҳрбонии Нишопур –маркази Хуросонро то соли 1044 м. бар уҳда дошт. Дар ин даврон сипаҳсолори Хуросон Абӯалӣ ибни Абулҳасани Симҷурӣ, ки миёни туркон аз афроди эътимодноки Сомониён буда, зиёд аз сӣ сол бо онон ҳамкорӣ дошт, таъйин шуд. Баъди аз вазорат дур шудани Абӯмансур ва ба ҷои ӯ омадани Абуҷаъфари Утбӣ сипаҳсолори Хуросон Абулҳасани Симҷур баргумошта шуд. Сипаҳсолорон, ки лашкари бузург дар ихтиёр доштанд, дар фурсатҳои мусоид хокимиятро метавонистанд ба дасти худ гиранд. Абулҳасани Симҷурӣ, чун мардуми Хуросонро ба танг овард, аз сипаҳсолорӣ барканор гардида, ба ҷои он Муҳаммад ибни Абдурраззоқи Тусӣ сипаҳсолор таъйин шуд ва ӯ як навъ осудагию амни иҷтимоиро барқарор намуд. Аммо дере нагузашта соли 961 м. Вушмгири Зиёрӣ, ки муттаҳиди Абулҳасани Симҷурӣ буд, сипаҳсолори Хуросонро захр дода, заминаеро барои дубора ба даст овардани ҳукумати Хуросон ба дӯсти худ фароҳам овард. Баъди даргузашти Абӯмансур писараш Нӯҳи II ба ҷои ӯ нишаст. Симҷурӣ аз фурсат истифода бурда, духтарашро ба ӯ дода, унвони «носируддавла» гирифта, ҳукумати худро дар Хуросон устувор ва ҳудуди онро бо ворид кардани Ҳироту Қаҳистон васеъ кард.

Абулҳасани Симҷурӣ соли 981м. бино бар сабаби он ки ба амири сомонӣ Нӯҳи II дар ҷанги Қарохониҳо мадад накард, аз вазифа сабукдӯш гардид. Ба ҷои ӯ ба Хуросон Ҳисомуддавла Абулаббоси Тош волии Хуросон таъин гашт. Симҷурӣ, ки дар ин кор даст доштани вазирро нағз медонист, аз алам дар рӯзи хондани маншур ба намояндаи амир ва мардуми Нишопур бо ситеза изҳори норизоӣ кард. Аммо минбаъд раъйи худро маккорона тағйир дода, бо

дар миёна андохтан ва фиристодани Абӯнаср ибни Аҳмади Миколӣ (ваф. пеш аз с. 1025 м.) ба Бухоро нақшаи нав кашид, то аз вазир Абулҳусайн Абдуллоҳ ибни Ҳасани Утбӣ интиқом гирад. Симҷурӣ соли 982 м. бо ёрии Фоиқи пардадор, ки аз мухолифони сипаҳсолори нави Хуросон –Тош буд, тавонист Утбиро аз вазорат дур кунад ва одами худ - Абдурраҳмонро ба вазорат нишонад. Абдурраҳмон дар иваз соли 983 м. ба ҷои Тош писари Абулҳасани Симҷурӣ Абӯалиро сипаҳсолору ҷонишини худ дар Хуросон эълон кард. Ҳамин тариқ, ҳукумати Хуросон то соли 988 м., ки ба марги Абулҳасани Симҷурӣ рост омад, аз даст ба даст интиқол мешуд. Баъди марги падар ҳукумати Хуросон ба ихтиёри писар–Абӯалии Симҷурӣ гузашт. Амири сомонӣ Нӯҳи II нуфузи сиёсии ӯро ба инобат гирифта, «Имодуддавла» лақаб дод, аммо Абӯалӣ аз хутба номи амирро гирифта, худро амирулумаро эълон кард.

Абӯалии Симҷурӣ бар зидди амири сомонӣ хуруҷ эълон кард. Нӯҳи II бо ёрии Абулҳориси Фариғунӣ ва Сабуктегин бо сипоҳи муқтадир аз Бухоро баромад ва Сабуктегинро бо писараш Маҳмуд ба сари Абӯалии Симҷурӣ фиристод. Соли 994 м. Абӯалии Симҷурӣ ва Фоиқ ҳарду шикаст хурданд ва Хуросон ба ихтиёри Сабуктегин гузашт.

Вазъи сиёсии Хуросон ва маркази он шаҳри Нишопур куллан тағйир ёфт. Амнияту оромӣ сабаб шуд, ки рафтуомади корвони тоҷирон ба ин вилоят афзояд. Баъди дубора эҳёву обод шудани Нишопур Сабуктегин ба Ҳирот рафт ва Хуросонро дар ихтиёри Маҳмуд гузошт. Аз ин фурсат Абуалӣ ва Фоиқ истифода карда, соли 995 м. ба Нишопур ҳуҷум карда, Маҳмудро ба фирор маҷбур карданд. Сабуктегин дубора ба Нишопур лашкар кашиду онро тасхир кард. Абӯалӣ ва писараш Абулҳусайн баъди гурезогурез ва пуштибонҷӯӣ соли 997 м. дар Бухоро зиндонӣ ва ба дасти Сабуктегин ба қатл расиданд.

Баъди марги Сабуктегин дар соли 997 м. кору ташвиши Маҳмуд низ зиёд гашт. Дар Хуросон ҳукумат ба дасти Бектузун – дастнишондаи Абулҳорис ҷонишини амир Мансури дуюм гузашт. Аз ин фурсат истифода намуда, бародари Абӯалии Симҷурӣ ба Қобус, ки дар Гургон буд, нома навишта

изҳори ҳамкорӣ кард. Ҳарду ба Нишопур ҳаракат карда, Бектузунро ба ақибнишинӣ водор карданд.

Давлати бузурги Сомониён дар ихтиёри сипаҳсолорони турк монда, Хуросон низ давоми ду-се сол мавриди кашмакашҳои сиёсии онҳо қарор гирифт, то ин ки Маҳмуд дар соли 1000 м. бо забт кардани Нишопур сипаҳсолории Хуросонро дар ихтиёри бародари худ Наср гузошт. Худи ҳамон сол охирин намояндаи сулолаи Сомониён Абӯиброҳим Исмоил ибни Нӯҳи мулаққаб ба «ал-Мунтасир» бо ёрии Абулқосими Симҷурӣ ба Нишопур ҳамла овард ва Насрро ба фирор маҷбур кард. Аммо Маҳмуд зуд ба ёрии бародар шитофт. ал-Мунтасир ин хабарро шунида, ба қасди даргоҳи Қобус Нишопурро тарк кард ва баъди як сол боз ба Нишопур дар соли 1001м. ҳамла кард. Ин дафъа аз Наср ва Олтунтош, ки гумоштагони Маҳмуд буданд, шикаст хӯрд.

Аҳолии Нишобур, ки гӯё ба ҷангу кашмакашҳои ҳокимону давлатдорон одат карда буданд, ба қавли Гардезӣ дар «Зайн ул-ахбор» ба шарафи ғалабаи Насру Олтунтош шаҳрро ба зебоиҳо ороста гардониданд [115, 39]. Нишопур ҳамчун маркази тиҷорӣ ва дарвозаи Хуросон байни Ғазнавиёну Қарохониён ва ворисони Сомониён, ки ба ин шаҳри аҳамияти стратегидошта чашм медӯхтанд, оташи низоъро баландтар мекард. Муҳаммад Боқир Ҳусайнӣ муаллифи «Ҷоҳизи Нишопур» дар ин бора чунин менависад: «Мавқеияти вижаи вилояти Хуросон ба унвони шоҳроҳи иртиботии шарқу ғарб ва суддиҳии бозорҳои тиҷории он, махсусан Нишопур, ки аз марокизи санъату ҳирфаҳои бумӣ ба шумор меомаданд ва колоҳои тавлидии онҳо то навоҳии дурдаст содир мешуд, оидоти бисёреро метавонист насиби фотеҳони он диёр намояд» [115, 40].

Соли 1006 м. вақте Маҳмуд таваҷҷуҳи худро ба шарқ равона кард, яке аз лашкаркашони Қарохониҳо бо номи Сипостегин Балху Ҳироту Нишопурро таҳти тасарруф даровард. Маҳмуд баъди ду соли мубориза дар соли 1008 м. боз ин маркази муҳими сиёсиро ба даст гирифт ва боз ба ихтиёри бародараш Наср вогузошт. То замони аз олам даргузаштани Маҳмуд (соли 1030м.) касе

аз Қарохониҳо ва дигар ҳокимони манфиатҷӯй ҷасорати онро надоштанд, ки ба Нишопур ҳамла намоянд.

Дар аҳди Масъуди Ғазнавӣ, ки баъди ғалаба худро ба айшу ишрат дода буд, туркони салҷуқӣ сар баровварданд. Масъуд аз Нишопур ба сари онҳо дар соли 1035 м. лашкаре бо сарварии Бектуғдӣ ва Хоҷа Ҳусейн Алии Микоил ба Нисо фиристод. Сипоҳи фиристодаи Масъуд дар ин ҷанг шикаст хӯрд ва Алии Микоил асир афтод. Туркони салҷуқӣ соли 1037 м. Сарахсу Абевардро низ тасхир карданд. Соли 1038 м. ҳам лашкари ба Сарахс фиристодаи Масъуд боз шикаст хӯрд.

Волии Хуросон дар Нишопур Абулфазли Сурӣ шикасти Масъудро пешбинӣ карда, молу колои қиматбаҳои худ ва нишопуриёнро дар «Қалъаи Миколӣ» пинҳон кард. Худи ҳамон сол Нишопур ба дасти туркони салҷуқӣ гузашт. Андарзу насиҳатҳои Қозӣ Соид, ки аз рӯҳониёни маъруфи Нишопур буд, Туғралшоҳро асар намуду бо нишопуриён хушрафториро пеш гирифт. Пас аз чанд моҳ соли 1039 м. Масъуд Нишопурро боз аз туркони салҷуқӣ кашида гирифт, аммо шикасти ӯ дар ҷанги Дандонақон боис шуд, ки Хуросон ба дасти Салҷуқиён гузарад.

Шаҳри Нишопур ҳамчун маркази ба ҳам омадани қавмҳои гуногун ва маҳалли бархӯрду омезиши фарҳангҳову анъанаҳои халқҳои гуногун шуҳрат дошт. Омили дигари шуҳрати ин шаҳр фаровонӣ ва ҳосилхез будани замин ва табиати он буд, ки зиндагии мардумро аз ҷиҳати иқтисодиву молӣ, ҳатто баъди қаҳтсолӣ, ҳуҷуму ғорати душманон ҳам, муҷаддан эҳё мекард.

Бо вуҷуди ин зиндагии мардуми бечора дар Нишопур аз мушкилиҳо орӣ набуд. Аз ном ва мазмуни мақомаҳои Бадеуззамони Ҳамадонӣ, ки дар аксар шаҳрҳои Хуросон ва билоди исломӣ, аз ҷумла Балх, Сиистон, Куфа, Озарбойҷон, Ҷурҷон, Исфаҳон, Аҳвоз, Бағдод, Басра, Бухоро, Қазвин, Мусил, Шероз, Ҳулвон, Шом, Мароға, Нишопур саёҳат намуда буд, пайдост, ки дар натиҷаи ҷангу хунрезиҳои пайдарпайи давлатдорон аксари мардум хонахаробу бесарпаноҳ монда, маҷбур буданд ба гадоӣ ва корҳои зишту пасти дигар даст зананд. Барҳам хурдани низоми иҷтимоӣ ҳангоми аз даст ба даст гузаштани шаҳру навоҳӣ, на танҳо халқи одиро, балки тамоми қишри

ҷомеаро ба таҳлука меовард. Ин вазъ боис мешуд, ки онҳо барои рӯзгузаронӣ ва маоши худ роҳи дуздӣ ва гадоиро пеш гиранд [126, 44].

Бадеуззамони Ҳамадонӣ дар мақомае, ки бо номи «Нишопурия» машҳур аст, аз зулми қозӣ, аз рафтори коргузороне, ки моли мардумро муфт мехӯранду ба ятимон, заифону фақирон раҳме надоранд ва назди худ аз пастии фитрат ҳеч гуна эҳсоси гуноҳе намекунанд, иттилоъ медиҳад. Дар мақомаи мазкур Ҳамадонӣ аз забони Исо ибни Ҳишом ба нақли ҳикоят сар карда мегӯяд: «Дар рӯзи ҷумъа дар Нишопур будам ва дар намози ҷамоат ҳозир шудам ва шахсеро дидам, ки барои қазоват ва доварӣ назди касе рафт, ки либоси қазоват пӯшида буд ва дар ҷавоби суоли ин кист? Ба ӯ гуфт: Ин кӯраку ҳашарот офатест, ки фақат либоси пашми ятимонро мехӯрад ва малахест, ки фақат бар киштаи ҳаром меафтад» [133, 87].

Аксар мардуми Нишопур ба ду мазҳаб мазҳаби ҳанафӣ ва шофеӣ пайравӣ доштанд. Албатта, ин навъи пайравии эшон аз сиёсати динии сулолаҳои Сомониёну Ғазнавиёну Салҷуқиён, ки худро суннимазҳаб медонистанд, сарчашма мегирад. Дар Нишопур уламои шофеӣ бештар аз уламои ҳанафӣ буданд, аммо имомату хитобати ҷумъа, ки аз тарафи ҳукумат идора мешуд, бар ухдаи ҳанафиён вогузор буд. Мансаби қазоват насиби намояндагони ҳарду мазҳаб мешуд. Аҳли ташаййуъ низ дар Нишопур зиндагӣ доштанд ва дар ҳаёти динии шаҳр нуфузи муайян доштанд.

Тасаввуф бо назардошти он ки маънавиятро бар моддият тарҷеҳ медод, аз тарафи қишри камбағали Нишопур тарафдории бештаре ёфт. Абӯусмони Ҳирӣ, Абулқосим Қушайрӣ, Абӯабдурраҳмони Сулламӣ, Абӯсаид Абулхайр ва дигар саромадони сӯфия бо истифода аз илми калом, насиҳату ҳидояти аҳли ҷоҳу давлат ва бунёди хонақоҳҳо доираи ҳалқаҳояшонро васеъ ва шумори муридонро зиёд карда, на танҳо нуфузи маънавӣ, балки нуфузи моддӣ низ касб менамуданд [115, 54, 55].

Таваҷҷуҳи Ғазнавиён ба мазҳаби ҳанафӣ камтар аз таваҷҷуҳи Сомониён набуд. Султон Маҳмуд баъди ба ихтиёри худ даровардани Хуросон фақеҳи ҳанафимазҳаб Абӯсолеҳи Таббониро, ки сипаҳсолори Сомониён дар

Нишопур буд, ба Ғазна бурд ва имоматии ҳанафиёнро бар уҳдааш вогузошт [45, 206]. Дар Нишопур пешвои мазҳаби ҳанафӣ Қозӣ Соид ба шумор мерафт.

Аҳли адаб агар номи нафаре аз саромадони равия ё маслаки дигареро ғайр аз ду мазҳаби номбаршуда ба асарашон ворид мекарданд, ба туҳмату буҳтон дучор мегаштанд. Аз ҷумла, Ҳокими Нишопуриро барои он ки номи Муҳаммад ибни Карроми Сиҷистониро ба асараш ворид карда буд, муттаҳам ба пайравӣ аз мазҳаби карромия карданд ва дӯсти Ҳоким– орифи номвар Аӯабдурраҳмони Сулламӣ ба ӯ тавсия дод, ки ҳадисеро дар фазилати Муовия нақл кунад [41, 36]. Ин мисол далели он аст, ки бо вуҷуди он ҳама имконоту шароити рушд мазҳаб метавонистааст барои донишмандони озодандеш маҳдудае эҷод кунад.

Новобаста аз ин маҳдудаҳо озодӣ барои озодандешон, ба вижа аҳли тасаввуф барқарор ва дастрас буд. Дар Нишопур занони қаввола дар маҷлиси самоъ ширкат меварзиданд. Яке аз чунин «мастуроти қавволот» Ҳазора ном дошт, ки аз шунидани овози ӯ ҳатто фуқаҳои давр рӯгардон набуданд ва Ҳокими Нишопурӣ низ ба қатори чунин фақеҳону муҳаддисон шомил мешуд [41, 33].

Уламои ислом дар Нишопур ба тариқи сабқату озмун барои васеъ кардани ҳалқаҳои ҳаводорони назария ва ақида ва бад-ин васила мустаҳкам кардани мақому пояи худ ба бино кардани мадрасаҳо даст мезаданд. Аз рӯи навиштаи Ҳокими Нишопурӣ аввалин мадрасаи Нишопур мадрасаи Қаттони Нишопурӣ буд, ки муассиси он Абӯисҳоқ Иброҳим ибни Маҳмуд ибни Ҳамзаи Нишопурӣ, маъруф ба Қаттони Нишопурӣ (ваф. 299/911-912) аз парчамбардорони наҳзати таълиму тадрис дар Хуросон маҳсуб мешуд. Мадрасаи дигари маъруфи  Нишопур, мадрасаи Юсуф ибни Ҷаъфари Нишопурӣ буд, ки дар замони ҳукумати  Наср ибни Аҳмади Сомонӣ (914-943) бунёд гардид. Бино ба ахбори сарчашмаҳои таърихӣ, дар Нишопури асрҳои X-XI ҳамчунин мадрасаи Абуисҳоқи Исфароинӣ, мадрасаи Абулҳасан Муҳаммад ибни Шуайб ибни Иброҳими Байҳақӣ, мадрасаи Ҳасан ибни Юсуфи Нишопурӣ маъруф ба мадрасаи Ҳаддод, мадрасаи Абӯисҳоқи

Бастомӣ, мадрасаи Ибни Фурак, мадрасаи Абубакри Бустӣ, мадрасаи «Собуния»-и Абӯусмони Собунӣ, мадрасаи Абӯвалиди Қурашӣ, мадрасаи Абӯсаҳли Саълукӣ амал мекарданд, ки дар рушду тавсеаи илму маорифи замон саҳми бузург доштанд. Ин мадрасаҳо дорои мавқуфоте буданд, ки тамоми хароҷоти таълиму тадрис, аз ҷумла маоши мударрисон, идрорпулии муҳассилон ва фаъолияти мадраса аз ҳисоби он таъмин мегардид. Устодоне, ки дар ин мадрасаҳо ба таълим машғул буданд, аксаран аз донишмандони замон маҳсуб мешуданд [108,41-67].

Нишопуриён бо вуҷуди ин ҳама диққату гироиш ба дини ислом ба баргузории ҷашнҳои Меҳргону Наврӯз, ки реша дар фарҳанги бостонии эронӣ дорад, таваҷҷуҳи вижа зоҳир мекарданд. Ҷашни Наврӯз, ки маҳз бо ташаббуси тоҷикон дар оғози садаи XXI барои ба ҳам овардани халқҳову миллатҳо ҷаҳонӣ шуд, дар қарни X ҳам ҳамин омили ваҳдату сарҷамъии мардум ба шумор мерафт. Дар ин рӯз ситезахӯёну мутаассибини мазҳабҳо, ки баъзан байни ҳамдигар баҳсу муҷодилаҳо ва кашмакашу задухӯрдҳо мекарданд, ночор аз паси раияту қавми худ сари хони наврӯзӣ бо ҳам меомаданд. Масъуди Ғазнавӣ худ дар ин ҷашнҳо ширкат мекард ва ба арзишҳои фарҳангии мардуми Нишопур эҳтироми вижа қоил мешуд. Иштироки шахси аввали давлат дар чунин маросимҳо нишони озодии мардум дар таҷлили анъана ва русуми аҷдодӣ ба шумор мерафт.

Ба ҳар ҳол, аз рӯи маълумотҳои мавҷудаи таърихӣ, ки фишурдае аз он дар боло оварда шуд, вазъи сиёсиву иҷтимоӣ ва иқтисодии маркази Хуросон – Нишопур барои рушду нумӯи адабиёту фарҳанг мусоид омада, новобаста аз ҷангу кашмакашҳои пайдарпайи ҳокимону сулолаҳои музаффару мағлуб, таваҷҷуҳи аҳли адаб ба ин сарзамини шоирхезу адабпарвар зиёд будааст. Тоҷирону аҳли ҳунару адаб ба ин шаҳр аз ҳар гӯшаю канор омада, васфи боду ҳаво, бинову қасрҳо, масҷиду марказҳои маъмурӣ, бозорҳову амволи тиҷориро намуда, табиати мардуми ин ҷоро мувофиқи чигунагии бархӯрдашон баҳо медоданд. Абулфазли Миколӣ ва Оли Микол дар ин шаҳр соҳиби нуфузу эътибори хос будаанд.

## II.2. Доираи адабии Нишопур ва рушду нумӯи адабиёти арабизабон дар он

Нишопур зодбум ва парвозгоҳи бисёре аз аҳли адаб ва донишмандони улуми диниву дунявӣ дар асрҳои X ва XI буд. Беҳуда нест, ки ин шаҳр дар таърихи илму адаб ва маорифи форсӣ – тоҷикӣ ва исломӣ ба ҳайси «дор-ул-улум» ва «маҷмаи аҳли илму адаб» шуҳрат пайдо кардааст. Ба шарофати донишмандону адибоне, ки аз ин шаҳри илму адабпарвар бархоста ва ё онро макони зиндагӣ ва фаъолиятҳои худ қарор додаанд, Нишопур, новобаста ба мушкилоту душвориҳои ҳаёти сиёсиву иҷтимоии худ дар давраи мавриди назар, дар ташаккул ва равнақи адабу фарҳанги форсизабону арабизабон саҳми бузург гузоштааст. Дар рушди Нишопур ба унвони як маркази илмиву адабӣ нақши хонадони Миколиён ва хоссатан Ҳасан ибни Муҳаммад Миколии маъруф ба Амир Ҳасанак, Абӯнасри Миколӣ ва писараш Абулфазли Миколӣ, ки раёсати шаҳрро ба уҳда доштанд, хеле бузург буд. Намояндагони ин хонадон бо адабпарвариву илмдӯстӣ ва дастгирии моддиву маънавӣ аз бузургони илму адаб онҳоро дар Нишопур ҷамъ оварданд ва бад-ин васила заминаҳои мусоидро барои рушду шукуфоии илмиву адабии ин шаҳр ва ба таври умум Хуросони он даврон фароҳам оварданд.

Аҳли адабиёт ва олимону донишмандони садаҳои X ва XI дар ҳавзаи адабии Нишопур чун намояндагони илму адаби дигар ҳавзаҳои адабӣ вобаста ба донишу истеъдод, мақоми маънавӣ бештар мавриди эҳтироми зимомдорони сомониву ғазнавӣ қарор мегирифтанд. Дар ҳар давру замон арбоби дониш, ки мағзҳои мутафаккиру мубтакир ба шумор мерафтанду меравăнд, ҳароина ба корҳои идорӣ ва сиёсӣ кашида мешуданд. Зеро аҳли илму адаб ҳамеша баробари иҷрои амри ҳокимону давлатдорон ҳаққи халқи одиро фаромӯш намекарданд, ҳадди инсофро дар корҳои ҳукуматӣ ҳаддалимкон риоят намуда, шиддати зулму истибдоди ҳуккоми ҷоҳпарасту шуҳратхоҳро бар авом пасттар менамуданд. Аксари онҳо ба сифати миёнрав дар байни ду сулола гоҳе мавриди эҳтиром, гоҳе мавриди ғазаби сиёсатмадорон қарор гирифта, ба авҷи иззату икром ва ё ба пастии хориву

зиллат ва ҳатто марг кашида мешуданд. Аз рӯи маълумоти Шафеии Кадканӣ дар пешгуфтори «Таърихи Нишопур» равшан мешавад, ки муаллифи асари мазкур Ҳокими Нишопурӣ (933 м.– 1014 м.), ки аз донишмандони ҳамзамони Абулфазли Миколӣ буд, ҳамчун миёнҷии сиёсӣ муносибати сулолаи Оли Бувайҳ (Бӯя) ва Сомониёнро ба танзим медаровард [41, 35].

Адибон барои нарм кардани дили сахти ҳокимони замон ба навиштани китобҳои марбут ба зиндагиномаи бузургони дини ислом мепардохтанд ва бо ин роҳ мехостанд ахлоқи онҳоро тағйир диҳанд. «ал-Иклил»-и Ҳокими Нишопурӣ, ки барои Абуалӣ ибни Симҷур навишта шудааст, ба ин навъ асарҳо мисол шуда метавонад. Ин асар дар бораи зиндагиномаи Пайғамбар (с) ва ҳамсарони ӯ навишта шудааст.

Забони арабӣ дар Нишопур миёни олимону адибон ва аҳли дин нуфузи зиёд дошт. Дар ин маврид бояд таъкид кард, ки мақом ва нуфузи забони арабӣ дар Нишопур собиқаи таърихӣ дорад, ки он ба қарнҳои нахусти ислом ва хоссатан ба даврони ҳукумати Тоҳириён (821-873) бармегардад. Дар аҳди амир Абдуллоҳ ибни Тоҳир (828-844) маркази давлати Тоҳириён аз Балх ба Нишопур кӯчонида шуд ва ин амр дар рушди ин шаҳр ба ҳайси конуни сиёсат, адаб ва фарҳанг нақши муҳим гузошт. Тоҳириён бино бар муқтазоёти замон ба назму насри арабизабон таваҷҷуҳи хос зоҳир мекарданд. Чанде аз намояндагони ин сулола, мисли Тоҳир ибни Ҳусайн, Абдуллоҳ ибни Тоҳир, Убайдуллоҳ ибни Абдуллоҳ, Мансур ибни Талҳа ибни Тоҳир ба ҳайси шоирону адибони арабизабон шуҳрат доштанд. Бинобар ин, пойтахти давлати онҳо – шаҳри Нишопур дар асри сеюми ҳиҷрӣ/ нуҳуми мелодӣ ба маркази муҳимми рушди шеъру адаби арабизабон табдил ёфта буд. Ҳамчунон ки аз таҳқиқоти Н. Зоҳидӣ бармеояд, дар доираи адабии Нишопури аҳди Тоҳириён шоирону нависандагони маъруфи арабизабон, аз қабили Авф ибни Муҳаллими Хузоӣ, Абуламайсал Абдуллоҳ ибни Хулайд, Аҳмад ибни Абӯхолиди Зарир, Муҳаммад ибни Алии Синӣ, Аллони Шуубӣ, Фазл ибни Абдуссамади Раққошӣ ва ҳамчунин яке аз нахустин шоираҳои

арабигӯ Сакан бо бархурдорӣ аз дастгириву инояти амирони Тоҳирӣ ба эҷоди осори манзуму мансури арабизабон пардохта буданд [69, 44-45].

Дар замони Сомониён (874-999) шеъру адаби арабизабон дар баробари зуҳур ва шукуфоии шеъру адаби форсизабон ба таври бесобиқа дар Хуросон густариш пайдо кард. Ба шарофати сиёсати дурбинонаи Сомониён, ки дар баробари ташвиқ ва тақвияти забон ва адаби форсӣ-тоҷикӣ ба унвони рисолати миллии хеш ҳамчунин аз забону адаби арабизабон дар қаламрави мамлакати худ ҳимоят мекарданд, Бухоро ба ҳайси маркази шукуфоии адабиёт ба ду забон – форсӣ-тоҷикӣ ва арабӣ дар ақсои олам шуҳрат пайдо кард. Дар баробари ин дар Нишопур низ маркази дигари адабу илми арабизабон ташаккул ёфт, ки садҳо адибону шоиронро дар аҳди Сомониёну Ғазнавиёну Салҷуқиён ба ҳам оварда буд. Чароғи маҳфилҳои шеъру адаби арабизабон дар ин шаҳр ба шарофати хонадони Миколиён фурӯзон нигоҳ дошта мешуд. Аз ин ҷост, ки Хуросонро «биҳишти донишмандон ва Нишопурро бузургтарин маркази дониши Эрон» медонистанд [115, 65].

Яке аз чеҳраҳои тобноки Нишопур дар замони зиндагии Абулфазли Миколӣ ин дӯсти хонаводагии ӯ Абӯмансури Саолибӣ мебошад. Риштаи дӯстии ин ду нафар бо аҳли илму адаб ногусастанӣ буд. Таълифоту таснифоти Саолибии Нишопурӣ, ки ба номи ӯ зиёда аз 130 асар дар таърихи адабиёти арабизабон сабт шудааст, бешак натиҷаи ғамхориву сарпарастии намояндагони олитабори хонадони Миколӣ мебошад.

Аз миёни осоре, ки дар ин давр ба вуҷуд омад, аз ҷиҳати фарогирии теъдоди зиёде аз шахсиятҳои адабии Нишопур арзишмандтарини он «Ятимат-уд-даҳр»-и Саолибӣ ба шумор меравад. Боби 8-уми қисми чоруми «Ятимат-уд-даҳр» ба зикри Абулфазл Убайдуллоҳ ибни Аҳмад ал-Миколӣ бахшида шудааст [44, 43] Аз рӯи шарҳи арабшиноси ӯзбек И.Абдуллоев ба қатори шоироне, ки дар бораи онҳо нахустин маълумот дар «Ятимат-уд-даҳр» оварда шудаву минбаъд аз тарафи дигарон такрор гаштааст, Абулфазли Миколӣ ҳам медарояд [44, 43, 44]. Дар «Сеҳр-ул-балоға»-Саолибӣ дар бораи шахсиятҳои адабӣ, ки ҳамасри муаллиф Саолибӣ ва

Абулфазли Миколӣ ҳастанд, маълумот мавҷуд аст, -мегӯяд Муҳаммад Боқир Ҳусайнӣ, аммо ба сабаби адами фурсат ва имкони пажӯҳиш ин корро ба оянда во хоҳам гузошт [115, 323]. Аз сухани мазкури саолибишиноси эронӣ бармеояд, ки натанҳо кулли осори Саолибӣ, балки шахсияту осори намояндагони дигари ин давр ҳанӯз пурра мавриди омӯзишу баррасӣ қарор нагирифтааст.

Ба ҷуз аз Абулфазли Миколӣ, Ҳокими Нишопурӣ, Саолибӣ ва дигарон, ки ба мақом ва таълифоти онҳо ишора рафт, доираи адабии Нишопур теъдоди зиёди шоирону адибони дигарро, ки зодаву парвардаи ин шаҳр буданд, муттаҳид мекард. Маълумоти муътамад дар бораи ном ва осори ин шоирону адибони арабизабонро Саолибӣ дар «Ятимат-уд-даҳр»- и худ овардааст. Адиби мазкур боби даҳуми ҷилди чоруми китоби худро «Дар зикри (шоирону адибони) нишопурӣ» номгузорӣ карда, савонеҳи рӯзгор ва намунаҳои осори манзум ва мансури шоирон ва адибони зеринро зикр кардааст [17,IV,481-519], ки овардани номи онҳо ҷиҳати таъйиди вусъати ҳаёти адабии Нишопур дар замони Абулфазли Миколӣ ва рушди адабиёти арабизабони давр муҳим арзёбӣ мегардад:

1. Абӯмуҳаммад Абдуллоҳ ибни Исмоил ал-Миколӣ – намояндаи хонадони Миколиён, ки Саолибӣ ӯро раиси Нишопур хонда ва китобату балоғаташро дар насру назм тамҷид кардааст ва сад ҳазор байт аз шуарои гузаштаву муосир азёд дониста ва дар суханрониҳояш аз онҳо истифода карданашро таъкид кардааст. Саолибӣ ду қитъаи шеъри Абӯмуҳаммади Миколиро иқтибос кардааст, ки як қитъаи тӯлонӣ ба фоҷиаи дар охири умраш рух дода бахшида шудааст [17,IV, 481-482] .

2. Абӯҷаъфар Муҳаммад ибни Абдуллоҳ ибни Исмоил ал- Миколӣ, писари Абӯмуҳаммади Миколӣ аст, ки Саолибӣ ӯро «дар адаб мутақаддим ва дар илми луғат ва арӯз мутабаҳҳир» номида ва теъдоди ашъорашро беш аз даҳ ҳазор байт муайян кардааст.

3. Абӯсаҳл Муҳаммад ибни Сулаймон ас-Саълукӣ. Саолибӣ илму адаби ӯро сутудааст ва фазилатҳои шахсият ва намунаҳои ашъорашро аз

номи писараш Абӯтаййиб Саҳл ибни Муҳаммад, ки аз шайхону имомони замон будааст, нақл кардааст.

4. Алӣ ибни Абӯалӣ ал- Алавӣ. Саолибӣ ӯро дар наҷобат беназир номида, дар унфувони ҷавонӣ аз олам рафтанашро ба қайд овардааст ва ду қитъа шеърашро аз забони бародари шоир сабт кардааст.

5. Абулбаракот Алӣ ибни Ҳусайн ал- Алавӣ. Ба таъкиди Саолибӣ аз шоирони маъруфи Нишопур буд. Соҳиби «Ятимат-уд-даҳр» табъи равони ӯро ситоиш карда, пораҳои нисбатан зиёди шеърашро зикр кардааст.

6. Абулҳасан Муҳаммад ибни Зафар ал-Алавӣ. Ба навиштаи Саолибӣ аз шоирон ва олимони маъруфи Нишопур буд, ки дар ҷавониаш шеъри зиёд гуфта, баъдан ба зӯҳд рӯй овард ва шеъргӯиро қатъ кардааст.

7. Абулаббос Муҳаммад ибни Яҳё ал- Анбарӣ. Саолибӣ ӯро аз ҷавонмардони Нишопур хонда, чанд намунаи ашъорашро ба қайд овардааст.

8. Абӯсалма ибни Аҳмад ал- Маъозӣ. Саолибӣ воқеаи иштироки ин шоирро дар яке аз маҳфилҳои адабии Нишопур, ки дар аснои он ранги давоти яке аз ҷавонони узви ин маҳфил ба либоси шоир мерезад ва боиси хиҷолати он ҷавон мешавад, нақл карда, шеъри бадоҳатан дар ин маврид сурудаи ал-Маъозиро иқтибос меорад, ки он аз равонии табъ ва малоҳати баёни вай шаҳодат медиҳад.

9. Абӯсаҳл Саъид ибни Абдуллоҳ ат-Такаллумӣ. Саолибӣ ӯро «аз удабо ва фузалои Нишопур» хонда, чаҳор қитъаи шеърашро иқтибос кардааст.

10. Абӯбакр Абдуллоҳ ибни Муҳаммад ал-Бустӣ. Ба навиштаи соҳиби «Ятимат-уд-даҳр», ӯ қозии Нишопур буда ва дар шеъру адаб низ дасти қавӣ доштааст. Саолибӣ ёздаҳ қитъа аз маҷмӯаи шеърҳои шоирро, ки бо хатти худаш навишта будааст, дар тазкираи худ ҷойгир кардааст.

11. Абӯсаъд Абдурраҳмон ибни Муҳаммад ибни Дӯст. Аз фозилони маъруфи Нишопур буд, ки дар шахсияташ фиқҳу адаб ва назму наср ба ҳам омада буданд. Бо зикри ин фазилатҳои шоир, Саолибӣ малоҳат ва узубати шеъри ӯро бо зикри сенздаҳ қитъа таъйид кардааст.

12. Абӯабдурраҳмон Муҳаммад ибни Абдулазиз ан-Нилӣ. Саолибӣ ӯро аз «мафохири Нишопур ва зинати ин шаҳр» номида, дар баробари шеъру адаб дар фиқҳ аз номоварон буданашро таъкид кардааст ва пораҳои зиёде аз ашъори ӯро зикр кардааст.

13. Абӯсаҳл Бакр ибни Абдулазиз ан-Нилӣ - бародари шоири қаблӣ аст, ки ба таъкиди соҳиби «Ятимат-уд-даҳр», дар баробари шеъру адаб дар илми тиб низ аз мақоми сарварӣ бархурдор буд. Саолибӣ ҳашт пора аз шеъри вайро зикр кардааст, ки дар маҷмуъ ҷавдати сухан ва назокати баёни шоиронаи ӯро ба субут мерасонанд.;

14. Абӯмуҳаммад Исмоил ибни Муҳаммад ад- Духон. Ӯ шоире буд, ки дар илми луғат, наҳв ва арӯз низ шӯҳрат дошт ва аз шогирдони олими маъруф Ҷавҳарӣ маҳсуб мешуд. Ашъори зиёде дар ҳаққи Абулфазли Миколӣ ва намояндагони ин хонадон сурудааст. Дар охири умр ба зуҳду тақво рӯй овард ва аз алоиқи дунё сарфи назар кард. Саолибӣ баъди зикри ҳашт қитъа аз шеъри ад-Духон қайд кардааст, ки шоир аз вай хоҳиши ба тазкира ворид накардани ғазалҳо ва мадҳияҳояшро намудааст ва Саолибӣ низ инро пазируфта, намунаҳои ашъори панду ахлоқии шоирро овардааст.

15. Абӯҳафс Умар ибни Алӣ ал-Мутавваъӣ. Аз шоироне маҳсуб мешавад, ки дар унфувони ҷавонӣ ба амир Абулфазли Миколӣ пайваст ва пайваста аз эҳсону икроми ӯ бархурдор буд ва китобе бо номи «Дарҷ ул-ғурар ва дурҷ уд-дурар» дар маҳосини назм ва насри амир Абулфазли Миколӣ иншо кард. Саолибӣ таъкид кардааст, ки «вақте ман (дар васфи Абулфазли Миколӣ) китобе бо номи «Фазлу ман исмуҳу ал-Фазл» таълиф кардам, ал-Мутавваъӣ дар пайравӣ ба он китобе бо номи «Ҳамду ман исмуҳу Аҳмад» – ро иншо кард [17,IV, 500]. Аз номи китоб пайдост, ки ал-Мутавваъӣ онро дар мадҳи Абӯнасри Аҳмад – падари Абулфазли Миколӣ навиштааст. Ба қалами ал-Мутавваъӣ ҳамчунин китоби дигаре бо номи «Аҷнос ут-таҷнис» тааллуқ доштааст. Саолибӣ зарофату малоҳати шеъри ал-Мутавваъиро сутуда, бисту ду қитъа аз онро дар тазкираи худ дарҷ кардааст [17,IV, 500-504]

16. Абулаббос Фазл ибни Алӣ ал-Исфароинӣ. Ба таъкиди Саолибӣ, Исфароин яке аз шаҳристонҳои Нишопур ва зодгоҳи бузургоне маҳсуб мешавад, ки яке аз онҳо Абулаббос Фазл ибни Алӣ аст. Муаллифи «Ятимат уд-даҳр» Абулаббосро «аз ифтихороти Нишопур ва накӯмардони он» номида, он замон ҳокими Исфароин будани ӯро ба қайд овардааст ва сабки иншо, ҳусни баён, фасоҳати калом ва хубии ашъорашро бо зикри намунаҳое аз он ситудааст [17, IV, 504-506]

17. Абулфатҳ Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Юсуф ал-Котиб. Аз котибону шоирони номдоре буд, ки дар охири давлати Сомониён ба Бухоро рафта ва ба дарбори онҳо пайваста буд. Дар аҳди Ғазнавиён як муддат ба Ғазна рафт, вале кораш барор нагирифт ва ба Нишопур баргашт ва то охири умр дар ҳамин ҷой бимонд. Саолибӣ девони шеъри ӯро дар даст дошта ва намунаҳое аз онро дар тазкираи худ овардааст [17,IV, 506-508].

18. Абулқосим Ҳусайн ибни Асад ал-Омирӣ. Ба таъкиди Саолибӣ, Абулқосим Ҳусайн ибни Асад аз шоирону адибони маъруфи Нишопур буд, ки хонадони Миколиён таълиму тарбияти фарзандонашонро ба ӯ вомегузоштанд. Саолибӣ ӯро «соҳиби ашъори зиёд» хонда, бо овардани ду пора аз он иктифо кардааст [17, ҷ.4, с.509]

19. Абуннаср Тоҳир ибни Ҳусайн ибни Асад, писари шоири қаблӣ Абулқосим Ҳусайн аст. Ӯ низ мисли падар бо шоириву котибӣ ва тарбияти фарзандони бузургони Нишопур машғул буд [17, IV, 509]

20. Абӯабдуллоҳ ал-Ғаввос. Саолибӣ ӯро зодаи рустои Бусти Нишопур дониста, табаҳҳурашро дар донистани забони арабӣ ва ба ду забон – арабиву форсӣ шеърҳои хуб навиштанашро таъкид кардааст. Муаллифи «Ятимат уд-даҳр» аз сарвату заминҳои Абӯабдуллоҳ ал-Ғаввос ва девони бузурги шеъри ӯ ёдовар шуда, пораҳое чанд аз ашъори ин девонро дар тазкирааш дарҷ кардааст [17, IV, 509-510].

21. Абӯҳотим ал-Варроқ, шоири арабизабон, аз рустои Кишми Нишопур буд ва касби варроқӣ дошт. Саолибӣ бо таъкиди он ки Абӯҳотим панҷоҳ сол дар Нишопур варроқӣ кардааст, ашъори ӯро овардааст, ки шоир

дар онҳо аз касби худ ва зиндагии фақиронааш шикоят кардааст [17,IV,510-511].

22. Абӯҷаъфар ал-Баҳҳос Муҳаммад ибни Ҳусайн ибни Сулаймон. Бино ба навиштаи Саолибӣ, Абӯҷаъфар ал-Баҳҳос аз шаҳристони Завзани Нишопур буд ва дар баробари табаҳҳураш дар шеъру адаб мансаби қазоро дар Хуросон бар уҳда дошт. Як қасидаи чиҳилбайтаи ӯ илова бар чанд қитъаи кутоҳи шеърӣ дар «Ятимат уд-даҳр» зикр шудаанд, ки далел бар латофати сухани шоир ҳастанд [17,IV, 511-514].

23. Абӯмансур Муҳаммад ибни Алӣ ибни Исмоилӣ ал-Ҷувайнӣ. Аз адибон ва шоирони номвари Нишопур буд, ки Саолибӣ ӯро ба қаноатпешагӣ ва тавозӯъ тавсиф карда ва бо таъкид ба зиёд будани шеъраш намунаҳое аз онро дар тазкираи худ зикр кардааст [17, IV, 514-515]

24. Абӯнаср Аҳмад ибни Алӣ ибни Абӯбакр аз-Завзанӣ. Бино ба ахбори Саолибӣ, Абӯнаср аз-Завзанӣ аз рустои Завзани Нишопур бархоста ва дар ҷавонӣ ба Нишопур омадаст. Дар ин ҷо ӯ бо адиб ва шоири барҷастаи арабизабон Абӯбакри Хоразмӣ мулоқот кард ва дар иншои шеър ба ин шоир пайравӣ кард. Пас аз касби шуҳрат дар шеъру шоирӣ ба дарбори Азудуддавлаи Бувайҳӣ рафт ва дар силки шуарои ӯ қарор гирифт. [17, IV, с.515-516].

25. Абуаббос Муҳаммад ибни Аҳмад ал-Маъмунӣ, аз шоирони маъруфи Нишопур, ки бино ба таъкиди Саолибӣ, шеъри зиёд гуфта ва қисме аз онҳоро дар қолиби мусаммат иншо кардааст. Илова бар шоирӣ бо таълиму тарбия низ машғул будааст.

26. Абулқосим Алӣ ибни Аҳмад ибни Мабрук аз-Завзанӣ. Дар «Ятимат уд-даҳр» аз ӯ ба унвони олими зуфунун ёд шуда ва ихтисос ёфтани ағлаби ашъораш ба зӯҳду тасаввуф таъкид гардидааст [17, IV, с.517]

27. Абӯмуҳаммад Абдуллоҳ ибни Муҳаммад ал-Абдалконӣ, аз шуарои дарбори Абулфазли Миколӣ буд, ки зарофату малоҳати шеъраш мавриди таҳсини Саолибӣ қарор гирифта ва ӯ дар тазкирааш ҳашт қитъа аз ашъори шоирро зикр кардааст [17, IV, с.517-519].

Ҳамин тавр, Саолибӣ 27 шоири мазкурро дар боби даҳуми «Ятимат уд-даҳр»-и худ зикр кардааст, ки ҳамагӣ ба доираи адабии Нишопури замони Абулфазли Миколӣ ворид буданд ва бо осори манзуму мансури худ ба равнақи адабиёти арабизабони Нишопур ва Хуросони он даврон мусоидат кардаанд. Худи Саолибӣ таъкид кардааст, ки теъдоди шоирону адибони бархоста аз Нишопур  бо он 27 нафаре, ки ӯ зикр кардааст, маҳдуд намешавад ва шоирони дигаре низ дар Нишопур буданд, ки ӯ шеъри онҳоро дар даст надошта ва аз ин рӯ фасли алоҳидае дар ин боб ба онҳо ихтисос надодааст. Дар радифи ин гуна шоирон Саолибӣ номҳои 13 тани дигар, мисли Абӯсалма ал-Муаддиб, Абӯҳомид ал-Хорзанҷӣ, Абӯсаҳл ал-Бустӣ, Абулҳасан ал-Абдунӣ, Абӯбакр ал-Ҷалободӣ, Абулқосим ал-Алавӣ, Абӯсаъд ал-Хезрӯдӣ, Абӯсаъид Масъуд ибни Муҳаммад ал-Ҷурҷонӣ, Абулқосим ибни Ҳабиб ал-Музаккар, Абулқосим Ҳасан ибни Абдуллоҳ Ал-Муставфӣ ал Вазир, Абулҳасан ал-Кархӣ, Шайх Абӯнаср ибниМашкон ва Абулало ибни Ҳасуларо зикр карда ва изҳори умед кардааст, ки шояд баъдан ба ӯ ва ё дигаре имкон даст диҳад, ки савонеҳи рӯзгор ва ашъори ин шоиронро ба даст орад ва онҳоро ба ин боби тазкира афзояд [17, IV, 519].

Пас аз ин дар тазкираи Саолибӣ омадааст, ки Абулфазли Миколӣ ба охири ин боб бо хатти худ маълумот ва ашъори як шоири дигари нишопуриро бо номи Абулҳасан Алӣ ибни Муҳаммад илова кардааст [17,IV, 519-523].  Ин иловаи Абулфазли Миколӣ гувоҳ бар он аст, ки ӯ ба ҳайси сарвари доираи адабии Нишопур ва ҳомиву мададгори аҳли адабу илми замони худ аз зиндагӣ ва осори шоирону адибон огоҳ буд ва ба ҳар васила ба равнақи ҳаёти адабӣ дар Нишопур талош меварзид.

Бино ба маълумоти боби даҳуми тазкираи «Ятимат уд-даҳр» метавон хулоса кард, ки дар доираи адабии Нишопур таҳти инояти Миколиён ва хоссатан Абулфазли Миколӣ 41 нафар шоир ва адиби арабизабон, ки зода ва парвардаи муҳити адабии ин шаҳри фарҳангӣ буданд, ба эҷоди осори манзуму мансур пардохта буданд.

Муҳити адабпарвари Нишопур, равнақи бесобиқаи шеъру адаби арабизабон дар ин шаҳр ва саховату бахшандагии Оли Микол, хоссатан Абӯнасри Миколӣ ва писараш Абулфазли Миколӣ, шоирону адибон ва аҳли илмро аз минтақаҳои дигари Арабу Аҷам ба ин ҷо ҷазб мекард. Аз ин ҷост, ки дар давраи мавриди назар чанде аз шоирону адибони номвари аҳд аз марказҳои дигари адабиёти арабизабон ба Нишопур омада ва ба шарофати ҳимояти моддиву маънавии намояндагони Оли Микол муддатҳо дар ин шаҳр мондаанд ва бо ҳузур ва осори худ муҷиби равнақи адабиёт дар ин хиттаи Хуросон гардидаанд.

Яке аз ин гуна бузургони адабиёти арабизабон Бадеуззамони Ҳамадонӣ аст, ки дар таърихи адабиёти арабӣ ҳамчун офаридгори жанри мақома шуҳрат дорад. Ӯ соли 994 м Ҷурҷонро ба қасди Нишопур тарк намуд ва ба маҳзи вуруд ба ин шаҳр мавриди лутфу инояти падари Абулфазл – Абӯнасри Миколӣ қарор гирифт [37, 2/**518**]. Ҳарчанд Бадеъуззумони Ҳамадонӣ дар Нишопур ҳамагӣ як сол истиқомат карда бошад ҳам, бо Саолибӣ аз наздик шинос шуд. Ин ду адиб зимни ҳамсуҳбативу ҳамкории яксола ба ҳамдигар дар боби эҷоду халлоқияти адабӣ таъсир расонида тавонистанд. Ҳамчунин мулоқоту мубоҳисаи Бадеуззамони Ҳамадонӣ бо нависандаву шоир Абубакри Хоразмӣ дар ин шаҳр сурат гирифт ва шуҳраташ миёни аҳли адаб даҳчанд афзуд [123, 538]. Бадеуззамон, аз рӯи маълумоти баъзе сарчашмаҳо мақомоташро, ки ин навъи фанни нигориш дар адабиёти арабизабон ба номи ӯ интисоб дорад, дар ҳамин шаҳр эҷод намудааст [136, 9]. Аз рӯи баъзе ахбор Бадеуззамони Ҳамадонӣ бори аввал дар Нишопур 40 мақома дар муораза бо асари «Арбаъин»-и Ибни Дурайд эҷод карда, обрӯву эътибори зиёд ёфт. Аз ин сабаб, хост ҳамин навъи насрро идома диҳад [111, 57]. Бадеуззамони Ҳамадонӣ дар Нишопур бо имом Абутайиб Саҳл ибн Муҳаммад ибн Сулаймони Суълукӣ ошно шуд ва бартариву афзалияти ӯро аз дигар олимону фақеҳони шаҳр қоил шуд ва васф ҳам кард [17, 4/ 341-342].

Аз суханварони дигари маъруфи замон, ки чанд сол дар Нишопур зиста ва аз зумраи хоссон ва муқаррабони Абӯнасри Миколӣ ва дигар

намояндагони ин хонадон маҳсуб мешуд, шоир ва адиби маъруф Абӯбакр Муҳаммад ибни Аббоси Хоразмӣ (935-993) буд. Ӯ дар Хоразм ба дунё омада, ҷиҳати касби илму дониш ба Ироқу Шом сафар кард ва дар шаҳрҳои Бағдоду Ҳалаб аз маҳзари донишмандони бузурги замон баҳравар гардид. Баъдан ӯ ба пойтахти давлати Сомониён – Бухоро омад ва ва бо вазири маъруфи сомонӣ Абӯалии Балъамӣ  муносибатҳои дӯстона пайдо кард, вале бо сабабҳои гуногун ин муносибатҳо ба сардӣ гароиданд ва Абӯбакри Хоразмӣ ба Нишопур рӯй овард ва дар ин шаҳр муқим гардид. Минбаъд шебу фарозҳои зиндагӣ Абӯбакри Хоразмиро маҷбур кард, ки чанд дафъа Нишопурро бо мақсади Систон, Исфаҳон ва Шероз тарк кунад, вале ҳар дафъа ӯ боз ба Нишопур бармегашт ва то ниҳояти умри худ  дар ҳамин шаҳр бимонд. [62, 2008,с. 96-99]; Абдуллаев И. Поэзия на арабском языке в Средней Азии и Хорасане начала X – XI вв. – Ташкент: Фан,1984,с.133-138]. Саолибӣ дар «Ятимат уд-даҳр» пораҳое аз ашъор ва расоили Абӯбакри Хоразмиро дар мадҳи Абӯнасри Миколӣ ва намояндагони дигари ин хонадон зикр кардааст [17,IV, с.255-258], ки ҳамагӣ ба мақоми шоистаи ин суханвар дар доираи адабии Нишопур далолат мекунанд.

Ба ҷуз аз Бадеуззамони Ҳамадонӣ ва Абӯбакри Хоразмӣ, ки аз маъруфтарин шоирон ва адибони арабизабони давр буданд, ҳамчунин суханварон ва донишмандони зиёде аз шаҳрҳои дигари Хуросон ва ҳатто аз билоди Араб бо огоҳӣ аз адабпарвариву маърифатдӯстии Оли Микол рӯ ба Нишопур оварда, гурӯҳе камтар, дигаре бештар ва  тоифае то охири умри худ дар ин конуни маъруфи  адабу фарҳанги Хуросон иқомат гузиданд ва ба равнақи бозори назму насри арабизабон дар ин шаҳр мусоидат карданд. Маълумоти комилро доирро ба ин қабил шоирону адибон ва донишмандон боби нуҳуми ҷилди чаҳоруми тазкираи «Ятимат уд-даҳр»-и Саолибии Нишопурӣ, ки «Дар зикри онҳое, ки ба Нишопур аз шаҳрҳои гуногун омаданд ва мартабаҳои мухталиф доранд» унвонгузорӣ шудааст, шомил мебошад. Аз фаҳвои боби мазкур бармеояд, ки 16 нафар шоирону адибони зерин ба доираи адабии Нишопур пайваста будаанд:

1. Абӯабдуллоҳ ал-Ваззоҳӣ ал-Башарӣ, Муҳаммад ибн ал-Ҳусайн. Ба таъкиди Саолибӣ, ки пораҳое аз ашъори ин шоирро овардааст, ӯ ба Нишопур омада ва ин шаҳрро ватани худ қарор дода будааст [17, IV, 441-442].

2. Абӯтоҳир ибни Хубзаруззӣ. Шоире, ки аз Басра ба Нишопур омад ва як муддат дар Нишопур иқомат гузид. Саолибӣ намунаҳое аз ашъори ӯро, ки дар Нишопур роиҷ буд, дар тазкирааш дарҷ кардааст [17, IV, 442-443].

3. Абулҳасан Аҳмад ибни Аюб ал-Басрӣ, маъруф ба ан-Ноҳӣ. Шоирест, ки аз Басра ба Нишопур омада ва «солҳо дар Нишопур зиста ва шеър гуфтааст» [17, IV, с.443]

4. Абулҳусайн Муҳаммад ибн ал-Ҳусайн ал-Форсӣ ан-Наҳвӣ. Саолибӣ ӯро «аз баргузидагони давр, пешвоёни илм ва парчамдорони фазл» номида, ҷиян ва шогирди забоншиноси маъруфи замон Абулҳасан ибни Аҳмади Форсӣ будани ӯро таъкид кардааст. Бино ба ахбори муаллифи «Ятимат уд-даҳр», Абулҳусайни Форсии Наҳвӣ ба шарофати табаҳҳураш дар илми наҳв ва шеъру адаб дар назди вазири маъруфи бувайҳӣ Соҳиб ибни Аббод аз мақоми шоистае бархурдор буд, вале баъдан ба Нишопур омада чанд сол дар инҷо бимонд, то ин ки ба Ғазна рафт ва вазорати амир Исмоил ибни Сабуктегин мансуб гардид. Баъди ин низ Абулҳусайни Форсии Наҳвӣ ба Нишопур баргашт ва дар шаҳристони Исфароини он муқим гашт. Намунаҳои зиёде аз осори Абулҳусайни Форсии Наҳвӣ, ки дар «Ятимат уд-даҳр» дарҷ шудаанд, дасти тавонои вайро ҳам дар наср ва ҳам дар назми арабӣ таъйид мекунанд [17, IV,444-449].

5. Абӯсаъд Наср ибни Яъқуб. Аз шоирон ва адибони арабизабони маъруфи Хуросон ва соҳиби китобҳои зиёде дар илми адаб буд, ки, ба таъкиди Саолибӣ, онҳо мавриди ситоиши вазири тавонои бувайҳӣ Соҳиб ибни Аббод қарор гирифта будаанд. Абӯсаъд Наср ибни Яъқуб баъзе аз китобҳои худро ба Оли Микол бахшида ва ҳангоми иқоматаш дар Нишопур аз икрому инояти ин хонадон баҳравар гардида буд [17,IV, с.449-452].

6. Абӯнаср Саҳл ибни Марзбон. Муаллифи «Ятимат уд-даҳр» Абӯнаср Саҳл ибни Марзбонро, ки аз Исфаҳон ба Нишопур омада, ин

шаҳрро ватани дуюми худ қарор додааст, барои табаҳҳураш дар шеъру адаб ситоиш карда, номҳои чанд китоб ва намунаҳое аз ашъори ӯро дар тазкира дарҷ намудааст. Ӯ афзудааст, ки имрӯз дар Нишопур девони шеъре, ки ҳамчун туҳфаи нодир арзёбӣ мешавад ва китоби наве, ки мавриди таваҷҷуҳи ҳамагон қарор мегирад, ба қалами Абӯнаср тааллуқ дорад [17, IV, 452-455].

7. Абӯмуҳаммад Ҳасан ибни Аҳмади Буруҷирдӣ, котиб ва шоири маъруфи Хуросон, ки, бино ба навиштаи Саолибӣ, дар ҷавониаш дар Исфаҳон дар хидмати вазир Соҳиб ибни Аббод буд ва баъди шуҳрат ёфтан дар китобат ба Нишопур омад ва сарварии котибони амир Абӯнасри Миколӣ – раиси Нишопурро бар уҳда гирифт ва аз муқаррабони Оли Микол маҳсуб меёфт [17, IV, 455-458].

8. Абӯнаср Муҳаммад ибни Абдулҷаббори Утбӣ. Аз оилаи маъруфи адибон ва давлатмардони Утбиён. Дар ҷавонӣ зодгоҳаш Райро тарк гуфт ва ба Хуросон омада, аз тарбияту дастгирии тағои шуҳратманд ва ҳамномаш – Абӯнасри Утбӣ баҳравар гашт ва худ низ дар китобат то ба дараҷаи котибии амир Абӯмансури Сабуктегини Ғазнавӣ ва амир Шамсулмаолӣ Қобус ибни Вушмгири Зиёрӣ расид.Сипас дар Нишопур муқим гашт ва ба хидмати Оли Микол пайваст. Саолибӣ намунаҳои зиёди номаҳо ва ашъори Абӯнасри Утбиро дар таъйиди сеҳри қалам ва узубати сухани ӯ зикр кардааст [17,IV, 458-468].

9. Абӯнаср Исмоил ибни Ҳаммоди Ҷавҳарӣ, ки аслаш аз Фороб буд ва дар ҷавонӣ дар марказҳои илмии Шому Ироқ таҳсил кард ва дар назди қабилаҳои араб дониши забони арабии худро ба камол расонид ва ба унвони донишманди бузурги забон ва адаби арабӣ шуҳрат пайдо кард. Сипас Ҷавҳарӣ ба Хуросон баргашта, нахуст дар Домғон ба хидмати Абӯалии Домғонӣ – котиб, шоир ва вазири Сомониён расид ва баъдан ба Нишопур омада, муқими ин шаҳр гашт ва бо бархурдорӣ аз лутфу икроми Оли Микол ба таҳқиқу таълиф ва таълиму тадрис машғул гардид. Яке аз маъруфтарин китобҳо дар илми забоншиносии арабӣ – «Китоб ус-сиҳоҳ фи-л-луға» ба қалами Ҷавҳарӣ тааллуқ дорад. Ҷавҳарӣ дар шеъри арабӣ низ дасти қавӣ

дошт. Саолибӣ бо зикри порахое аз ашъори Ҷавҳарӣ онҳоро «шеъри олимона» номидааст [17, IV, 468-469].

10. Абӯмансур Аҳмад ибни Муҳаммад ал-Лучаймӣ, котиб ва шоири маъруф. Дар оғоз ба хидмати Соҳиб ибни Аббод пайваста, ӯро мадҳ ва пас аз вафоташ рисо гуфт. Сипас ба Нишопур рафта, дар ин шаҳр муқим ва соҳиби оила гардид. Саолибӣ қитъаҳое аз шеъри Лучаймиро зикр кардааст, ки ба ситоиши Соҳиб ибни Аббод ва намояндагони Оли Микол бахшида шудаанд [17, IV, 470-473].

11. Абӯҷаъфар Муҳаммад ибн ал-Ҳусайн ал-Қуммӣ, шоир ва котиб, ки дар Нишопур иқомат гузид ва дар девони расоили раёсати Нишопур, ки бар ухдаи Оли Микол буд, хидмат мекард [17, IV, 473-474].

12. Абулғиториф Умлоқ ибн Ғайдоқ ал-Усмонӣ, шоири аъробие буд, ки аслашро ба хонадони халифаи рошиди сеюм Усмон ибни Аффон нисбат медод. Ӯ чанд сол дар Нишопур зиста ва намояндагони хонадони Миколиёнро мадҳ кардааст [17,IV, 474-475].

13. Абулмуалло Моҷид ибн ас-Салт, шоири арабиасл, ки ба Нишопур омада ва талош кард, ки ба дарбори Ғазнавиён роҳ ёбад. Абулмуалло соҳиби шеъри зиёде буд, ки Саолибӣ намунаҳои онро дар «Ятимат уд-даҳр» дарҷ кардааст [17, IV, 475-477].

14. Абӯмансур Абдулқодир ибни Тоҳир ат-Тамимӣ, фақеҳ ва шоири арабиасл, ки аз Бағдод ба Нишопур омада ва ба ҷуз аз шеър дар фиқҳ ва улуми адабу наҳв маъруфият пайдо карда буд [17, IV, 477-478].

15. Абӯалӣ Муҳаммад ибни Умар ал-Балхӣ аз-Зоҳир. Зодгоҳаш Балхро бо мақсади Ироқу Шом тарк гуфта ва баъди таҳсили илм дар ин кишварҳо ба Нишопур баргашта, ба шеъру шоирӣ пардохтааст [17, IV, 478].

16. Абулқосим Яҳё ибни Алӣ ал-Бухорӣ ал-Фақиҳ.Фақеҳ ва шоири зодаи Бухоро, ки ба Нишопур омада ва имомати масҷиди ҷомеи Нишопурро бар ухда доштааст ва сипас гӯшаи узлатро ихтиёр кардааст. Саолибӣ порае аз ашъори ӯро, ки аз вай шунида будааст, дар тазкирааш дарҷ кардааст. [17, IV, 478-479].

17. Абулфатҳ Алӣ ибни Муҳаммади Бустӣ, шоир, адиб ва дабири маъруфи зуллисонайни даврони Сомониён ва Ғазнавиён, ки муддате дар Нишопур истиқомат кардаву бо аҳли адаби шаҳр, ба вижа бо Саолибӣ, бӯнасри Миколӣ ва Абулфазли Миколӣ дӯстиву рафоқат дошт ва онҳоро дар ашъораш мавриди ситоиш қарор додааст. Саолибӣ дар «Ятимат уд-даҳр» қисми бештари боберо, ки ба шуарои Буст бахшидааст, ба зикри савонеҳи рӯзгор ва ашъори Абулфатҳи Бустӣ тахсис додааст [17, IV, 345-382].

Қисме аз шуаро ва удабои Нишопур, мисли Абӯсолеҳ Саҳл ибни Аҳмади Нишопурӣ, Абулҳасан Алӣ ибни Абдуллоҳи Дилшодӣ, Абулқосим Алӣ ибни Абдуллоҳи Миколӣ, Абулаббос Исмоил ибни Абдуллоҳи Миколӣ, Абулқосим Алӣ ибни Ҳусайни Алимонӣ, Абулҳасан Алӣ ибни Муҳаммад ал-Ҳимярӣ, Қозӣ Абӯалӣ Абдулваҳҳоб ибни Муҳаммад, Абӯиброҳим Наср ибни Аҳмади Миколӣ ва даҳҳо нафари дигар дар «Татимма»-е, ки Саолибӣ бар китоби «Ятимат уд-даҳр фи маҳосин аҳли-л-аср»-и худ навиштааст, бо овардани намунаҳое аз ашъори онон зикр шудаанд [27, 179-317].

Чунон ки аз маълумоти фавқуззикри «Ятимат уд-даҳр»-и Саолибӣ ва «Татимма»-и он бармеояд, Нишопур дар аҳди Миколиён ба яке аз конунҳои шеъру адаби арабизабон табдил ёфта, шоирону адибонро на танҳо аз Хуросон ва манотиқи дигари Эронзамин, балки аз кишварҳои араб низ ба худ ҷалб карда буд. Аз лиҳози таҷаммуи шоирону адибон доираи адабии Нишопури даврони Оли Микол бо доираи адабии Бувайҳиён бо сарпарастии Соҳиб ибни Аббод ва доираи адабии Бухорои замони Сомониён ҳамовардиву рақобат мекард.

Адабиёти арабизабоне, ки дар Нишопур бо ҳиммат ва талоши шоирону нависандагони фавқуззикр ва бо ташҷеъ ва тақвияти Оли Микол ба вуҷуд омад, адабиёти тамомиёре буд, ки дар он аз як тараф анъанаву суннатҳои адабиёти арабизабони садаҳои пешин, шурӯъ аз аҳди ҷоҳилияи араб то адабиёти давраҳои Умавиён ва Аббосиён, идома пайдо карда буданд, аз тарафи дигар ин адабиёт, бо ташаккули худ дар муҳити форсизабони Хуросон ва ҳамрӯияш бо адабиёти форсу тоҷик, инъикосгари мавзӯву

матолиб ва суннатҳои адабии халқҳои Хуросону Мовароуннаҳр маҳсуб мешавад. Дар боби баъдии рисола зимни таҳқиқу баррасии осори манзуму мансури Абулфазли Миколӣ ба вижагиҳои муҳтавоию бадеии адабиёти арабизабони мазкур ишора хоҳад шуд. Дар ин ҷо баъзе ҷанбаҳои умумии ин адабиёт ба хотири фароҳам овардани иттилои кофӣ доир ба доираи адабии Нишопури асрҳои X-XI мавриди таъкид қарор мегиранд.

Адабиёти арабизабони давраи мавриди таҳқиқ назму насри бадеӣ ва осори адабиву адабиётшиносиро шомил аст. Дар назми арабизабони давр мадҳ аз маъмултарин ва роиҷтарин анвои шеърӣ маҳсуб мешуд. Ин падида дар Нишопури он даврон, ки шуҳрати Оли Микол дар ҳимоят аз шеъру адаб ва парастории шоирону адибон суханваронро на танҳо аз Хуросон, балки аз билоди Араб ба ин шаҳр ҷазб мекард, амре табиӣ ба шумор меояд, зеро ағлаби кулли ин суханварон дар осори манзуму мансури худ эҳсону икроми Миколиён, амирону вазирони Сомониёну Ғазнавиён ва дигар ҳомиёни шеъру адаби замонро ситоиш мекарданд. Ба ин маънӣ, каломи бадеъ дар Нишопури он даврон, мисли ҳар як маркази сиёсиву фарҳангии дигар, ба василаи касби маъош ва таъмини рифоҳи иҷтимоии аҳли адаб табдил шуда, бозори мадҳу ситоишро гарм нигоҳ медошт. Аён аст, ки дар аксари қасоиди мадҳӣ, ки ба хотири даст ёфтан ба манфиатҳои моддӣ суруда шудаанд, отифа ва эҳсосоти самимии шоир ҷойи худро ба тасаннуъ ва такаллуф, яъне суханбозиву иғроқ додааст. Шоирон асосан караму саховат, ҷуду ҷавонмардӣ, шуҷоат ва баъзан парҳезгориву тақвои мамдӯҳро ситоиш мекунанд. Ашъори мадҳӣ ба эҷодиёти ағлаби шуарои давр хос аст, вале сухансароёне, мисли Саолибӣ, Абӯбакри Хоразмӣ, Абулфатҳи Бустӣ, Абӯҳафси Мутавваъӣ ва Абулҳасани Бохарзӣ дар сурудани ин навъи шеър пешгом буданд [17,IV, 255-259, 361-364, 500-504]. Як вижагии ашъори мадҳии шоирони Нишопур он буд, ки қисме аз ин ашъор дар мадҳи фақеҳон, шайхон ва донишмандони маъруфи ин сарзамин суруда шудаанд. Дар ин қабил мадҳҳо ҳадаф тақозои кумак ва бахшиш набуда, садоқат, эътиқод ва имони шоир ба фазилатҳои мамдуҳ қалами ӯро ба ситоиш савқ додаанд. Чанде аз ин гуна мадҳияҳо ба шоироне, мисли

Абулмузаффари Ҷумаҳӣ, Абулҳасан  Алӣ ибни Абулқосими Байҳақӣ, Абулаббос ал-Анбарӣ тааллуқ доранд [9, IV, 223; 17, IV, 487] ва отифаи табиии шоиронро нисбат ба мамдӯҳ таҷассум кардаанд.

Дар миёни шоирони мадҳиясаро онҳое низ буданд, ки бо мурури солҳо аз сурудани мадҳияҳо даст кашида, рӯ ба зуҳду тақво оварданд ва эҷодиёташонро вақфи тарғиби парҳезгорӣ ва худдорӣ аз алоиқи дунявӣ карданд. Яке аз ин гуна шоирон Абӯмуҳаммад Исмоил ибни Дуҳон,  маддоҳи Абулфазли Миколӣ буд, ки баъди вурудаш ба ҷодаи зуҳду тақво,  бо вуҷуди касрат ва зебоии ашъори мадҳиву ишқии худ, ба Саолибӣ иҷозат надод, ки ин даста аз ашъорашро ба тазкираи «Ятимат уд-даҳр» ворид кунад. Бино ба таъкиди Саолибӣ, ӯ низ ин хоҳиши Абӯмуҳаммад Исмоил ибни Дуҳонро ба назар гирифта, зимни зикри намунаҳои ашъори  вай аз овардани ин даста аз шеърҳояш сарфи назар кардааст [17,IV, 500].

Навъи дигари шеъри давр ҳиҷо ё ҳаҷв буд, ки  барои шоирон ба унвони василаи муборизаи лафзӣ бо рақибони худ,  баёни норизоиятии хеш аз зулму беадолатиҳои замон ва фасоди иҷтимоии ҳоким бар ҷомеа хидмат мекард. Тааммул бар ашъори ҳаҷвии шоирони доираи адабии Нишопур далел бар вуҷуди ду навъи ҳаҷв: ҳаҷви шахсӣ ва ҳаҷви иҷтимоӣ дар шеъри давр аст. Ҳаҷви шахсӣ дар мазаммати шахсиятҳои алоҳида, мисли шоирон ва шеъри онон, ин ё он афроди барои шоир нописанд, мисли ҳокиме ё фақеҳе суруда мешуд. Ҳадафи ҳаҷви иҷтимоӣ танқиди зулму фасоди иҷтимоӣ, табақаи ҳукком, қузот, омилини хироҷ ва ғайра буд. Дар миёни ҳаҷвсароёни Нишопур, ки худ зодаву зодаву парвардаи шаҳрҳои гуногун буданд, ҳаҷви шаҳрҳо ва ё аҳолии шаҳрҳои гуногун низ роиҷ буд. Аз маъруфтарин шоирони ҳиҷогӯи доираи адабии Нишопур  Абӯтаййиби Тоҳирӣ,  Абуҷаъфар Муҳаммад ибни Ҳусайни Қуммӣ, Абӯаҳмад ибни Абӯбакри Котиб, Абулфатҳи Бустӣ ва дигарон ба шумор меомаданд. Аз ҷумла,  Абӯҷаъфар Муҳаммад ибни Ҳусайни Қуммӣ дар танқиди беадолатие, ки коргузорони ҳукумати шаҳр бар аҳолӣ мекарданд, гуфтааст:

أرَى   عُمَّال  نَيْشابُورَ          دَهْرَ اللهِ فِی النَّحِسِ

فَمَنْ يَعْمَلْ بِهَا يَوْمًا        يَقَعْ شَهْرَيْن فيِ الحَبْسِ

بِهَا يُضْرَبُ بِالْقلْسِ        أعَزُالنَّاسِ فيِ الْفَلْسِ **[17, IV, 47]**

(Яъне: Коргузорони Нишопурро мебинам, ки ҳамеша наҳсу бадбахтанд.

Ҳар кас як рӯз он ҷо кор кунад, ду моҳро дар зиндон ба сар мебарад.

Дар он ҷо гаронмоятарин мардум барои як фулус ба танобу ресмон баста мешаванд).

Шоири мазкур боз Маъқал ном омили хироҷи шаҳрро чунин масхара мекунад:

**يَا أيُّهَا الشَّيخُ الْكَبِيرُ الْمِفْعَلُ        إقْبِضْ يَدَيْهِ فَمَعْقِلُ لاَ يَعْقِلُ**

**ظَلَمُوهُ إذْ وَدَعُوا دَواةً عِنْدَهُ        وَلَدَيْهِ يُوضَعُ مِنْجَلٌ أوْ مِعْوَلُ** [17, IV, 473]

(Яъне: Эй шайхи бузург ва соҳибфазл, дастони Маъқалро бубанд, зеро ӯро ақлу андеша нест).

Ҳангоме, ки давоту навиштанро ба ӯ бовар карданд, бар ӯ ҷафо карданд, зеро ӯ сазовори он аст, ки ба дасташ досу каланд медоданд).

Марсия ё рисо низ дар шеъри арабизабони Нишопур яке аз муҳимтарин анвои адабӣ ба шумор меояд. Дар ин навъи шеър шоир ба зикри муҳассанот ва фазилатҳои шахси фавтида мепардозад ва аз ин лиҳоз он ба ашъори мадҳия, ки дар он муҳассаноту шоистагиҳои шахси зинда мавриди ситоиш қарор мегирад, шабеҳ аст. Марсияҳое, ки шоирони давр дар сӯги устод, падар, модар, фарзанд ва пайвандони дигари худ сароидаанд, саршор аз эҳсосоти қалбӣ ва дарду алами сӯзон буда, бо ин хусусияти худ бар марсияҳое, ки дар вафоти мамдӯҳони собиқ дар ҷавоби икрому инъомҳои онҳо сароида шудаанд ва аз садоқату самимияти камтар бархурдоранд, имтиёз доранд. Аз миёни шуарои Нишопур, ки Саолибӣ ба марсияҳои онҳо ба унвони намунаҳои хуби ин навъи шеърӣ таъкид кардааст, метавон номҳои Абулфазли Миколӣ, Исмоил ибни Муҳаммад ад-Дуҳон, Абӯнаср Муҳаммад ибни Абдулҷаббори Утбӣ ва дигаронро зикр кард [17, IV, 439, 458, 467, 483).

Аз анвои дигари шеъри арабизабони Нишопур васф маҳсуб мешавад, ки миёни шуаро ривоҷи тамом дошт. Ашъори зиёди васфии даврро метавон ба

ду даста тақсим кард: якум, васфи табиат ва зоҳираҳои он, аз қабили васфи фаслҳои сол, офтобу моҳ, боғу роғ, дарахтону меваҳо, барфу борон, зилзила ва дигар офатҳои табиӣ; дуюм, васфи зоҳираҳои тамаддуни шаҳрӣ, аз қабили васфи шаҳрҳову майдонҳо, коху қасрҳо, маҷлисҳои бодагусорӣ, шаробу ҷомҳо ва ғайра. Ағлаби шуарои Нишопур дар ин ду навъи васф табъозмоӣ кардаанд, ки далели он бобҳои ҳаштум, нуҳум ва даҳуми ҷилди чоруми тазкираи «Ятимат уд-даҳр»-и Саолибӣ аст [17, IV, 407-520).

Зӯҳдиёт аз анвои дигари шеъри арабизабони Нишопур буд, ки бино бар ҳузури фаъол ва густардаи аҳли фиқҳ ва риҷоли дин дар саҳнаи адабу илму фарҳанги шаҳр пайравон ва мухлисони зиёд дошт. Мавзӯи зӯҳдиёт панду мавъиза, ҷалби таваҷҷуҳи мардум ба дунёи охират ва тарғиби парҳез аз алоиқи дунявӣ буд. Мардуми оддӣ, ки зиндагиашон пур аз маҳрумият ва мушкилиҳо буд, бо рӯй овардан ба зӯҳду тақво оромишу осоиши равониву рӯҳонӣ пайдо мекарданд. Зӯҳдиёт бештар дар маҷлисҳои ваъз ва хитоба хонда мешуд ва бо ваъдаи саодати ухравӣ ба қалби мардуми маҳрум аз рифоҳи зиндагӣ шифо ва таскин мебахшид. Ҳамчунон ки қаблан таъкид шуд, қисме аз фақеҳон, воизон ва хатибони маъруфи Нишопур дар шеъру адаб низ даст доштанд ва мавзӯоти зӯҳду тақво дар осори манзуму мансури онҳо имтиёз дошт. Аз ҷумла, Абулҳасан Муҳаммад ибни Зафар ал-Алавӣ, Абӯсаъд Абдурраҳмон ибни Муҳаммад ибни Дӯст, Абӯабдурраҳмон Муҳаммад ибни Абдулазиз ан-Нилӣ, Абӯмуҳаммад Исмоил ибни Муҳаммад ад-Духон, Абулқосим Алӣ ибни Аҳмад ибни Мабрук аз-Завзанӣ бештари ашъори худро ба зӯҳду тасаввуф ихтисос дода буданд [17, IV, 486, 491, 494, 499, 517).

Дар назми арабизабони Нишопури давраи мавриди таҳқиқ ғазал мақоми густардае дошт. Ғазалҳои шуарои давр ба ду навъ тақсим мешуданд: якум, ғазали суннатӣ, ки решаҳояш ба ашъори ошиқонаи даврони ҷоҳилияи араб ва аҳди Умавиён мерасид ва ва дар он эҳсосоти афифи ошиқона нисбат ба маъшуқа таҷассум меёфт. Дар ин навъ ғазалҳо суннатҳои шеъри ошиқонаи Арабу Аҷам ба ҳам омада буданд. Навъи дуюми ғазали давр ин ашъоре буданд, ки ҷойи маъшуқаи анъанавиро дар онҳо ҷавонону ғуломон гирифта

буданд. Ин навъи ғазал дар аҳди Аббосиён дар муҳити иҷтимоии Бағдод ва марказҳои дигари Хилофат, ки бо касрати маҳфилу маҷлисҳои айшу тараб ва ҳузури ғуломони ҷавон ба ҳайси соқӣ ва ё навозандагону сарояндагон дар онҳо имтиёз дошт, арзи вуҷуд карда буд. Ҳамин муҳит ба зуҳури навъи дуюми ғазал, ки онро баъдан дар адабиёти араб «ал-ғазал би-л-музаккар» («ғазали музаккар» дар шеъри форсӣ) номиданд. Маъруфтарин сарояндаи ин навъи ғазал дар аҳди Аббосиён Абӯнувос маҳсуб мешавад. Лозим ба таъкид аст, ки дар шеъри арабизабони Нишопур ғазали музаккар нисбат ба навъи ғазали суннатӣ камтар ба назар мерасад. Яке аз шоироне, ки ғазал дар эҷодиёти онҳо мақоми густарда дошт, Абулфазли Миколӣ маҳсуб мешавад. Ғазалҳои шоири мазкур, ки дар бахши баъдии рисола баррасӣ мешаванд, вижагиҳои ин навъ шеъри арабизабони даврро бозтобӣ мекунанд.

Яке аз вижагиҳои шеъри арабизабони Нишопур таҷассуми мавзӯъ ва матолиби хос ба адабу фарҳанги форсӣ – тоҷикӣ, зарбумасалу мақолҳои мардуми Эронзамин, истифодаи вожаҳои дарӣ буд. Шоирони арабизабони Нишопур, ки забони модарияшон форсии тоҷикӣ буд ва дар муҳити фарҳангу тамаддуни бостонии Хуросон парвариш ёфта буданд, дар қолаби ашъори арабӣ ва ё дар осори зуллисонайни худ ҷашнҳои қадимаи Наврӯзу Меҳргон, зоҳираҳои фарҳангу тамаддуни Аҷам, ҳикмату ахлоқи ниёгон ва вижагиҳои табиати хоси сарзамини худро мавриди тараннум ва ситоиш қарор додаанд. Ба ин маънӣ шеъри арабизабони Нишопур маҳсули имтизоҷи суннатҳои шеъри Арабу Аҷам буд. Аз ҷумла, Абӯмуҳаммади Ҳарбӣ ба муносибати фаро расидани иди Наврӯз ашъори зерини арабиро сурудааст ва дар он ба суннатҳои таҷлили ин ҷашни бостонии халқҳои Эронзамин ишора кардааст:

يَا شَمْسَ أَهْلِ الْمَشْرِقِ أَسْعَدْ فَقَد    حَلَّتْ بِرأسِ الْحَمَلِ الشَّمسُ

وَاُشْرَبْ عَلَى طَلْعِهِ نَيْرُوزِهَا    كَأْسَ مُدَامٍ يَدُمِ الأُنْس [27, V, 204]

(Яъне: Эй хуршеди аҳли Машриқ, некбахту саодатманд бош, ки шамси оламтоб дар оғози моҳи ҳамал (моҳи аввали солшумории шамсӣ, ки оғози фасли баҳор аст-Х.Н.) таҷаллӣ намуд.

Дар рӯзи аввали Наврӯз бодае нӯш, то улфату дӯстӣ ҳамеша баравом бошад).

Дар баробари назм насри фаннӣ дар китобату иншо, ки бештар ихтисос ба пешбурди корҳои давлатӣ дошт, бино бар мусоидати сиёсати фарҳангпарваронаи Сомониён ва минбаъд Ғазнавиён дар ин аҳд ривоҷи тамом касб намуда, адибони фаровоне чӣ дар забони арабӣ ва чӣ дар форсӣ дар ин роҳ иқдомоти шоистаеро аз сар гирифтанд.

Дар наср асосгузори мақомот Бадеуззамони Ҳамадонӣ, Абӯбакри Хоразмӣ, Саолибӣ, Абулфазл ибни Убайдуллоҳи Аҳмад Миколӣ, Абӯннаср Муҳаммад ибни Абдулҷаббор Утбӣ ва Абулҳасани Бохарзӣ бештар маъруфият доштанд. Насри арабӣ бо хадамоти ин адибони форсизабон дар ин аср рӯ ба тараққӣ овард.

Ҳамин тариқ, маълумоти сарчашмаҳои адабиву таърихӣ, пеш аз ҳама тазкираи «Ятимат уд-даҳр»-и Саолибӣ ва «Татимма»-и он собит месозанд, ки дар Нишопури нимаи дуюми асри X–нимаи аввали асри XI доираи адабии пурвусъате ташаккул ёфта буд, ки аз лиҳози равнақи ҳаёти адабӣ, касрати шоирону адибон ва фузуниву арзиши маҳсули адабӣ аз бузургтарин марказҳои равнақи адабиёти арабизабон дар олами исломи он даврон маҳсуб мешуд. Дар ташаккул ва равнақи ин доираи адабӣ саҳми хонадони Миколиён бузург буд, ки дар ин бора дар бахши баъдии рисола сухан хоҳад рафт.

## I.3. Саҳми Миколиён дар пешбурди шеъру адаб ва гиромидошти аҳли сухан

Намояндагони Оли Микол дар тӯли асрҳои IX – XI, яъне дар тӯли беш аз се аср   дар соҳоти мухталифи сиёсату давлатдорӣ ва адабу фарҳанги аҳди Аббосиён, Тоҳириён, Сомониён, Ғазнавиён ва Салҷуқиён нақше мондагор аз худ гузоштаанд. Ному ҳайсияти сиёсӣ ва ҷойгоҳи адабии ашхоси номвари ин хонадон дар пешбурди сиёсат, илму адабиёти арабизабон дар боби баъдии рисола зимни баррасии зиндагиномаи Абулфазли Миколӣ зикр хоҳад шуд. Ин ҷо доир ба намояндагони маъруфи хонадони Миколиён, ки дар рушди шеъру адаби арабизабон дар доираи адабии Нишопури асрҳои X-XI бо ҳимояти аҳли адаб ва гиромидошти сухани онҳо саҳми бузург гузоштаанд, сухан меравад.

Яке аз афроди номвари Оли Микол падари Абулфазл аст, ки номи ӯ дар «Тарҷумаи таърихи Яминӣ» Абӯнаср Аҳмад ибни Алӣ ал-Миколӣ забт шудааст. Насаби пурраи ӯро Н. Зоҳидӣ чунин нишон додааст: «Абӯнаср Аҳмад ибни Абулқосим Алӣ ибни Исмоили Миколӣ (ваф. пеш аз с.416/1025)» [62, 64]. Абӯнаср аз рӯи таърифи муаллифи «Таърихи Яминӣ» - Абӯнасри Утбӣ «аз зумраи фузалои Нисобур, ороста ба фазли мавфур ва ба адаб машҳур» буд. Оли Микол, ки ирқан ҳама ҳушманду бофаросат буданд, мавқеи сиёсӣ ва маънавияшонро баробари мероси моддии худ аз насл ба насл интиқол медоданд. Абӯнаср меросбари ҳамин арзишҳои хонаводагӣ ба шумор мерафт. Ӯ дар миёни аҳли сиёсат бо донишу заковати беҳамто аз ҷойгоҳи хос бархурдор буд. Дар сиёсат ончунон хираду таҷриба дошт, ки: «агар хостӣ, миёни сиҳҳату мараз ҷамъ кардӣ ва агар хостӣ миёни ҷавҳару араз тафриқ андохтӣ ва асрори замоиру астори масоир пеши назари басирати ӯ равшану пайдо будӣ» [5, 178]. Аз мактуби ӯ ба Шамсулмаолӣ Қобус пайдост, ки дасти тавоно дар фанни китобати расоил дошта, нозукиҳои ин пешаи муҳимро мукаммал аз бар намудааст. Саховатмандию бахшандагии ӯро дар шеърҳои баландаш мешавад мушоҳида кард:

بَانِىُ الْعُلى وَالْمَجْدِ وَالإِحْسَانِ وَالْفضْلِ وَالْمَعْرُوفِ أَكْرَمُ بَانِ

لَيْسَ الْبِنَاءُ مُشَيَّدَاً لَكَ شَيْدُهُ مِثْل الْبِنَاءِ يُشَادُ بِالإِحْسَانِ

الْبِرُّ أَكْرَمُ مَا حوَتْهُ حَقِيبَةٌ وَالشُّكْرُ أَحْسَنُ مَا حَوَتْهُ يَدَانِ

وَ إِذا الْكَرِيمُ ماَ مَضى وَ وَلّى عُمْرَهُ كَفَلَ الصَّنَاعَه لَهُ بِعُمْرٍ ثَانِ [5, 178]]

(Яъне: Созандаи бинои бузургиҳо, бахшандаи некӣ ва фазлу эҳсон, ки аз беҳтарин созандагон аст.

Беҳтарин ва баландтарин биное, ки барои ту сохта шуд, ҳамонест, ки асоси он бар эҳсон бино ёфта бошад.

Некӣ беҳтарин чизест, ки дар кулбор аст ва ташаккур беҳтарин ҳадяест, ки дар рӯи дастон аст.

Вақте инсони бузургвор умраш сипарӣ шуда, даргузашт, зикри хайри ӯ барояш умри дубора мебахшад].

Шоирони садаи даҳ дар мадҳи Абӯнаср ашъори мадҳии фаровоне сурудаанд. Аз рӯи ситоиши Абӯбакри Хоразмӣ, ки дар қасидае ишора ба караму бахшандагӣ ва меҳрубонии ӯ нисбат ба мардуми хоҳандаву ниёзманд мекунад, пайдост, ки Абӯнаср идомабахшандаи фарҳанги мардумпарварии хоси Миколиён буд:

الْوَفْرُ عِنْدَ نَوَالِهِ وَ النَّيْلُ عِنْدَ سُؤَالِهِ وَالْمَوْتُ عِنْدَ صِيَالِهِ [5, 180]

(Яъне: Хайру эҳсони ӯ зиёд буда, аз вай пурсидан айни мурод аст ва дар ҳамлааш марги душманон қарор дорад].

Бо ин ҳама донишу биниш, саховату карампешагӣ ва мақоми сиёсиву адабӣ Абӯнаср аз хеш ифтихор намекард, балки аз фарзандони донишманду боҳуши худ меболид. Инро мо дар ҷумлаҳои зерин мушоҳида намуда метавонем: «Аз мафохири Абӯнасри Миколӣ ду писар буданд, ки ҳар як кавкабе буд дар самои сиёдат ва бадре бар уфуқи саодат, меҳтарин амир Абулфазл ва кеҳтарин амир Абӯиброҳим ва ҳарду дар улувви дараҷат чун Фарқадайн буданд ва дар шуҳрати фазл чун найййирайн» [5, 180]. Абӯнасри Миколӣ дар корҳои сиёсӣ ҳамчун як маслиҳатчию мушовир ба ҳуккому давлатдорони замон содиқона хидмат мекард. Султон Маҳмуд барои шикаст

додани охирин намояндаи Оли Сомон – Мунтасир ба Нишопур назди бародари худ Наср ҳаракат кард ва Имоми ҳадис Абӯтаййиб Саҳл ибни Сулаймон ас-Саълукиро бо ҷамъе аз аъёни раоёи султон барои эҷоди мусолаҳа ба назди Эликхон фиристод. Ба ҳайати мазкур Абӯнасри Миколӣ ҳамчун шахси сиёсатмадор ва дипломат ҷалб шуда буд.

Ширкати ӯ дар ин навъ корҳои муҳими сиёсӣ шаҳодат аз мавқеи баланд ва мақоми Оли Микол дар арсаи сиёсат медиҳад. Абӯнаср ибни Аҳмади Миколӣ дар миёнҷигариҳои сиёсӣ гоҳе на ҳамчун як узви вобаста, балки ҳамчун як шахси асосӣ ва меҳварӣ низ иштирок мекард. Соли 980 м. вақте Абулҳасани Симҷурӣ аз рафтори бехирадонаи худ нисбат ба ҳукми амири Сомонӣ дар азли ӯ аз мансаби раёсати Хуросон пушаймон шуд, Абӯнасрро бо афроди маъруфи Нишопур барои узрхоҳӣ ба Бухоро фиристод.

Оли Микол адабиётдӯсту фарҳангпарвар буданд ва ба аҳли адаб эҳтироми фавқулодда зоҳир мекарданд. Абубакри Хоразмӣ ҳам вақте ба Нишопур ворид шуд, ӯро Абӯнасри Миколӣ хуш пазируфт. Ин пазириши гарми Абубакр Хоразмӣ аз тарафи Абӯнасри Миколӣ сабаб бар он гардид, ки минбаъд Саолибӣ ӯро ба устодӣ пазирад ва доманашро сахт гирад. Саолибӣ дар омадани устоди худ ба Нишопур ва қабули ӯ аз тарафи Абӯнаср чунин гуфтааст:

«وَ وَافِ نَيسَابُورَ وَ أتَّصَلَ بِالْأمِيرِ أبِي نَصْرٍ أحْمَدَ بِنِ عَلِيّ الْمِيكَالِيّ وَ اَسْتَكْثَرُ مِنْ مَدْحِهِ»

(Яъне: Ва ба Нишопур омаду ба Амир Абӯнаср Аҳмад ибни Алии Миколӣ пайваст ва ӯро бисёр мадҳ кард] [115, 204].

Аз рӯи таъкиди Саолибӣ бармеояд, ки хонаи Абӯнаср ҷои сарҷамъ шудани аҳли адаб буда, шоирону нависандагони дигар шаҳру вилоят низ аз олиҳимматӣ ва адабпарварии ин хонаводаи Миколӣ хабардор буданд. Агар нафаре аз онҳо ба Нишопур омаданӣ мешуд, ҳатман ба даргоҳи Миколиён, хоса Абӯнаср меҳмон мегашту аз лутфу икром ва бахшишу саховати эшон баҳраманд мегардид.

Абубакри Хоразмӣ вақти вуруд ба Нишопур ва даргоҳи Абӯнаср ӯро чунин мадҳ карда буд:

فَدَيْتُكَ مَا بَدَالِى قَصْدُ حُرٌّ     سِوَاكَ مِنَ الْوَرَاى الأَ بَدَالِى

وَأنَّكَ مِنْهُمْ وَ كَذَاكَأسْضًا     مِنَ الْمَاءِ الْفَرَائِدُ وَالآلِى

وَ تَسْكُنُ دَارَهُمْ وَ كَذاكَ مسكْنَى     الْحِجَارَةِ وَالزُّمُرَّدِ فِى الجِْبَالِ [115, 22]

(Яъне: Фидоят шавам, ҳаргиз аз миёни мардум ба зеҳнам озодае ғайри ту нарасид, магар он ки ту ба хотирам омадӣ.

Ҳарчанд, ки ту аз зумраи дигаронӣ, аммо дурру марворид низ аз даруни об ба даст меояд.

Ту дар ҳавлии онҳо зиндагӣ мекунӣ (аммо, бидон ки-Х.Н.) ҷойгоҳи сангҳову зумуррад низ дар миёни кӯҳҳо аст).

Мадҳияи боло гувоҳи он аст, ки Абӯнаср аз зубдагони шаҳри Нишопур ба шумор омада ва мисли ӯ дар саховату бахшиш ва адабпарварӣ дар он шаҳр мавҷуд набуда, ки Абӯбакри Хоразмӣ бо умедворӣ ба мадҳи вай пардохтааст.

Абубакри Хоразмӣ баъди тарки Нишопур дар Систон ба мадҳи волии он Тоҳир ибни Муҳаммад пардохт ва мавриди иззату эҳтиром қарор гирифт. Аммо аз фарти шуҳрату ҳирс ба ҳаҷву истеҳзои Тоҳир пардохта, он ҷо зиндонӣ шуд. Аз зиндон ба Амир Абӯнасри Миколӣ шеъре навишта, бо тамсилҳои қиёсӣ худро аз тарки даргоҳи вай пушаймону фиребхӯрда ба қалам медиҳад [115, 205]. Шеъри саропо аз пушаймонии Абӯбакри Хорзамӣ бори дигар шаҳодат аз он медиҳад, ки хонаводаи Миколиёни муқими Нишопур воқеан адабпарвару фарҳангдӯст ва инсонгаро будаанд. Агар чунин намебуд, шоире аз зиндон истода ба мадҳи онон намепардохт.

Абӯнаср на танҳо ба Абубакри Хоразмӣ, балки барои хотири ӯ ба шогирдонаш низ дасти ёрӣ дароз карда, ҳоҷату ниёзи эшонро саховатмандона мебаровардааст.

Аз чеҳраҳои адабии дигаре, ки аз меҳрубониҳои Оли Микол, бавижа аз Абӯнаср, бархурдор шудааст, ин Бадеуззамони Ҳамадонӣ мебошад. Ӯ дар ҷумлаҳо ва байти зерин Абӯнасри Миколиро сарвару амири худ дониста, бо истифода аз санъати ташбеҳ ва суханороии ба худ хос мақсадашро баён намудааст:

«أنَا فِى خِدْمَةِ الْأمِيرِالرَّئِيسِ – أطَالَ اللهُ بَقَاءَهُ – مَترَجَّحٌ بَيْنَ أَنْ أَشْرَبَهَا رَنْقلةً وَلَا أُسِيغُهَال، وَ أُجَلْجُ مِنْهَا مُضْغَةً وَ لاَ أُجِيزُهَا، وَ بَيْنَ أَنْ أَطْوِيَهَا عَلَى عَرِّهَا ولاَ أَرْتَضِعُ أَخْلَافَ دَرِّهَا:

فَلَا نَفْسِى تُطَاوِلُنِى لِرَفْضٍ وَلاَ هِمَمِى تُوَطِّنُنِى لِخَفْضٍ» [115, 280-281]

(Яъне: Ман дар хидмати амиру сарварам, Худованд умру бақояшро тӯлонӣ гардонад, мураддадам миёни ин ки онро чун обе гилолуд таҳаммул кунам ва гувориш насозам ва чун луқмае нахоида дар даҳон нигоҳ дораму фурӯ набарам ё ин ки ба сабаби бадии он раҳояш созам ва онро дарҳам печаму аз он баҳраманд нагардам:

Маро на нафсам барои тарки ӯ во медорад ва на ҳиммати волоям омодаи пазируфтани ин хориву сукут мебошад).

Мақсади Бадеуззамони Ҳамадонӣ дар навиштаи мазкур хеле мубҳаму печида аст. Зеро ӯ табиатан шоире буда, ки барои нишон додани қудрати шоирии худ ва афзудани обрӯву эътибор ҳар киро аз ҳуккому сарватмандон, дилаш мехоста мадҳ мекардааст. Одатан, якеро мадҳ кардаву дигареро раҳо карда, фақат дунболи мақсади худ будааст ва ҳатто мамдуҳонаш ба ҳамдигар душман бошанд ҳам, барои ӯ фарқе надоштааст.

Аз хилоли калимаҳои бо санъат пасиҳам чидашудаи Бадеуззамон дар мавриди Абӯнаср чунин андешаҳоро хондан имкон дорад: Ман аз луфту марҳамат, меҳрубониҳои зиёди сарвару амирам дар ҳайратам. Намедонам, ки ӯ дар ивази ин караму эҳсон аз ман чӣ умедвор аст. Агар ман тарки хидмати ӯ кунам, чи ҳолу ҳодиса маро пеш меояд? Ба ин саволҳо ҷавоб меҷӯяму намеёбам. Ин дудилагиву тардид маро дар хидмати сарварам Абӯнаср муаллақ гузоштааст.

Дар ҷои дигар Бадеуззамон бо шукргузорӣ аз дастгириҳои Абӯнасри Миколӣ дар васфи ӯ навиштааст: «Агар шайх (Абунасри Миколӣ-Х.Н.) аз карам фирор ҳам кунад, карам дунболагири ӯ хоҳад шуд, агарчи парешонаш кунад, боз ҳам гирди ӯ ҳалқа хоҳад зад, агар ба ихтиёри худ назди лутфу карам наомад, он иҷборан назди шайх хоҳад омад» [42, 103-104]. Бадеуззамони Ҳамадонӣ дастгиру мададгори маънавиву моддии худ амир Абӯнасри Миколиро бартар аз ҳама мардум дониста ва ӯро бо хуршеди

коинот қиёс кардааст: «...Касе аз мардум бо ӯ дар қиёс намеояд, тавре, ки хуршед дар маҷрои ситорагон сайр нахоҳад кард» [126, 181].

Абӯнасри Миколӣ ягона шахсияте аз хонадони Миколиён нест, ки Бадеуззамон ӯро мавриди мадҳу ситоиш қарор додааст. Ахбори Саолибӣ ва муаллифони дигар гувоҳ бар онанд, ки Бадеуззамон бо намояндагони дигари ин хонадон, аз ҷумла бо Абӯҷаъфари Миколӣ муносибати наздик дошт ва онҳоро низ дар ашъораш васф кардааст [115, 284]. Ҳамчунин номаҳои ӯ ба унвони Абубакри Хоразмӣ ва Амир Абӯнасри Миколӣ баёнгари робитаи ӯ ба ҳавзаи адабии Нишопур баъди иқомати яксола дар ин шаҳр мебошад.

Аз намояндагони номвари хонадони Миколӣ, ки аз падари Абулфазл – Абӯнаср Аҳмад ибни Абулқосим Алӣ ибни Исмоили Миколӣ (вафоташ пеш аз соли 1025 м.) тахминан панҷ-даҳ сол пештар даргузаштааст, ин Ҳасан ибни Муҳаммад Микол, мулаққаб ба сайид-ул-куффоҳ ва маъруф ба Амир Ҳасанаки Миколи Нишопурӣ (кушташуда дар с. 1031м.) аст. Бино ба навиштаи муаллифи «Дастур-ул-вузаро» ба «улувви насабу камоли ҳасаб ва вуқуф бар дақоиқи умур» охирин вазири султон Маҳмуд Ғазнавӣ таъин шуда буд. Ошноии Маҳмуд бо ин намояндаи баҳуши хонаводаи Миколӣ ҳанӯз аз замоне, ки ӯ дар Нишопур ҳамчун коргузори Сомониён фаъолият мебурд, ҳусни оғоз пазируфта буд. Низоъ ва кашмакашҳои дохилии шаҳри Нишопурро, ки хуфя сурат мегирифтанд, Маҳмуд маҳз бо дастгириву кӯмак ва маслиҳатҳои Ҳасан ибни Аҳмади Микол яктарафа карда тавонист. Ҳангоме, ки Маҳмуд ба салтанат расид, раёсати шаҳри Нишопурро бар ӯ дод. Ҳамкории дурбинонаи Ҳасан ибни Аҳмади Микол бо Маҳмуд албатта ба фоидаи мардуми Нишопур анҷом ёфт. Ободонии шаҳри Нишопур дар замони раёсати Ҳасан ибни Аҳмади Микол то ба дараҷае афзуд, ки мусофирон аз тамошои биноҳои навбунёди шаҳр сер намешуданд. Таъбири «сарову кушкҳои ҳасанакӣ», ки Байҳақӣ зимни нақли ҳикояти арӯс овардани Масъуд аз Гургон, дар асараш ба кор мебарад, далел ба сухани боло шуда метавонад: «Абдуҷаббор писари Хоҷа Аҳмади Абдуссамад аз Гургон бо арӯси Масъуд бозгашт ба Нишопур ва маҷлиси бошукуҳ тартиб доданд ва занони руасо, қузот, фуқаҳову акобиру амоим дар ҷашн ширкат карданд ва

сарову кушкҳои ҳасанакиро чун фирдавси аъло биёростанд ва зани ӯро дар он ҷо фуруд оварданд. Ва он шаб Нишопур чун рӯз шуда буд аз шамъҳову машъалҳо» [115, 19].

Ҳасанак ғайр аз қасру кушкҳои дар шаҳри Нишопур бино кардааш, боз дар Шодёх ном мавзеъ, ки берун аз шаҳр воқеъ шуда буд, биноҳо барои тафреҳи худ ва пешвозу гусели ашхоси обрӯманд бунёд карда буд. Вақте лашкари музаффари Масъуд дар 19-уми августи соли 1030 баъди шикасти додани сипоҳи Маҷдуддавлаи Дайламӣ ба Нишопур ворид шуд, нишопуриён биноҳои Шодёхро, ки ба Ҳасанак мутаалиқ буд, гилемҳои зебо густарда, ороишҳо доданд.

Бидуни шакку шубҳа метавон гуфт, ки дар Нишопур мақоми сиёсӣ ва нуфузи маънавии намояндагони Оли Микол дар замони раёсати Ҳасани Миколӣ ба авҷ расида буд. Таваҷҷуҳ ва муҳаббати султон Маҳмуд ба ин марди ниҳоят зираку донишманд ва сиёсатмадор боис шуд, ки ӯро ба Ғазна фиристад, то дар ҳалли масоили сиёсиву иҷтимоии пойтахти Ғазнавиён донишу тадбироташро ба кор бурда, мардуми шаҳру бозор ва аъёну ашрофи онро зери назорат қарор диҳад, амнияту осоиштагии сиёсиро эҳё намояд. Аз Нишопур ба Ғазна фиристода шудани Ҳасанак, аз як тараф агар далели аз афроди ниҳоят боэътимоди Маҳмуди Ғазнавӣ будани вай бошад, аз ҷониби дигар метавон ҳадс зад, ки Маҳмуд бо истифодаи усули айёронаи худ ӯро бо тавфизи вазифаи пурмасъулият мавриди санҷиши худ ва ғазнавиён қарор дод. Маҳмуд пас аз азли Аҳмад ибни Ҳасан Маймандӣ ӯро ба вазорати худ баргузид [116, 151].

Сарбаландии тоҷиконаю устуворӣ бар андеша, густохию бебокӣ ва тундзабонию сахтгирӣ, вафодорӣ ба аҳд ва итоат ба як хоҷа аз миёни хонаводаи миколӣ дар шахси Ҳасанаки Вазир ба мушоҳида мерасад. Маҳз ҳамин хислатҳояш  боис шуд, ки умарову ҳуккоми давр бар ӯ душманӣ варзанд ва ба қарматӣ будан мутаҳҳамаш созанд, то обрӯяшро назди Маҳмуд коста гардонанд. Аммо амалӣ шудани ин қасди бади онҳо муддате тӯл кашид. Душманони Ҳасанак баъд аз сари Маҳмуд писараш Масъудро, ки ба ҷои падар соҳиби тахт шуд, бар ӯ шӯронида, тавонистанд ба мақсади худ

расанд. Ниҳоят дар соли 1031 м. Ҳасанаки вазир ба иттиҳоми қарматигарӣ аз мансаб озод ва ба дор кашида шуд.

Ҳасанаки Миколӣ бо фаросату дониш ва шуҷоату бебокӣ дар арсаи сиёсат обрӯву нуфузи хонадони Миколиро баланд бардошт. Табиист, ки дар муддати раёсати Нишопур ва вазорати Ғазнинро бар уҳда доштанаш Миколиён мавқеияти худро дар ҳама ҷабҳа тавонистанд боз ҳам устувортар созанд ва ба ин васила дар рушду нумуи илму адаби арабизабони замони худ саҳмгузор бошанд. [115, 82].

Тахмин меравад, ки баъди ба Ғазна рафтани Амир Ҳасанаки Вазир раёсати Нишопур ба ихтиёри Абӯнаср гузашт. Пас аз даргузашти Абӯнаср дар соли 1025 идораи шаҳри Нишопур бар уҳдаи писараш Абулфазл интиқол ёфт. Дар сарчашмаҳои таърихӣ ва адабӣ пеш аз зикри номи падару писар–Абӯнасру Абулфазл овардани унвони «амир» ишораи саҳеҳу равшан бар раёсати онҳост.

Аз ин рӯи баҳси боло бармеояд, ки миёни Оли Микол дар баробари дӯстиву рафоқату ҳамдигарфаҳмӣ рақобату мухолифат ҳам вуҷуд доштааст.

Бо вуҷуди ин ҳам аҳли адаб ба намояндагони Оли Микол эътиқоду ихлоси бузург доштанд. Яке аз чунин ашхос Саолибист, ки аз дӯстони наздики Абулфазли Миколӣ маҳсуб меёбад. Ин ду нависандаю шоир миёни ҳам муносибату робитаи қавию ногусастанӣ доштанд. Вақте Саолибӣ баъди панҷ соли иқомат дар Ғазна ба Нишопур баргашт, аввалин касе, ки ӯро пешвоз гирифт, дӯсти деринаш Абулфазл буд. Ӯ барои Саолибӣ ончунон шароиту имконоте фароҳам оварда, ки дӯсташ бо оромиши дил ва осоиши тан ба офариниши осори нав ва бозофаринии навиштаҳои куҳани худ оғоз кард.

Бародари Абулфазл–Абӯиброҳим Наср ибни Аҳмади Миколӣ ҳам дар ҷуду бахшиш кам аз бародар ва падари худ набуд. Саолибӣ бо дастгириву пуштибонии ин ду бародар имкони мулоқоту ҳамоиш бо бузургоне чун Абумансур Яҳё ибни Яҳёи Котиб ва ду писари ӯ Абулвафою Абусалама ва Абулаъло Муҳаммад ибни Ҳасан Сӯфии Басрӣ пайдо карда тавонист.

Дар мавриди дӯстиву ҳамкории Саолибӣ ва Абулфазли Миколӣ адабиётшинос Амонов Саидҷон дар рисолаи номзадии хеш ба таври иҷмолӣ ва фишурда маълумот додааст [49, 17-19].

Саолибӣ дар китобхонаи Абулфазл китоби «Симор-ул-қулуб»-ро таълиф карда, ба мушаввиқу ҳомии меҳрубонаш – Абулфазли Миколӣ ҳадя кард. Саолибӣ, ки осори адабии ҳамзамонони хеш низ бевосита мавриди омӯзишу таҳлил қарор медод, дар муддати кутоҳ ашъори обдори ҳомию сарпарасти хешро низ мутолиа намуда, гузидае аз онҳоро дар «ал-Мунтаҳал» ном маҷмӯа ҷамъоварӣ кард. Абулфазли Миколӣ дар шаъни дӯст ва ҳамқалами худ Саолибӣ шеър сурудааст [115, 88]. Шоир Абуҳафс Умар ибни Алӣ Мутавваъӣ аз хидматгузорони даргоҳи Абулфазли Миколӣ буд [115, 90]. Табиист, ки мисли ӯ барин шоирону адибон дар атрофи Саолибӣ бо мусоидати сиёсати оқилонаи Абулфазли Миколӣ гирд омада, маҳфилу нишастҳои адабӣ доир мекарданд.

Абулфазли Миколӣ чун пешгузаштагонаш дар радифи сиёсатмадороне, ки ба адабиёт гироиш доштанд, қарор дошт. Аммо ишқу алоқаи ӯ аз сиёсату ҳукумат дида ба шеъру адаб ва шоирону адибон нисбат ба гузаштагонаш зиёдтар эҳсос мешавад. Ин нуктаро муаллифи «Ҷоҳизи Нишопур» чунин таъкид кардааст: «…Бояд ба афроде чун Абулфазли Миколӣ, Абулфатҳи Бустӣ, Абунасри Утбӣ, Абунаср Саҳл ибни Марзбон, Бадеуззамони Ҳамадонӣ ишора кард, ки ҳарчанд бархе аз онон бо дастгоҳҳои ҳукуматӣ иртибот доштанд, аммо равобити дӯстонаи онон бо якдигар он қадар амиқу ногусастанӣ буд, ки умурӣ сиёсӣ ҳеч таъсире дар он пайванд наметавонист дошта бошад» [115, 95].

Абулфазли Миколӣ, баробари додани иҷозати истифода аз китобхонааш, Саолибиро, ки истеъдоди фавқулодаи эҷод дошт, ба навиштани ин ё он асар дар мавзӯъҳои гуногун ташвиқ менамуд. Ишораи зайли Саолибӣ далели ин сухан дар мавриди иншои асари фарогири зарбулмасалу мақолҳои арабии исломию тоисломӣ «Сеҳр-ул-балоға ва сирр-ул-бароа» шуда метавонад: «Ва (нигориши) он бад-он сабаб буда, ки ифтихори ҳузур дар китобхонаи Амири ягона ва беҳамто Абулфазл

Убайдуллоҳ ибни Аҳмади Миколиро ба даст овардам,ки умри худованди он китобхона бо афзоиши тӯли умри амир бияфзояд, бо номи вай ороста гардид. Худованд бо бақои ёду зикри ӯ, бар давоми он бияфзояд» [115, 126].

Саолибӣ, чи тавре аз қайди худаш дар «Симор-ул-қулуб фи-л- музоф ва-л-мансуб» пайдост, барои Абулфазл дар ҷавоби меҳрубониву ғамхориҳои пайваста ду китобе бо номи «Хасоис-ул-булдон» ва «Фазлу ман исмуҳу Фазл» иншо ва ҳадя намуд [19, 545]. Муҳаққиқи эронӣ Муҳаммад Боқир Ҳусайнӣ менависад, ки Саолибӣ Абулфазли Миколиро, ки дар адабу балоғат соҳибсабку назар буд, борҳо аз каломи шево ва тасвирҳои мунҳасир ба фарди ашъори ӯ ситоиш карда, мувофиқи завқу дархурди ин адиби забардаст асарҳои «Сеҳр-ул-балоға ва сирр-ул-бароа», «Хасоил-ул-булдон», «Симор-ул-қулуб» ва «Фиқҳ-ул-луғат»-ро таълиф ва ба ӯ бахшидааст [115,123].

Дар ҳавзаи адабии Нишопур ва умуман Хуросон Саолибӣ аз зумраи адибоне ба шумор мерафт, ки дар ҳамкориву робита бо ҳокимону давлатдорон ва сиёсатмадорон касе аз ҳамзамононаш бо ӯ баробар шуда наметавонист. Зеро Саолибӣ ниҳоят доно ва сиёсатмадори воқеӣ буд, вазъи сиёсиву иҷтимоӣ ва қоидаҳои нонавиштаи зиндагии замони худро хуб медонист ва онро дар амал татбиқ мекард. Албатта, ин навъ биниши ӯ аз робитаву дӯстияш бо Абулфазл ва то андозае такя бар пуштибонии сиёсии Миколиён аз вай низ сарчашма мегирад. Саолибӣ дар таълифи осори адабӣ бештар ба вазъи сиёсӣ аҳамият дода, дар фаъолияти адабиаш шебу фарозҳои сиёсати замонро огоҳона ба назар мегирифт.

Саолибӣ бо дархосту пешниҳоди Абулфазл ба таълифи китобе дар луғат ҳиммат гумошт. Бо баҳрабарӣ аз китобҳои китобхонаи амир ба таснифи «Фиқҳ-ул-луғат» ва «Сирр-ул-ъарабият» муяссар гашт. Барои ин ки Саолибӣ ин асарҳоро иншо намояд, Абулфазл Миколӣ дар мавзее барои ӯ нишемане фароҳам сохт ва тамоми манобеъ ва мароҷеъро дар ихтиёри вай гузошт. Ҳамин пуштибониву ҳимояти Абулфазл буд, ки Саолибӣ соли 1033 м. ба Султон Масъуд, ки озими Бағдод буду дар Нишопур фуруд омад, бо чанд қасида ӯ ва вазираш Абӯнаср Аҳмад ибни Муҳаммадро васф карда, китоби «Хос-ул-хос»-ро ба шайх Ораз Абулҳасани Мусофир ибни Ҳасан эҳдо кард.

Ба ҳамроҳи дигари амир Ҳасан Иброҳими Самурӣ, ки аз китоби «Фиқҳ-ул-луғат» сахт шигифтзада шуд буд, хулосае аз онро ба номи «Хасоис-ул-луғат» туҳфа дод. Он рӯзҳо Саолибӣ дар кори танзими такмилаи «Ятимат-уд-даҳр», яъне «Татимма»-буд, фурсатро ғанимат шумурда, онро ба итмом расонида, ба шайх Муҳаммад ибни Исо ал-Кархӣ - дӯсти дерини худ, ки ӯ низ ҳамроҳи султон Масъуд омада буд, пешкаш кард.

Саолибӣ низ дар баробари караму бахшиши Абулфазл хомӯш наменишаст. Албатта дар ҳаққи Абулфазл суханҳои баланди зиёде гуфта, қарзи дӯстии худро дар назди ӯ то андозае ҳам бошад, кам мекард:

هَيْهَاتُ أَنْ يَأْتِىَ الزَّمَانُ بِمِثْلِهِ      إنَّا لزَّمَانَ بِمِثْلِهِ لَبَخِيلُ **[**115, 141**]**

(Яъне: Афсӯс, ки рӯзгор монанди ӯ дигар падид наоварад, зеро рӯзгор тангчашмтар аз он аст, ки дигареро ба монанди вай биофарад).

Дар байти мазкур беназириву бемонандии Абулфазл ситоиш шудааст. Дар шеъри дигар Саолибӣ Абулфазлро ба «каъбаи ҳама бузургвориҳо», «қиблаи орзуҳо», «пешонии ҳама зебоиҳо» «чеҳраи ҳамаи камолот», «ситораи хушбахтӣ», «омили эҳсону дастгирӣ аз ниёзмандон», «ниҳоят бахшанда», «моҳи тобони хонандони Микол», «фасеҳу балеғ» монанд кардааст [115, 141, 142].

Аз миёни осори Саолибӣ шеърҳое пайдо мешаванд, ки дар он доир ба асп ҳадя кардани Абулфазл ишораҳо рафтааст:

لِى سَيِّدٌ مَلِكٌ غَدَا      فِى بُرِدَتَىْ مَلِكٍ وَ هُوبِ

لا بِالْجَهْلِ وَلاَ الْمَلُلِ      وَ لاَ الْقَطُوبِ وَ لاَ الغَضُوبِ

قَدْ جَادَ لِى بَأغَرٌ أُنْ ------------عِلَ      بِالشَّمَالِ وَ بِالْجَنُوبِ

لاَ بِالْقَطُوفِ وَ لاَالشَّمُوسِ      وَ لاَ الْقُمُوصِ وَ لاَالشَّبُوبِ [115, 15]

(Яъне: Маро сарваре соҳибмулку фариштахӯ аст, ки дар ҷомаи подшоҳи бахшанда даромадааст.

На ноогоҳу бетаҷриба ва на дилтангу беқарор ва на абусу туршрӯ ва на тундмизоҷу интиқомҷӯ аст.

Маро аспе сапедпешонӣ наъл намуда, чун боди шимолу ҷануб сареъу чобук бошад, ато кардааст.

Он на ба оҳистагӣ роҳ мераваду ба ҳаво меҷаҳад ва на саркашу ромнашуданист ва на соҳибашро бар замин мезанад ва на аспест хирасар, ки дастонашро баланд кунад ва бар рӯи ду пой бистад).

Аз мазмуни байтҳои фавқуззикр равшан мешавад, ки дар эҳсони бахшиш ва бузургию ҳашамат Абулфазл ҳатто бо шоҳ баробар мебошад. Зеро ӯ ба шоир аспи бодпо ҳадя кардааст.

Робитаи дӯстии ин ду нафар ончунон наздику беғаразона будааст, ки Саолибӣ ҷое аз дӯсташ Абулфазл шикоят мекунад, ки чаро ту чун мисли гузашта маро ёд намекунӣ. Аҳди дӯстии қадим чӣ шуд? Ту чун Сулаймон, ки ҳодӣ буду аз ҳоли парандагон хабар дошту шонасаракро мепурсид, маро суроғ намекунӣ? [115, 167].

Муҳаммадҳусейн Боқирӣ зимни баррасии вижагиҳои насри Саолибӣ бо овардани ҷумлаҳои бидуни такаллуфу сохтакории шоирона ва аз самими қалб навишташуда, ки бозгӯкунандаи дӯстии содиқонаи Абулфазл аст, чунин менависад: «Вақте аз Абулфазл, ин ёри дерина ва рафиқи ҳамешагӣ, сухан мегӯяд, зебоии калом падидае нест, ки ӯ ба амд гуфторашро бад-он ороста карда бошад, зеро ҷӯшиши эҳсосоти дарунии муаллиф дар ин ҷой маҷоле барои тафаккур ҷиҳати оростани калом ба ӯ намедиҳад, балки ин авотифи ростин ва содиқонаи ӯст, ки калимотро ба сурате дилпазир бар забони вай ҷорӣ месозад ва бар мухотаб таъсире некӯ ба ҷо мегузорад»:

«إِنّیِ مَا عَدَلْتُ بِمُؤَلَّفَاتِی إِلَی هَذِهِ الْغَايَةِ عَنِ أَسْمِهِ، إخلاَلاً بِمَا يُلْزِمُنِی مِنْ حَقِّ سؤدَدِهِ، بَلْ إجْلاَلاً لَهُ عَمَّا لاَ أَرْضَاهُ لِلمُرُورِ بِسَمْعِهِ وَ لَحْظِهِ، وَ تَحَامِياً لِعَرْضِ بِضَاعَتِی الْمُزْجَاةِ ،عَلَی قُوَّةِ نَقْدِهِ، وَ ذَهَابًا بِنَفْسِی عَنْ أنْ أُهْدِیَ لِلشَّمْسِ ضَوْءًا، أَوْ أَنْ أَزِيدُ فِی الْقَمَرِ نُورًا، أَوْ أَنْ أَكُونَ كَجَالِبِ الْمِسْكِ إِلَی أَرْضِ التَّرْكِ، وَ الْعُودِ إِلَی بِلاَدِ الهِنْدِ، وَالْعَنْبَرِ إِلَی الْبَحْرِ الأَخْضَرِ» **[115**,179 ]

(Яъне: Ман дар осорам то ин андоза аз зикри ному нишони ӯ худдорӣ накарда будам, бад-он ҷиҳат, ки халале ба ҳаққи сарварияш, ки бар ман лозиму зарурист, ворид насозам, балки ба хотири бузургдошту эҳтироми вай дар мамониъат аз гуфторе, ки шунидану дидани онҳо ӯро хушнуд намесозад,

ва парҳез аз ироаи бизоати андакам дар баробари нақди вай ва дур сохтани хеш аз ин ки партаве аз рӯшноиро ба хуршед пешкаш намоям ва ё бар моҳи тобон андаке нуру рӯшноӣ бияфзоям ва ё ин ки чун касе бошам, ки ба диёри Турк мушк ва ба билоди Ҳинд уд ва ба ҳошияи уқёнуси Ҳинд анбар фиристад).

Саолибӣ дар баробари ишора ба саховату эҳсони фаровон аз табъи баланду хотири нозуки Абулфазл низ ёдовар мешавад ва бо фурӯтаниву хоксорӣ рӯирост иқрор мешавад, ки дар васфи инсони шарифу наҷиб ва сухандоне чун ӯ суханҳои тавсифӣ гуфтан мушк ба Хито бурдан аст.

Дар маҷмӯъ, бо итминон метавон гуфт, ки намояндагони дигари Оли Микол низ дар дастгириву пуштибонии аҳли адаби арабизабони замони худ, дар рушди иқтисодиву иҷтимоӣ ва сиёсии давлати Сомониёну Ғазнавиён монанди се тан–Абӯнаср ибни Аҳмади Миколӣ, Ҳасанаки Вазир, Абулфазл ибни Убайдуллоҳ Аҳмади Миколӣ аз рӯи тақозои ҷавҳару асолати форсизабонияшон саҳмгузор буданд.

Аз тарафи шоирони машҳуру маъруфи давр Абӯбакри Хоразмӣ, Бадеуззамони Ҳамадонӣ, Абӯмансури Саолибӣ марвиди мадҳу ситоиши зиёд қарор гирифтани барҷастатарин намояндагони хонаводаи Микол далели қотеъ ва равшани ҷойгоҳу мақоми онон дар арсаи сиёсату фарҳанг ва адабиёти давраи худ мебошад.

# БОБИ II. РӮЗГОР ВА ОСОРИ АБУЛФАЗЛИ МИКОЛӢ

## II.1. Зиндагиномаи Абулфазли Миколӣ

Ҳангоми тадқиқи адабиёти арабизабони Нишопур ва муаррифии чеҳраи илмиву адабии Абулфазл Убайдуллоҳ ибни Аҳмад ибни Алии Миколӣ бидуни шарҳу тавзеҳи аслу насаби ӯ, гузаштагони вай ва хостгоҳи таърихии онҳо ва обрӯву нуфузи сиёсиву фарҳангии хонадони Миколиён рисолати адабиву ҳунарии вай номакшуф мемонад.

Масъалаи нахустине, ки тавзеҳ мехоҳад, шарҳи ба кадом исм иртибот доштани номи ин силсилаи амирон, муайян кардани замони ҳукмронии Миколиён ва собиқаи фаъолияти сиёсату раёсати онҳост.

Мувофиқ иттилои Акрам Баҳромӣ номи аслии дурусти ин хонадон Миколиён аст, ки барғалат ба Микоилиён машҳур шудааст [109, 1172]. Хонадони мазкур номи худро аз номи ҷаддашон гирифтаанд, ки дар тамоми маохиз ва аз ҷумла дар ашъори шуарои маддоҳ «Микол» омадааст. Чунонки Абӯбакри Хоразмӣ адиби маъруф, ки аз маддоҳони Абӯнасри Миколӣ буда, гӯяд:

نجر ذيول الفخر حتى كاننا          لعزتنا  فى آل ميكال ننتمى [109, 1178]

(Яъне: Домони фахрро дароз мекунем зеро, ки мо гӯиё бо иззатамон ба Оли Микол мепайвандем).

Саромади ин дудмон Микол ибни Абдулвоҳид ном доштааст, вале дар хусуси зиндагии ӯ иттилое дар даст нест. Дар бораи ду фарзанди вай Шоҳ ибни Микол ва Муҳаммад ибни Микол дар манобеъ ишораҳо рафтааст. Шоҳ ибни Миколро шоирони зиёде мадҳ кардаанд. Яке аз онҳо шоири маъруфи тойӣ Абулъубода Валид ибни Убайд ал-Буҳтурӣ (819-897 м.) аст, ки аслан арабнажод мебошад [109, 1175]. Ин шоири маъруф дар муҳити Бағдод бо эрониён муошират дошт ва аз таъсири тамаддуни эронӣ баҳравар буд.

Сарчашмаҳои адабӣ ба раёсат расидани Миколиёнро ба чанд воқеаи таърихӣ нисбат медиҳанд. Аввалан, онҳо дар замони хилофати Тоҳириён ба умури давлатдорӣ ва раёсати шаҳри Нишопур машғул гардиданд. Бино ба

навиштаи академик Б.Ғафуров хонадони Тоҳириён, бахусус «писари дигари Тоҳир – Абдуллоҳ (830-844) дар ҳеҷ сурат худро мутеи хилофат надониста, Хуросонро бо ихтиёри худ идора мекард. Дар замони ӯ қароргоҳи Тоҳириён шаҳри Нишопур гардид» [59, 44]. Connиян, Тоҳириён бо мақсади самтгирии сиёсӣ дар муқобили хилофати Аббосиён ба арзишҳои диниву адабии қабл аз исломӣ низ эҳтироми хос қоил буданд. Аз ин рӯ, шоирон Тоҳириёнро дар муқоиса бо подшоҳону қаҳрамонони Эрони бостонӣ мадҳ мекарданд, чунки онҳо на фақат ба рушди забони арабӣ, балки ба равнақи забони форсӣ низ диққат медоданд [59, 446-447].

Ин санад далолат ба он дорад, ки шояд Тоҳириён аслу насаби Миколиёнро медонистанд ва дар ин замина хоҳиши истифода аз нуфузи сиёсиву маънавии онҳо пеш омад.

Матлаби дигаре, ки ба ҳаводиси таърихӣ иртибот дорад, далолат ба обрӯи намояндагони хонадони Миколӣ дар замони Саффориёну Сомониён мекунад. Муҳаммад ибни Микол ҷадди Миколиёни Хуросон буд ва писараш Абдуллоҳ ибни Муҳаммад ибни Микол (ваф. 920 м.) аз соли 880 м.ё пештар аз он то соли 889 м. вакили Амри Лайси Саффорӣ дар Систон буд. Тахмин меравад, ки баъдтар Абдуллоҳи вакил шӯриши Субкариро, ки соли 911 м. омили Форсу Кирмон ва Систон таъйин гардида буд, шикаст дода, ба вазорат расид ва то соли 920 м. аз ҷониби халифа омили Аҳвоз ва Форс буд. Вай ашъар-ул-уламо ва аълам-уш-шуаро Ибни Дурайдро ба назди худ хонда, девони Форсро ба ихтиёраш супорид. Ҳамчунин ин шоири донишмандро вазифадор кард, ки тарбияти писараш Абулаббоси Исмоилро бар уҳда гирад. Ибни Дурайд ин пешниҳоду маъмуриятро пазируфту ба таълиму тарбияи ӯ пардохт. Ибни Дурайд маъруфтарин қасидаи худ «Мақсура»-ро, ки аз манзумоти маъруфи забони арабӣ аст, барои Абдуллоҳ ибни Муҳаммад ва писараш Абулаббос ба назм кашида, дар он эшонро ситоиш намуд. Ҳамчунин маъруфтарин китоби худ «ал-Ҷамҳарату фи-л-луғат»-ро низ ба номи писари Абдуллоҳ–Абулаббос Исмоил таълиф кард [ниг.: 115, 18].

Абулаббос Исмоил (883–973) ҳамчун раиси муассиси силсилаи Миколии Хуросон эътироф шудааст. Ӯ аз мардони номии замон, шахси муҳтарам ва

донишманду муҳаддис буд. Пас аз марги падараш халифа хост, ки ӯро дар ҳамон корҳое, ки падараш дошт, ҷойнишин кунад, вай напазируфту ба Нишопур–ватани аслии худ омад. Чун дар Нишопур ӯро хуш напазируфтанд, ба Ҳирот рафт ва ба хидмати амири Сомониён расиду мавриди таваҷҷӯҳ қарор гирифт. Дар дарбори Сомониён дар даврони ҳукумати Абдулмалик ибни Нӯҳ ва замони вазорати Абӯҷаъфар Аҳмад ибни Ҳусайни Утбӣ ба исрори ҳамин вазир идораи девони расоилро бар ӯҳда гирифт ва муддати 15 сол ин мақомро дошт. Абулаббос ҳамин тариқ раёсати Нишопурро низ ба даст овард. Н. Зоҳидӣ ҳам дар ин маврид таъкид мекунад, ки Абулаббос баъди ифои вазифа дар девони расоили Сомониён ба Нишопур баргашта, идора кардани шаҳрро ба уҳда гирифт. Аз ин рӯ, дар сарчашмаҳо ӯро ба унвони «шайхи Хуросон», «раиси Хуросон» ёд кардаанд [62, 42]. Вай соли 973 м. дар синни 90-солагӣ дар Нишопур даргузашт ва дар Боби Маъмар ном мавзеъ мадфун шуд.

Писари бузурги Абулаббос Раис Абӯмуҳаммади Абдуллоҳ (919-990) ном дошт. Лақаби «Раис» ба он ҷиҳат ба аксари афроди ин хонадон итлоқ мешудааст, ки раёсату муованати ҳукумати шаҳри Нишопурро бар уҳда доштанд. Абӯмуҳаммад низ монанди падараш дар нависандагӣ ва суханварӣ пойгоҳе бас баланд дошт. Фиқҳро аз Қозиюлҳарамайн Абулҳусайн ва дигарон фаро гирифт. Ӯ муҳаддис буд ва дар шаҳрҳои Нишопур, Рай, Домғон, Ҳамадону Бағдод, Кӯфа ва Макка ҳадис мегуфт. Марди некӯкор ва хайрандеш буд. Навиштаанд, ки дари хонааш ҳамеша ба рӯйи мурочиаткунандагон боз буд ва ӯ пинҳонӣ мустамандони шаҳрро рӯзӣ медод. Саолибӣ дар мавриди вай гуфта, ки се ҳазор байт шеър аз пешиниён ва муҳаддисон аз бар доштааст. Дар тазкираи Саолибӣ намунаҳое аз шеъру насри ин марди адибро метавон дид. Саолибӣ танҳо касе нест, ки дониш ва биниши ӯро сутуда бошад, адабу табаҳҳури ӯ ҳатто то панҷоҳ сол баъд аз маргаш то замони Байҳақӣ бар сари забонҳо будааст. Раис Абӯмуҳаммад ба соли 975 м. аз қабули девони расоил худдорӣ кард, аммо пешниҳоди вазоратро билохира дар соли 977 м. пазируфт ва муддати бештар аз 20 сол

дар ин вазифа кор кард. Абӯмуҳаммад соли 989 м. мавсими ҳаҷ дар Маккаи муаззама даргузашт ва он ҷо мадфун шуд [17,ч.2, 118].

Аз Абӯмуҳаммад танҳо писаре бо номи Абӯҷаъфар ибни Абдуллоҳи Микол (ваф. 998) маъруф аст, ки дар ривоёт ба номҳои Абӯҷаъфар Муҳаммад, Абӯҷаъфари Миколӣ, Раис Абӯҷаъфар ва Амир Ҷаъфар ёд шудааст.Ӯ низ монанди падару бобояш аз шуҳратёфтагони замони худ буда, байни фузалои дарбори Ғазнавиён дар мақоманависӣ, шеъру луғат ва фиқҳ мақоми шоиста доштааст.

Аз ин маълумот бармеояд, ки намояндагони Оли Микол пас аз зуҳури Ғазнавиён ба шаҳри Ғазнин даъват шуда, дар мақомоти идории ин хонадон низ даст ёфтаанд. Ин матлабро шахсияти воқеии барҷастатарин фарди сиёсии ин дудмон Ҳасанаки вазир собит месозад, ки дар охири подшоҳии Маҳмуди Ғазнавӣ ба вазорат ноил омад. Пас аз истиқрори Салҷуқиён дар Эрон ва бо коста шудани аҳамияти Хуросон, эътибори ин дудмон низ ба суръат коҳиш ёфт ва минбаъд шахсияти номоваре дар миёни ин хонадон зуҳур накард. Афроди ин хонадон дар муқобили таҳаввулоти сиёсӣ ва шароиту вазъи ноҳамвори аср истодагарӣ нишон медоданд ва ба ин тартиб имтиёзоти худро ҳифз мекарданд.

Нуктаи ҷолиб дар таҳлили ин мавзӯъ пайванди гузаштагони Миколиён бо ҳокими Суғд–Деваштич аст [62, 64].Масъалаи интисоби ирқиву хунии Миколиён ба Деваштич шарҳи чанд нуктаи баҳампечидаро пеш меорад. Матлаби асосӣ дар ташреҳи ин муаммо ҳувияти шахсии Деваштич барои илми таърихшиносии ҷаҳонӣ аст, ки ба василаи осори хаттии суғдиву арабӣ дар Қалъаи Муғи водии Зарафшон мушаххас мегардад. Юсуфшоҳ Яъқубов дар рисолаи «Паргар дар асрҳои VII-VIII-уми даврони мо» бар мабнои ахбори манобеи форсиву арабии асримиёнагӣ аз зикри Деваштич ва ҳодисаҳои марбут ба фаъолияти сиёсии ӯ ёд мекунад [105, 24-30].

Вале академик И.Ю.Крачковский дар мақолаи «Нома аз Суғдиён», ки соли 1932, пас аз ду соли дарёфти осори бостонии Қалъаи Муғ навиштааст, лаҳзаи қироати номи Деваштичро аз оғози номаи ӯ ба намояндаи арабҳо Амир ал-Ҷарроҳ хеле муассир қаламдод менамояд, ки мухтасараш ин аст: Ӯ

менависад, ки «вақте А.А.Фрейман дастхати арабии Кӯҳи Муғро аз лифофа ба рӯи миз гузошт, ман даступо гум кардам ва пайванди ҳарфҳоро муайян намешинохтам. Лаҳзае, ки калимаи Дивастиро баъди тааммули зиёд хондам, садо дардодам ва бо зинапояи канорӣ бошитоб ба ошёнаи ҳаштум, ҷое ки Институти шарқшиносӣ ва ҳуҷраи арабшиносӣ қарор дорад, баромадам. Он ҷо дар раф китоби дувоздаҳҷилдаи таърихшиноси барҷастаи мо ат-Табарӣ ҷой дорад. Ниҳоят, пас аз ҳаяҷону таассуроти ғайримунтазира тез-тез китобро варақгардон намуда, ба ҳамон ҷумлаву сархате, ки калимаи Дивашни навишта шудааст, расидам. Калимаи Дивасти аз Дивашни танҳо дар нуктаҳо тафовут дорад. Ҳарду ин калима як матлабро ифода мекунад. Вақте саҳифаеро, ки дар он ҷо зикри ин ном рафта буд, хондам, дидам, ки сухан аз боби воқеоти Осиёи Марказӣ дар қарни нахустини ҳиҷрӣ мерафт. Баъди итминони комил ҳосил намудан рӯҳам болида гардид ва ман бошитоб ба поён, ба ҳуҷраи кории А.А.Фрейман фаромадам. Агар ман бист сол ҷавонтар мебудам, аз тариқи зина неву аз рӯи дастгири он паридаву лағзида зуд поён меомадам. Бо ин ҳама, худро ба ҳуҷраи корӣ гирифта, ба рӯи курсӣ афтода, ба Фрейман, ки то ҳол сабаби ба боло давиданамро намедонист, гуфтам «Дивасти пайдо шуд». Гӯё бо ин дарёфт шодиву тантана ҳамаро фарогир шуд ва сарриштаи дарки муҳтавои осори хаттии дарёфтшуда ба даст омад» [72, 67-68].

Сарчашмаҳои дигари муосир, чун китоби арзишманди олими бузург А.А.Фрейман «Тавсиф, интишор ва тадқиқи ҳуҷҷатҳои Кӯҳи Муғ» аз ҳақиқати таърихии ном ва кору пайкори Деваштич мукарран ёд мекунанд.

Манзур аз ёдкарди ин мавзӯъ ин буд, ки Оли Микол аз кадом роҳ бо Деваштич иртибот доранд ва шояд саранҷоми рӯзгори ин ҳокими баландовоза дар таърих мӯҷиби эҳёи тозаи як хонадони дигари сиёсӣ пас аз садсоли дигар дар Нишопур гардидааст.

Баҳсҳои вобаста ба фаъолияти сиёсии Деваштич, ҳукумати ӯ дар мулки Панч (Панҷакат), дурустии тӯли салтанати ӯ дар Суғд (Самарқанд), нигаҳдориву нигаҳбонии ду писари Тархун, мукотиботи ӯ бо намояндагони халифа дар Мовароуннаҳр доманаи васеъ дорад.

Чун баҳси ҳар як аз ин мавзӯъ дархур ба муаммои меҳварии ин рисола нест, танҳо зикри як андеша зарур аст. Ҷамъе аз таърихнигорону муҳаққиқон дар бораи Деваштич ва Тархун ҳамчун ду шахси ҷудогона ва ҳокиме, ки паси ҳам дар Суғд ҳукумат доштанд, ёд мекунанд. Аммо А.А.Фрейман бар ин назар аст, ки Тархун на номи каси дигар, балки лақаби Деваштич аст. Тархун дар саҳнаи таърих на дертар аз соли 704 пайдо шуда, солҳои 704-710 ҳукмронӣ кард. Баъд ӯ вазифаи подшоҳии Суғдро ба Ғурак супурд. Ба андешаи ин муҳаққиқ калимаи «тархун» унвони ҳоким аст, на номи ӯ. Вай мегӯяд, ки мардуми чину араб ин истилоҳро ҳамчун унвони туркии ҳокимони ин минтақа корбаст менамуданд [97, 42-44].

Нуктаи дигар дар итоату парвариши Деваштич қарор доштани ду писари Тархун аст. Азбаски А.А.Фрейман шахсияти Тархунро зери тардид қарор медиҳад, ӯ мегӯяд, ки онҳо на фарзандони ҳокиме мавсум ба Тархун, балки фарзандони худи Деваштич ҳастанд.

Соли 722 м. миёни Саид ибни Амри Ҳавошӣ фармонравои Хуросон, ки дар ҳаволии Фарғона ба ғазо машғул буд ва Девастӣ, ки дар ин ҳангом ҳокими маҳалли Самарқанд буд, набарде даргирифт. Девастӣ, ки дар мақоми заъф буд, худро таслим кард ва Саид ибни Амр ба рағми қавле, ки дода буд, ӯро кушт ва сарашро ба Ироқ ва дасти чапашро ба Тухористон назди Сулаймон ибни Абиисро фиристод. Умар ибни Ҳибара волии Ироқ аз қатли Девостӣ хашмгин шуд ва Саид ибни Амрро аз ҳукумати Хуросон барканор кард. Аз он пас аз бозмондагони Девостӣ дар Суғд хабаре дар даст нест. Зоҳиран онон аз сарзамини модарии худ кӯч карданд [147].

Агар ба иттилои сарчашмаҳои фавқуззикр бовар кунем, пас маълум мешавад, ки писарони Деваштич баъди марги падари хеш аз Мовароуннаҳр берун шуда, ниҳоят пасовандонашон баъди сад сол боз ба садорат расиданд.

Ин маълумот шаҳодат аз он медиҳад, ки асли Миколиён аз Суғд буда, маҳалли ифтихори сокинони ин марзу бум аст. Самъонӣ таборномаи Миколиёнро чунин муқаррар кардааст, ки асли онҳо ба Баҳроми Гӯр мерасад: Микол ибни Абдулвоҳид ибни Ҷабраил ибни Қосим ибни Бакр

ибни Деваштӣ ибни Шур (Сур) ибни Шур ибни Фируз ибни Яздиҷурд ибни Баҳроми Ҷур (Гӯр) [145].

Аз чеҳраҳои барҷастаи ин хонадони наҷиб Абулфазли Миколӣ мебошад. Номи пурраи ӯ Абулфазл Убайдуллоҳ ибни Аҳмади Миколист. Санаи таваллуди ӯ дақиқан дар сарчашмаҳо зикр нагардидааст. Аз гуфтаи Н. Зоҳидӣ метавон дарёфт, ки Бохарзӣ ҳангоми мулоқот бо Абулфазли Миколӣ умри вайро беш аз 80 сол муайян кардааст. Бо ин далел олими мазкур тахмин мезанад, ки Абулфазли Миколӣ солҳои 50-уми асри X ба дунё омадааст. Далели дигаре дар бораи дарозумрии Абулфазлро, ки тақвиятдиҳандаи андешаи дар санаи мазкур зода шудани ӯст, поёнтар дар мавриди лозим хоҳем овард.

Таърихнигор С.Абдуллоев дар бораи ин шахсияти маъруф менависад: «Аз шоҳидии осори таърихиву адабӣ мусаллам мегардад, ки Абулфазли Миколӣ дар Нишопур дар оилаи умарои Миколӣ тавлид гашта, дар муҳити дарбор тарбия ёфт ва аз забону адабиёту таърих ба хубӣ огоҳӣ пайдо намуд. Ҷои таъкид аст, ки аз оилаи Миколиён олимону адибоне, чун Абулаббос Исмоил ибни Абдуллоҳ ва Абӯмуҳаммад Абдуллоҳ ба камол расиданд. Падару бобои Абулфазл–Абӯнаср Аҳмад ибни Алӣ ва Убайдуллоҳ Абулқосим Алӣ аз умарои Нишопур буданд. Дар дарбори эшон бархе аз шоирону олимони замон амсоли Абӯбакри Хоразмӣ, Бадеуззамони Ҳамадонӣ кору фаолият доштаанд. Абулфазли Миколӣ пас аз расидан ба тахти салтанат беш аз ниёгони худ уламову шуароро таҳти ҳифозату инояти хеш қарор дод» [45, 451]. Ин маълумот собит мекунад, ки сабаби асосии дар илму фазл, раёсату сиёсат шуҳрат касб кардани Абулфазли Миколӣ таъсири муҳити маънавии хонаводагӣ мебошад. Таъкиди таърихнигор ва нуктаи мазкурро ду байти худи Абулфазли Миколӣ тасдиқ мекунад:

أراني كُلّما فاخرتُ قَوماً فخرتُهُمُ بنفسي أم نِجاري

خذوا خَبَري به عِن خوفِ شَانٍ يُجاهِرُ بالعِنَادِ وأمْنِ جَارِ [40, 23]

(Яъне: Ҳар гоҳ, ки бо касе ба тафохур пардозам, бо худам ва ё аслу насабам ифтихор мекунам.

Ман ин кор аз хавфи он кунам, ки душманам ё маро намепазирад ва ё хусумат меафзояд).

Ифтихор аз аслу насаб кардани Абулфазли Миколӣ далели покнажодӣ, дорои мукнату сарват, дастгоҳи раёсат, донишу таҷрибаи сиёсиву идорӣ будан ва дасти дарози караму саховат доштани ӯ ва Оли Микол мебошад. Вай ҷое дигар дар ашъораш сабаби нуфузи иҷтимоӣ пайдо кардани худро чунин ташреҳ додааст:

وسائلةٍ تسائلُ عن فَعَالي        وعما حَازَ في الدنيا جَمَالي

فقلتُ إلى المعالي حَنَّ قلبي        وفي سُبُلِ المكارِمِ لجَّ مالي

وللعلياءِ نَهْجٌ مُستقيم        فمالي تارِكاً ذا النَّهج مالي

إذا أسرجتُ في فَخْرٍ سَمَا لي        فَعَالي والنِّجار فالجمالي [40,40]

(Яъне: Нозанине маро аз афъолам ва аз он чӣ дар дунё аз ҷамолам ёфтааст, мепурсад.

Гуфтам: Дилам ба сӯйи боло майл дорад ва молам дар роҳи карам сараф мешавад.

Боло рафтан роҳи рост дорад пас чаро аз ин роҳ даст кашам.

Чун дар ин роҳ аз фахр истифода карда, афъолу аслу насабамро ба боло бурдам).

Агар, дар ҳақиқат ӯ аз авлоди «раис»-они миколии Нишопур ва эрониасл намешуд, ҳеч гоҳ дар шеър зикри асли худро мояи тафохур қарор намедод. Ҳамчунин маълум аст, ки ӯ баъди даргузашти падараш Абӯнаср тақрибан соли 1025 раёсати шаҳри Нишопурро бар ухда гирифтааст.

Аз мазмуну мундариҷаи ашъори бозмондаи шоир вазъи иҷтимоӣ, мазҳаб, тамоюл ба ободониву созандагӣ доштани ӯро дарк кардан осон аст. Доир ба вазъи иҷтимоӣ, яъне появу мақом, ки шоир ин мафҳумро бо «асл» ифода кардаву тафохур аз онро ба худ раво дидааст, дар боло мисол оварда шуд. Ин ҷо ба масъалаи қонеъ ва сабуру розӣ ба қисмати Худованд будани шоири ҳаким руҷуъ хоҳад шуд. Дар порчаи ҳикамии зерин чеҳраи худро

ҳамчун як инсони рӯзгордида, пуртаҷриба, ниҳоят боимону диндор, хушнуд ба атоҳои Худованд ҷилва медиҳад:

تفرّقَ الناسُ في أرزاقِهم فِرَقاً        فَلابسٌ من ثَرَاءِ المال أو عاري

كذا المعايشُ في الدنيا وساكنها        مقسومةٌ بين أدماثٍ وأوعارِ

من ظَنَّ بالله جَوراً في قَضيّتهِ        افترَّ عن مأثمٍ في الدّينِ أوعَارِ [40, 25]

(Яъне: Мардумон дар ризқу рӯзӣ гуногунанд, аз онҳо баъзеашон фохира пӯшидаву базъеи дигарашон бараҳнанд.

Инчунин дар зиндагӣ хубиву зиштӣ дар миёни сокинони дунё тақсим карда шудааст.

Ҳар кас, пиндорад, ки Худованд бар сарнавишти ӯ ҷабре кардаст, вай дар уқбо гунаҳкор асту дар дунё шарманда гаштааст).

Ҳамчунин, мазмуни порчаи шеърии боло на фақат далолат ба ҳаёти осудаву хуррами шоир мекунад, балки ҳамзамон собит мекунад, ки шоир нисбат ба вазъи иҷтимоии дигарон бефарқ нест. Бисёр мехоҳад, ки дар ҷомеа баробарии иҷтимоӣ вуҷуд дошта бошад, ҳама баробар зиндагӣ кунанд ва неъматҳои табиат баробар истифода баранд. Аммо, вақте ба кунҳи асрори нобаробарии иҷтимоӣ мерасад, ба натиҷае меояд, ки дар камбағаливу дороӣ –мавқеияти иҷтимоӣ ҳеч гоҳ касеро ҳукм ба ҷавр набояд кард. Зеро Худованд бар он чи мекунад, худ доност.

Дар байти охирини шеъри ишқии зерин, ки мазмунан баёнгари яке аз масоили фиқҳӣ асту дар асли балоғат ирсоли масал барои тақвияти андешаҳои ормонии ошиқона мебошад, шоир пайрави мазҳаби Имоми Аъзам–мазҳаби ҳанафӣ будани худ иқрор шудааст:

أقولُ لشَادنٍ في الحُسنِ فَردٍ        يصيدُ بطَرفِه قلبَ الجَليدِ

ملكتَ الحُسنَ أجمعَ في قوامٍ        فلا تَمنع وُجوباً عن وجودِ

وذلكَ أن تجودَ لمُستهامٍ        بَرشفِ رُضابِكَ العذبِ البَرودِ

فقالَ أبو حنيفة لي إمامٌ        فعندي لا زَكاةَ على الوليدِ [40, 50]

(Яъне: Ба оҳуе, ки дар ҳусн беназир аст, ки нигоҳаш дили қавиро низ сайд мекунад, гуфтам:

Тамоми ҳусну ҷамолро аз худ кардаӣ ва акнун дидоратро аз мо манъ макун.

Ба ҷавонӣ дар ишқи ту афтодааст, сахо намо ва ба дарди бедармони ӯ давое кун.

Абӯҳанифа, ки имоми ман аст, чунин фармуда, ки: Барои навзод дар назди ман закоте набошад).

Мазмуни абёти зерин нишон медиҳад, ки шоир мисли гузаштагони суғднажоди худ ба ободкориву боғпарварӣ тамоюли табиӣ дошта, дар назди ҳавлӣ ё худ дар гӯшае аз шаҳри Нишопур боғе бунёд карда, ки дар он гулҳои гуногунро рӯёнидаву парвариш мекардааст:

أعددتُ محتفِلا ليومِ فراغِي      رَوضاًغَدا إنسانَ عينِ الباغي

روضاًيَرُوضُ هُمُومَ قلبي حُسنُهُ      فيه لكأسِ اللَّهوأيٌّ مَسَاغِ

وإذابدتْ قُضبانُ رِيحانِه      حيّتْ بمثلِ سلاسلِالأصداغِ [40, 30]

(Яъне: Баҳри рӯзи фароғам боғеро, ки барои инсони дилҷуста мувофиқ буд, омода намудам.

Боғе, ки ҳусни он ғаму андӯҳи дилро бартараф менамояду, дар он ҷоми лаҳву сархушӣ ҷойи муносибе дорад.

Чун шохаҳои райҳон дар он боғ намудор гашт, ба мисли силсилаи зулфони нозанинест, ки салом медод.)

Тавре ки худи шоир дар оғози шеъри мазкур таъкид мекунад, боғро барои фароғати худ бунёд намудааст. Метавон тахмин кард, ки шоир дар ин боғ на фақат ба фароғат менишаст, балки шеъру асарҳояшро маҳз дар ҳамин ҷо менавишт ва бо аҳли адаб гоҳ-гоҳ нишастҳо барпо мекард.

Бо истифода аз имконоти ҳаматарафа ба айшу ишрат ва фароғат пардохтани шоирро ҳам аз мазмуни ашъори маишӣ, ошиқона ва то андозае риндонаи ӯ пай бурдан осон аст. Тавсифи маъшуқаҳои оҳучашм, зебоандом, фаттону дилрабо ва баёни азоби ҳиҷрону лаззати висоли онҳо дар тағаззули Абулфазл нишоне аз давраи ҷавонии пур аз айшу нӯши ӯст. Порчаи шеърии

зерин лаҳзаҳои шодхорӣ ва комгории шоирро чунон барҷаста, бидуни ҳеч муболиға инъикос мекунанд, ки зарурати шарҳу тавзеҳи иловагӣ надорад:

ما سبى عقلي المدامَ الرّحيقُ        بل جُفونٌ نشواهُا لا يفيقُ

حين غُصنُ الشبابِ غَضٌ وريقٌ        ومزاجُ الشبابِ غضٌ ورِيقُ

ثمّ بانَ الصبا وعفَّ التصابي        وتجافى الهوى وخفَّ الحريقُ [40,32]

(Яъне: Ақли маро бардавом нӯшидани шароб аз худ набурда, балки онро чашми масти ёр рабудааст.

Чун навдаи ҷавонӣ ҳанӯз тару тоза буда, нӯшобаи онҳо майу бода буд.

Сипас, ишқ маълум гашта дилбар ошкор шуд ва ҳаво хушк шуда оташ хомӯш гашт).

Маҷмӯан, шароити хуби иҷтимоиву иқтисодӣ ва маънавӣ буд, ки Абулфазли Миколиро умри дароз насиб гашт. Чи тавре дар оғози зиндагиномаи шоир таъкид шуд, ӯ зиёда аз 80 сол умр дидааст. Ду байти зеринро ба унвони далели ба пирӣ расидан, даврони пирӣ рондан, дар пирӣ ҳам ба айшу ишрат даст доштани шоир пазируфтан собит мекунад, ки Абулфазл дар ҳақиқат умри дарози пурбаракат дидааст:

قد أبى لي خِضَابَ شَيبي فؤادٌ        فيه وجدٌ بكتمِ سِرّي وُلُوعُ

خافَ أن يُحدِثَ الخِضَابُ نُصُولاً        ونصولُ الخضابِ سرٌّ يَذِيعُ [40, 28]

(Яъне: Дилам нахост, ки сафедии мӯямро ҳино тағйир диҳад, зеро он пӯшонандаи ишқу ҳавас ва рози ман буд.

Тарсид, ки ранги ҳино тағйир ёфта, он сирре, ки пӯшида буд, ошкор гардад).

Аз порчаи шеърии зерин метавон ҳадс зад, ки Абулфазлро фарзанде ба дунё омадаасту шоир ӯро Яҳё ном гузоштааст:

تفاءلتُ للمولودِ في بَطنِ مُصحَفٍ        فبشّر بإبن قادمٍ إسمُه يَحيى

فأصدِق به من مُخْبِرٍ ومُبشّرٍ        وأحرَ بأنْ أُسميه يحيى لكي يَحْيا

وإني لأرجُو الله يُسعِدُ جَدّه        فيحظى بفوزٍ في الممَاتِ وفي المحيا

ويكسى رداء العلمِ والحِلم والتُّقى        فيدرك عُقبَى من تعفّفَ واستحيا

وممّا يقوّى فيه ظَنّي أنه          سَميٌّ نبي مُرسلٍ شَافَه الوَحيا [40, 5]

(Яъне: Фоле дидам дар батни мусҳаф ба таваллуди навзоде, ки писаре хоҳад буд маро бо номи Яҳё.

Паёмоваре муждаи таваллуди ӯро тасдиқ кард ва месазад, ки ӯро Яҳё номам, то зинда бошад.

Ман аз Худо мехоҳам, ки ӯ ҷаддашро саодат бахшад ва дар дунёву охират комёб бошад.

Бо зинати илму ҳилм ва тақво оро ёбад то камоли шарму ҳаёро ноил гардад.

Чизе, ки пиндори маро нисбат ба ӯ тақвият медиҳад, ин аст, ки ӯ ҳамноми паёмбари мурсал буда, ӯро ваҳй дилпазир намудааст).

Бино ба ахбори маъхазҳо, Абулфазли Миколӣ фарзандони дигаре низ доштааст. Аз ҷумла, Абулҳасани Байҳақӣ се тан аз фарзандони ӯро бо номҳои Амир Ҳусайн, Амир Алӣ, Амир Исмоил ба қайд овардааст. [147].

Ҳамин тариқ, маълумотҳои мавҷудаи таърихиву адабиро ашъори бозмондаи худи шоир низ тақвият бахшида, собит мекунанд, ки Абулфазли Миколӣ зиндагии хушу хуррамеро паси сар карда, 28-уми апрели соли 1045 аз дунё гузаштааст [45, 451]. Агар фарзияи Н.Зоҳидиро дар хусуси дар солҳои 50-уми асри X таваллуд шудани шоирро ба инобат гирем, пас метавон тахмин кард, ки Абулфазли Миколӣ дар ҳудуди 90 сол умр дидааст.

Ҳарчанд дар бораи зиндагии Абулфазли Миколӣ аз ин беш маълумот дар сарчашмаҳои куҳнаву нав мавҷуд нест, бар асоси таҳлилу баррасии иттилооти мавҷуда ва ашъори бозмондаи худи вай метавон ба натиҷае расид, ки аслу авлод ва насаби ӯ дар ҳақиқат ба номи охирин мудофеи сарзамини Суғд аз ҳуҷуми арабҳо - Деваштич рафта мерасад. Ин нукта собит мекунад, ки гузаштагони мо мутобиқ ба талаботи сиёсиву фарҳангии замони зиндагии худ монанди Абулфазли Миколӣ барои рушди забону адабиёти арабӣ ва фарҳанги исломӣ хидмати босазо кардаанд.

## II.2. Осори мансуру манзуми адабӣ ва бадеии Абулфазли Миколӣ

Муҳити мадраса ва қишри фарҳангии ҷомеа, зарурати иҷтимоӣ ва сиёсӣ барои ҳифзи мақому пояи хонаводаи фарҳангпарвари Миколиён, омӯзишу мутолиаи пайвастаи кутуби диниву дунявӣ, ҳамкории адабӣ ва ҳамнишинӣ бо адибони замон, дар атрофи худ ҷамъ кардани аҳли завқу адаб омилҳои таъсиррасоне ба ҳисоб меравaнд, ки бар асоси онҳо Абулфазли Миколӣ аз овони ҷавонӣ рӯ ба таълифу таснифи асарҳои илмиву адабӣ овардааст.

Мувофиқи иттилои сарчашмаҳо Абулфазли Миколӣ ҳангоми ҷавонӣ зимни сафарҳои корӣ дар Нишопуру Бухоро ва Макка аз донишмандони бузурги илми ҳадис дарс омӯхта, дар поёни умр ба ривоёту имлои ҳадис пардохт [115, 195] ва ба унвони муҳаддиси соҳибмактаб ва соҳибмаҷлису маъруф шинохта шуд. Дар бораи он ки Абулфазли Миколӣ дар Хуросон аз муҳаддисон Ҳоким Абуаҳмад Ҳофиз, Абуамр ибни Ҳамдон, дар Бухоро аз Абубакр Муҳаммад ибни Ёфиси Бухорӣ, дар Макка аз Абулҳусайн ибни Рузайқ, Абӯалӣ Ҳамд ибни Абдуллоҳи Розӣ дарс ҳадис гирифтаву пас аз соли 1031 м. ба имлову ривояти ҳадис пардохтааст, аз мутақаддимон Абдулғаффори Форисӣ дар «Таърихи Нишопур» [35, 461] ва Муҳаммад ибни Шокири Кутубӣ дар «Фавот-ул-вафаёт» [38, 2/428] маълумот додаанд [147]. Ҳамчунин дар мавриди он ки аз Абулфазли Миколӣ ба ҷуз Абӯсолеҳи Муаззин, Масъуди Носир гурӯҳе аз муҳаддисон мисли Абулфазл Муҳаммад ибни Аҳмади Табсӣ, Абулҳасан Алӣ ибни Аҳмади Муаззин, Абулқосим Абдуллоҳ ибни Алӣ низ ҳадис ривоят кардаанд, Абдулкарим ибни Муҳаммад Самъонӣ дар «ал-Ансоб»-аш [34, 12/528] иттилоъ додааст.

Ӯ дар баробари фиқҳу ҳадис аз забону адабиёти арабӣ огоҳии комил дошт. Донишу ҷаҳонбинии ҳаматарафаи ин адиб дар ашъори то мо омада расидааш ба таври барҷаста мушоҳида мешавад.

Намунаҳои осори манзуми Абулфазли Миколӣ бештар дар осори Саолибӣ мундариҷ гашта, бад-ин васила то замони мо омада расидаанд. Саолибишиноси эронӣ Муҳаммадбоқир Ҳусайнӣ дар мавриди имконоти эҷодии Абулфазли Миколӣ дар қиёс бо Саолибӣ чунин навиштааст: «Миколӣ

зимни он ки дар нависандагӣ ва шеър чирадасту тавоно буд ва Саолибӣ борҳо аз маҳорати ӯ дар адаб ба некӣ ёд кардаасту ҳатто ӯро беҳамто донистааст, аз мавқеияти иҷтимоӣ, динӣ ва сиёсии бисёр бартар аз Саолибӣ дар замони худ бархӯрдор буд» [115, 192].

Дар мавриди ҳунари шоирӣ ва мақоми Абулфазли Миколӣ дӯсташ Саолибӣ чунин навиштааст:

«وَ مَنْ أَرَادَ أَنْ يَسْمَعَ سِرَّ النَّظْمِ، وَ سِحْرَالشِّعرِ، وَ رُقْيَةَ الدَّهرِ، وَ يَرَى صَوْبَ الظَّرْفِ وَ نَتِيجَةَالْفضْلِ، فَلْيَسْتَنْشِدْ مَا أَسْفَرَ عَنْهُ طَبْعُ مَجْدِهِ، أَثْمَرَهُ عَالِي فِكْرِهِ مِنْ مِلْحٍ تَمْتَزِجُ بِأَجْزاءِ النُّفُوسِ لِنِفَاسَتِهَا، وَ تُشْرَب بِالقُلُوبِ لِسَلَاسَتِهَا» [115, 182]

(Яъне: Ҳар кас бихоҳад асрори суханони манзум ва сеҳри каломи шеър ва афсуни рӯзгор бо гӯш (-и ҷон -Х.Н.) бишнавад ва нузули (борони –Х.Н.) ақлу ҷараёну сайлони суханони зебо ва ҳосили фазлу камолро (ба чашм – Х.Н.) бибинад, бояд аз ӯ (яъне аз Абулфазли Миколӣ-Х.Н.) бихоҳад то бо табъи баланду андешаи волояш, ашъори зебову малеҳ бисарояд, ки ба ҷиҳати арзишмандӣ он дар аҷзои тани одамӣ нуфуз кунад ва ба ҷиҳати равонию гувороии калом дилҳоро рому мусаххари хеш созад).

Аз «Тарҷумаи таърихи Яминӣ», ки аслан асари Муҳаммад ибни Абдулҷаббори Утбӣ бо номи «Таърихи Яминӣ» асту онро Ҷурфодиқонӣ аз арабӣ ба форсӣ тарҷума кардааст, равшан мешавад, ки: «Абулфазл дар латоифи адаб бореътар буд ва фароиди арабро ҷомеътар ва назми ӯ чун вашии Санъо ва чеҳраи Узро бадеъ» [5, 181] .

Тавсифоти мазкур, ки тақрибан дар як замон дар сифати Абулфазли Миколӣ ба қалам омадаанд, аз ҷойгоҳи баланди ӯ дар ҷодаи шоирӣ дарак медиҳанд.

Бояд таъкид кард, ки дар бораи осори илмиву адабии Абулфазли Миколӣ маълумоти зиёде дар даст нест ва худи асарҳои ин шоиру нависандаи тавоно ҳам қисме аз байн рафта ва қисме то замони мо омада расидаанд. Вале бо такя ба ахбори сарчашмаҳои адабиву таърихӣ ва бо назардошти андешаҳои муҳаққиқони эронӣ Муҳаммадбоқири Ҳусайнӣ, Муҳаммадалии Озаршаб, Алиакбари Муҳаммадӣ ва Саид Алӣ Оли Довуд, олимони тоҷик Сайдулло Абдуллоев ва Низомиддин Зоҳидӣ метавон дар мавриди теъдод ва

ановини осори Абулфазли Миколӣ, мундариҷа ва муҳтавои онҳо то ҳадди имкон равшанӣ андохт. Дар ин росто бояд ёдовар шуд, ки як манбаи дигари муайян кардани осори Абулфазли Миколӣ ва баррасии онҳо ашъори бозмондаи худи ӯст, ки он камтар мавриди таваҷҷуҳи донишмандони фавқуззикр қарор гирифтааст.

Абулфазли Миколӣ мисли гузаштагонаш ба эҷоди асарҳои мансуру манзум даст зада, аз худ мероси фаровоне боқӣ мондааст, ки чи тавре болотар таъкид шуд, фақат номи онҳо то мо тавассути сарчашмаҳо омада расидааст.

Сараввал аз рӯи нишондоди сарчашмаҳо дар зер номгӯи асарҳои мансури Абулфазли Миколӣ бо иловаи баъзе андешаҳо мураттаб оварда мешавад ва сипас ашъори бозмондаи ӯ мавриди таҳлил қарор мегирад.

Асарҳои мансури адабии Абулфазли Миколӣ ба тариқи зайланд:

1.«Махзун-ул-балоға». Ин асар, ки дар бисёр маъхазҳои адабиву таърихии арабизабон ва форсизабон аз он ёд шудааст, маҷмӯаи номаҳои Абулфазли Миколӣ ба аҳли илму адаб ва ҳуккоми замонаш мебошад. Саолибӣ дар боби ҳаштуми «Ятимат-уд-даҳр» аз ин китоб ба унвони «Китобу-л-махзун» ёдовар шуда, онро хеле ситоиш кардааст:

**وقد أوردت في هذا الباب من فصوص فصوله التي أخرجها من رسائله وبوبها في كتاب له وسمه بالمخزون ما يؤرخ به محاسن الكلام، ويزيد في ماخر الأقلام، ويستحق أن يدعي لفظ الدر، وعقد السحر.** [17, 366]

(Яъне: «Дар ин боб беҳтарин пораҳое аз рисолаҳояшро, ки ӯ дар китобе бо номи «ал-Махзун» дар бобҳои алоҳида овардааст, ворид намудам. Ва ин пораҳо маҳосини каломро рақам мезананд ва болотар аз он ҳастанд, ки қаламҳо аз навиштани онҳо ифтихор мекунанд ва меарзанд, ки онҳоро марвориди сухан ва каломе сеҳрогин биноманд»).

Дар ифодаи дақиқи номи ин китоб байни муаллифони сарчашмаҳо ихтилофҳост. Байҳақӣ ва Кутубӣ ин китобро «Махзуну-л-балоға» номидаанд, аммо Ҳоҷӣ Халифа ва Мирхонд онро «Махзану-л-балоға» хондаанд. Ба эҳтимоли қавӣ, «Махзуну-л-балоға» ба ҳайси унвони ин китоб бояд

дурусттар бошад, зеро онро нахустин бор Саолибӣ – дӯсти муаллиф «Китоб ал-махзун» сабт кардааст.

Ҳамаи маълумоти аҳли таҳқиқ доир ба муҳтавои ин китоб бо иқтибосҳои Саолибӣ аз он маҳдуд буд ва гумон мерафт, ки асли ин китоб аз байн рафтааст. Вале ахиран муҳаққиқони эронӣ Муҳаммадалии Озаршаб ва Алиакбари Муҳаммадӣ як нусхаи хаттии мухтасаргунаи «Махзун ул-балоға»-ро дар Китобхонаи миллии Малики Теҳрон таҳти шумораи 3553 пайдо карданд, ки он аз 130 саҳифа иборат буда, дар чанд бахш танзим шудааст. Бино ба навиштаи муҳаққиқони мазкур, бахши аввали китоб шомили даҳ боб доир ба васфи назм ва наср, ихвониёт ва аҳдномаҳо, дар шукр, мадҳ ва сано, дар гилаву шиква ва узрхоҳӣ, дар таҳният ва тақдими ҳадяҳо, дар иёдати бемор, дар баёни таъзият, дар султониёт ва фатҳномаҳо, дар шафоат ва бахшиш, дар одобу мавъиза ва ғайра аст. Бахшҳои дигари китоб ҳовии маводде доир ба чигунагии навиштани расоил ва намунаҳои он, ҳамчунин мухтасаре дар илми ахлоқ бо зикри нукоти арзишманде аст. Ба таъкиди М. Озаршаб ва А. Муҳаммадӣ, «ин асар аз балоғати зебоӣ бархурдор аст ва намунае аз насри кутоҳ ва мусаҷҷаъ ва, албатта, мутакаллифи қарни чаҳорум аст» [127,9-10]. Муҳаққиқони мазкур аз овардани пораҳои «Китоб ал-махзун» ва таҳлили он бино ба маҷоли андаки мақолаи худ сарфи назар кардаанд, вале пораҳое аз ин китоб, ки Саолибӣ зикр кардааст, таҷассумгари намунаи боризи насри мусаҷҷаи охири асри X ва аввали асри XI будани ин асари Абулфазли Миколиро таъйид мекунад.

2. «ал-Махзун ва-д-дурр ал-манзум ва-л-лафз ал-маъдум». Нусхае аз ин асар, ки  ба хатти насх соли 1735 м. китобат шудааст, дар ҷилди чоруми феҳристи дастнависҳои китобхонаи «ал-Ҷомиъ ал-Кабир» – и шаҳри Санъои Яман ба қалами Абулфазли Миколӣ мансуб дониста шудааст [119]. Муҳаммадалии Озаршаб ва Алиакбари Муҳаммадӣ бо ишора ба он, ки ба сабаби  ҷангу ноороміҳои тӯлонӣ дар Яман натавонистаанд ба ин дастнавис дастрасӣ пайдо кунанд, ҳадс заданд, ки ин дастнавис шояд шакли комили ҳамон «Китоб ал-махзун»-и Абулфазли Миколӣ бошад, ки дастнависи

мухтасаргунаи онро онҳо дар  Китобхонаи Малик пайдо карда буданд. [127, 10]

3. «Фазоилу-л-мулук». Таърихӣ будани ин асарро Н. Зоҳидӣ аз номаш истинбот карда, таъкид мекунад, ки номи он фақат дар «Равзат-ус-сафо»-и Мирхонд ва «Кашфу-з-зунун ан асомӣ ал-кутуб ва-л-фунун»-и Ҳоҷӣ Халифа ба қайд омадааст. Ҳарчанд аз ин асар то мо фақат ном боқӣ мондааст, бо такя ба маводи сарчашмаҳо оид ба рӯзгори Абулфазли Миколӣ ва Оли Микол метавон таъйид кард, ки аз рашҳаи қалами адиби сиёсатмадору давлатмарди хирадманду боистеъдод чун ӯ ба вуҷуд омадани китобе доир ба фазилатҳои давлатдории маликон аз ҳақиқат дур нест.

4. «Шарҳу ҳамосат Абитаммом». Номи ин асар ва аз таълифоти Абулфазли Миколӣ ба шумор омадани онро Ҳоҷӣ Халифа дар «Кашфу-з-зунун ан асомӣ ал-кутуб ва-л-фунун» қайд кардааст. Бино бар таъкиди адабиётшинос Н. Зоҳидӣ «асаре аз ин китоб боқӣ намондааст» [62, 65].

5. «Шарҳ дивон ал-Мутанаббӣ». Ҳоҷӣ Халифа ин китобро аз таълифоти Абулфазли Миколӣ донистааст. Тибқи таъкиди Н. Зоҳидӣ «ин ва китоби қаблӣ («Шарҳу ҳамосат Абитаммом»- Н.Х.) далел бар дасти қавии Абулфазли Миколӣ дар шарҳи ашъори сухансароёни бузурги араб аст» [62, 65). Дар тақвияти ақидаи адабиётшиноси номбурда метавон гуфт, ки донишу истеъдоди суханварӣ ва суханшиносии Абулфазли Миколӣ то ба дараҷае баланд будааст, ки ӯ на фақат ба шарҳи ашъори бузургон даст задааст, балки дар ашъораш иддаои мунтақидӣ ҳам кардааст:

يا منْ يقول الشعرَ غيرَ مهذّبٍ          ويَسومُني التعذيبَ في تهذيبِهِ

لو أنَ كلَّ الناس فيك مُساعِدي          لعجزتُ عن تهذيبِ ما تهذي به [40,9]

(Яъне: Эй он кас, ки шеър ноозмуда мегӯйӣ,

Маро дар дуруст кардани он ба азоб меандозӣ.

Агар ҳама мардум дар ин кор ба ман мадад намекарданд,

Бешак, ман аз дуруст кардани он чӣ ту лоф мезанӣ, оҷиз будам).

Мазмуни байти боло собит мекунад, ки Абулфазли Миколӣ ҳамчун мунаққиди адабӣ аз шоирони шеъри ноозмудаю хом мегуфта эрод

мегирифтааст. Ибораи хусусияти интиқодидоштаи «ҳатто худро ҳамроҳ бо халқ дар таҳрири газофаҳои шоирони нопухтасухан оҷиз дидан» киноя ва танзе нешдор дар ифодаи белаёқативу беистеъдодии шоирони ёвагӯй аст, ки аз тарафи Абулфазли Миколӣ шоирона баён гардидааст. Ҳамчунин аз муҳтавои абёти мазкур шореҳу мунтақиди чирадаст будани вай, чакидаи хомаи ӯ будани асарҳои тафсирии «Шарҳу ҳамосат Абитаммом» ва «Шарҳ дивон ал-Мутанаббӣ» баръало мушоҳида мегардад. Зеро шарҳнависӣ ҳам дар зоти худ ҳамчун як шохаи илми адабиётшиносӣ навъе интиқоди адабӣ аст.

6. «Милаҳ-ул-хавотир ва минаҳ ул-ҷавоҳир». Номи ин асар дар «Кашф уз-зунун ан асомӣ ал-кутуб ва-л-фунун»-и Хоҷӣ Халифа ба шакли «Милаҳ ул-хавотир ва мисбаҳ ул-ҷавоҳир» ва «Фавот-ул-вафаёт»-и Кутубӣ дар сиғаи «Милаҳ ул-хавотир ва минаҳ ул-ҷавоҳир» зикр гардидааст [38, 77]. Ғайр аз иттилои мазкур то имрӯз дар бораи ин асар маълумоти дигаре дар даст нест.

7. «Китоб-ул-Мунтахал». Ба Абулфазли Миколӣ мансуб будани ин китобро Байҳақӣ ва муаллифони баъдӣ тазаккур додаанд. Ин китоб мунтахабе аз назму насри араб аз давраи ҷоҳилия то асри X буда, 15 бобро шомил аст. Бино бар маълумоти муҳаққиқи турк Феҳмӣ Адҳам Қаротой ва Эдуард Браун ду нусхаи хаттӣ аз ин китоб дар китобхонаи Тӯпқопусарои Туркия ва Кембриҷи Англия маҳфуз аст [62, 64-65].

Лозим ба таъкид аст, ки адибони гузашта ва муҳаққиқони муосир доир ба ин китоб дар ду маврид бо ҳам ихтилоф варзидаанд. Мавриди аввал номи китоб аст, ки онро баъзан «ал-Мунтахал» ва гоҳе дигар «ал-Мунтаҳал» сабт кардаанд. Мавриди дуюми ихтилоф ин ба Абулфазли Миколӣ ё Саолибӣ нисбат додани ин китоб аст. Саолибишиноси маъруфи эронӣ Муҳаммадбоқири Ҳусайнӣ бо ишора ба он, ки «ал-Мунтаҳал»-ро аллома Муҷтабо Минавӣ низ аз Абулфазли Миколӣ донистааст, бо чанд далел ба Саолибӣ мансуб будани асари мазкурро пазируфта, навиштааст: «Агар нависандаи китоби «ал-Мунтаҳал» Миколӣ мебуд, бо таваҷҷуҳ ба дӯстии бисёр наздик... ашъоре аз Саолибиро дар китоби мазкур меғунҷонид. Дар сурате, ки баръакс аст ва мо ду қитъаи Миколиро дар китоби ёдшуда бо зикри номи шоир мулоҳиза мекунем. Ва ин нишон медиҳад, ки агар

муаллифи китоб Миколӣ мебуд, аз хештан бо ном ёд намекард, балки тибқи расми он аҳд ба зикри «лилмуаллифи» иктифо менамуд... Далели дигаре, ки сухани моро дар интисоби китоб ба Саолибӣ таъйид мекунад, зикри ашъори Абулфатҳи Бустӣ–дӯсти муштараки Абулфазл ва Саолибӣ аст[115, 128,129]. Тадқиқотҳои ахир нишон доданд, ки сабаби сар задани ин ихтилофҳо «ал-Мунтахал» ва «ал-Мунтаҳал»-ро як китоб донистани ағлаби донишмандон аст, дар ҳоле, ки мо бо ду китоб сару кор дорем ва «ал-Мунтахал» ба Абулфазли Миколӣ дахл дорад ва «ал-Мунтаҳал» ба қалами Саолибӣ тааллуқ дорад. Китоби «ал-Мунтаҳал»-ро ба номи Саолибӣ ҳанӯз соли 1319/1901 дар Искандария Шайх Аҳмад Абӯалӣ ба чоп расонида буд ва ҳамин чоп сабаб шуд ки миёни аҳли таҳқиқ баҳсу ҷадал дар бораи муаллифи аслии ин асар оғоз ёбад. Вале дар соли 2000 муҳаққиқи араб Яҳё Вуҳайб ал-Ҷаббурӣ китоби «ал-Мунтахал»-и Абулфазли Миколиро дар асоси нусхаи китобхонаи «Сарои Аҳмад ас-Солис»-и Искандария ва дар муқобала бо нусхаи Донишгоҳи Кембриҷ тасҳеҳу таҳқиқ намуда, дар ду ҷилд онро ба чоп расонид. Дар муқаддимаи китоб Яҳё Вуҳайб ал-Ҷаббурӣ таъкид кардааст, ки «ал-Мунтаҳал»-и Саолибӣ мухтасар ва баргирифта аз «ал-Мунтахал»-и Абулфазли Миколӣ аст [127,8]. Мутаассифона, китоби «ал-Мунтахал»-и чопшуда ба мо дастрас нагардид, вале ишораҳои мазкур ба муқаддимаи ин китоб ва мундариҷаи он, дар баробари вуҷуди дастнависҳои зиёди ин китоб ба номи Абулфазли Миколӣ дар китобхонаҳои ҷаҳон, дар маҷмӯъ ба қалами Миколӣ тааллуқ доштани ин китобро метавонанд таъйид кунанд.

8. «ал-Амсол». Ин китоби Абулфазли Миколиро Абулҳасани Байҳақӣ дар «Таърихи Байҳақ»-и худ зикр карда ва ба хондану комилан азёд кардани он таъкид кардааст [15, 20]. Дар бархе пажӯҳишҳо иттилоъ дода шудааст, ки ин китобро донишманди мисрӣ Закӣ Муборак дар Қоҳира соли 1344 ҳ.қ. тасҳеҳ ва ба чоп расонидааст, вале муҳаққиқон даст наёфтани худро ба ин чоп таъкид кардаанд [ниг.:146]. Нусхаҳои хаттӣ аз ин китоб дар китобхонаи миллии Берлин бо номи «Китоб фӣ-л-Амсол» (таҳти рақами 8668) ва дар китобхонаи Ватикан бо номи «Нубз мин Амсол ал-амир ал-Миколӣ (таҳти

рақами 526/3) нигаҳдорӣ мешаванд. Муҳаққиқони эронӣ М.Озаршаб ва А. Муҳаммадӣ нусхаҳои маҳфуз дар китобхонаҳои Берлин ва Ватиканро ба даст овардаанд ва бар ин ақидаанд, ки китоби «ал-Амсол», ки Закӣ Муборак чоп карда буд, танҳо бахше аз китоби «ал-Амсол»-и Абулфазли Миколӣ аст [127, 6]. Муҳаққиқони мазкури эронӣ низ то ҳол нусхаҳои ба даст овардаи «ал-Амсол»-и Абулфазли Миколиро тасҳеҳ ба чоп накардаанд ва дар мақолаи мухтасари худ бо таъкиди матлаби зерин иктифо кардаанд: «Дар ин китоб Миколӣ ба тартиби ҳуруфи алифбо (то ҳарфи коф) зарбулмасал ва ҳикматҳоеро аз Қуръон ва аҳодиси набавӣ ва сипас аз каломи араб тадвин кардааст, ки бархе аз онҳо дар «Амсол»-и Майдонӣ ва ё дар манобеи дигар, мисли осори Саолибӣ ҳам дида мешавад, вале бархе аз онҳо чунин нест ва дар ҳеҷ манбае дида нашуд ва ин ба арзиш ва аҳамияти он меафзояд» [127,7].

9. «Нузҳат ул-лавоҳиз мин калом ал-Ҷоҳиз». Ба ин китоби Абулфазли Миколӣ танҳо дар «Симор ул-қулуб фӣ-л-музоф ва-л-мансуб»-и Саолибӣ ишора рафтааст, дар мавриде, ки муаллиф гуфтааст: «Ҳамчунон ки дар китоби амир, Худованд минбаъд низ ӯро дастгирӣ кунад, бо номи «Нузҳат ул-лавоҳиз мин калом ал-Ҷоҳиз» доир ба дардҳои ашроф зикраш рафтааст ва муносиб аст, ки онро инҷо биёрем...» [20,206]. Чунон ки пайдост, Саолибӣ дар иқтибоси мазкур ба «амир» бидуни зикри номи ӯ ишора кардааст, вале аз равобити дӯстӣ ва ҳамкории Саолибӣ бо Абулфазли Миколӣ ва аз наҳваи дуои ӯ дар ҳаққи амир метавон истинбот кард, ки амири мавриди назари Саолибӣ ҳамин Абулфазли Миколӣ аст. То ҳол иттилое доир ба мавҷудияти нусхаҳои хаттии ин асар дар ин ё он китобхонае ба назар нарасидааст ва имкон дорад, ки он аз байн рафтааст.

10. «Девон ур-расоил». Дар китоби «Фавот ул-вафаёт»-и Ибни Шокир ва дигарон ба «Девон ур-расоил»-и Абулфазли Миколӣ ишора рафтааст [7,II, 428], аммо асаре аз он имрӯз пайдо нест. Аслан девони расоил доштани шоирону адибони гузашта як чизи маъмул буд. Теъдоди нисбатан зиёди расоили Абулфазли Миколӣ ва пораҳое аз онҳо, ҳам дар осори Саолибӣ ва Ҳусрии Қайрувонӣ ва ҳам дар осори бозмондаи худи Абулфазли Миколӣ, ба

қайд омадаанд ва ин нукта низ ба вуҷуди расоили мудаввани ӯ метавонад ишора кунад.

11. «Девони уш-шеър»-и Абулфазли Миколӣ. Дар баробари адиби барҷаста ва мунаққиди маъруфи шеъри арабизабон буданаш Абулфазли Миколӣ шоири бузурги арабизабон низ буд, ки ашъораш ҳамвора мавриди эҳтимому иқтибоси ҳамзамонон ва ҷамъовариву тадвини пасовандон қарор гирифта буд. Муосирон ва дӯстони Миколӣ, аз қабили Саолибӣ, Утбӣ, Бохарзӣ ва Мутавваъӣ аз девони шеъри ӯ ном набурдаанд, зеро то он замон ашъораш мудавван нагардида будааст. Вале ин маънои онро надорад, ки маҷмуае аз шеърҳои Миколӣ то он замон вуҷуд надоштааст. Шоир ва адиби маъруф Абӯҳафс Умар ибни Алӣ Мутавваъӣ, ки аз муқаррабони Абулфазли Миколӣ буд, дар китобе бо номи «Дарҷ ул-ғурар ва дурҷ уд-дурар фи маҳосин назм ал-амир ва насриҳи», ки соли 1007 м таълиф шуда буд, дастае аз шеърҳо ва рисолоти Миколиро фароҳам оварда буд. Нусхаи хаттии ин китоб то замони мо расида ва бо тасҳеҳу таҳқиқи Ҷалил Иброҳим ал-Атия дар Лубнон ба нашр расидааст [30]. Агар дар соли 1045 м. даргузаштани Абулфазли Миколиро ба назар гирем, пас китоби Мутавваъӣ 38 сол пеш аз ин таълиф шуда ва шояд аз нахустин маҷмуаҳои ашъор ва рисолоти дар замони ҷавонӣ иншо кардаи Абулфазли Миколӣ буда бошад. Бахше аз ин китобро арабшиноси маъруфи шведӣ Карл Аксел Моберг бо номи «Мин китоби Дарҷ ул-ғурар ва дурҷ уд-дурар фи маҳосин ан-назм ва-н-наср ли-л-амир Убайдаллоҳ ибн Аҳмад ал-Миколӣ» дар соли 1908 дар Лейпсиг ба нашр расонида буд. Моберг танҳо бахши назми ин китобро чоп ва бахши насри онро фурӯгузор карда ва бад-ин сабаб онро ба олмонӣ «Девон (ё шеър)»-и Убайдуллоҳ ибни Аҳмади Миколӣ номидааст. Ин кори Моберг ховаршиноси маъруфи олмонӣ Карл Брокелманро ба иштибоҳ андохта ва ӯ гумон кардааст, ки Моберг девони Абулфазли Миколиро пайдо ва онро ба нашр расонидааст. Донишмандони баъдӣ низ дар пайравӣ ба Карл Брокелман Мобергро ношири девони Абулфазли Миколӣ меҳисобиданд [106, II, 167-174].

Китоби Мутавваъӣ пас аз чанд соли таълифаш ба шарофати шуҳрати бузурги назму насри Абулфазли Миколӣ аз Нишопур то ба Қайравон (шаҳр дар Туниси имрӯза) ба дасти адиби маъруф Абӯисҳоқ Иброҳим ибни Алӣ ал-Ҳусрӣ ал-Қайрувонӣ (ваф. 1023 м.) расида ва ӯ намунаҳои осори Абулфазли Миколиро аз ин китоб интихоб ва дар асари маъруфи худ «Заҳр ул-одоб ва самар ул-албоб» иқтибос кардаст. Фузун бар ин, китоби Мутавваъиро чанд сол пас адиби дигари маъруфи қайрувонӣ Ибни Рашиқ (1000-1071 м.), муаллифи асари барҷастаи «ал-Умда» рӯнавис кардааст. Нусхаи рӯнавиштаи Ибни Рашиқ имрӯз дар китобхонаи Донишгоҳи Упсалаи Шветсия таҳти шумораи 135 нигаҳдорӣ мешавад ва асоси кори Моберг ҳам дар нашри бахше аз китоби Мутавваъӣ ҳамин нусха аст [127,12-13].

Саҳми Саолибӣ низ дар ҷамъоварӣ ва таблиғи шеъри Абулфазли Миколӣ бузург аст. Ӯ дар китобҳои гуногунаш ба таври фаровон шеърҳои Абулфазли Миколиро зикр кардааст, ки аҳли адаб барои ошноӣ бо осори манзуми шоир аз он истифода мекарданд. Чунончи, танҳо дар боби ҳаштуми ҷилди чоруми тазкираи «Ятимат уд-даҳр фи маҳосин аҳл ал-аср», ки ба осори -и Абулфазли Миколӣ ихтисос ёфтааст, Саолибӣ 185 байти ӯро нақл кардааст [17, IV,425-440]. Саолибӣ дар китобҳои дигари худ, чун «ал-Эъҷоз ва-л-иҷоз» [23, 270] ва «Сеҳр-ул-балоға» [29, 196-197] қитаъоте аз Абулфазли Миколӣ овардааст. Саолибӣ дар баробари ҳифзи осори ӯ ҳамчунин дар мадҳи вай ашъоре сурудааст. Ашъори зиёди Абулфазли Миколӣ, ҳамчунон ки қаблан ишора рафт, дар «Заҳр ул-одоб ва самар ул-албоб»-и ал-Ҳусрӣ ал-Қайрувонӣ низ иқтибос шудааст.

Аммо ин маъхазҳои адабӣ ҷойи девони шоирро, ки аз мавҷудияти он Самъонӣ, Сафадӣ, Ибни Шокир ва дигарон хабар додаанд, гирифта наметавонанд. Самъонӣ, аз ҷумла, ривоят кардааст, ки «девони шеъри Абулфазли Миколӣ шуҳраи офоқ буд» [34, 528]. Мутаассифона, ин девон то замони мо нарасидааст. Бо ҳадафи то андозае ҷуброн кардани девони мафқуди Абулфазли Миколӣ муҳаққиқи миколишиноси араб Ҷалил Иброҳим ал-Атия ашъори бозмондаи ӯро аз манобеъ ва маохизи адабиву таърихӣ

ҷамъоварӣ карда ва онҳоро таҳти унвони «Диван Абилфазл ал-Миколӣ» ба нашр расонидааст [40]. Хушбахтона, нусхаи электронии ин маҷмӯа, ки шомили 194 қитъа ва 618 байт аст, дастраси мо гардид. Дар девони мазкур 57 қитъаро ғазал, 39 қитъаро панду андарз ва 32 қитъаро ашъори васфӣ фароҳам овардаанд. Дар маҷмӯъ, девони нашр намудаи муҳаққиқи араб Ҷалил ал-Атия ҳарчанд комил нест, вале бо бозтобии вижагӣ ва сабки шеъри Абулфазли Миколӣ метавонад заминаеро барои таҳқиқи ашъори ӯ дар бахшҳои баъдии рисола фароҳам оварад.

Ҳамин тариқ, осори манзуму мансури Абулфазли Миколӣ дар баробари исботи соҳибмақомии ӯ дар адабиёту суханварӣ, инчунин ҷойгоҳу нуфузи маънавияшро ҳамчун намояндаи барҷастаи хонадони Миколиён нишон медиҳад. Таълифоти ӯ баёнгари он ҳастанд, ки ин адиб дар баробари ибтикороти сиёсиву фарҳангӣ ва дар паноҳи хеш қарор додани аҳли сухан, худ бевосита ба таълифи осори манзум ва мансур иштиғол варзида, аз ин роҳ дар ташаккули адабиёти арабизабони форсу тоҷик нақши густардае доштааст.

# БОБИ III. ВИЖАГИҲОИ МАЪНОӢ ВА ҲУНАРИИ ОСОРИ АБУЛФАЗЛИ МИКОЛӢ

## III.1. Анвоъи шеърӣ, мавзӯъ ва мундариҷаи ашъори Абулфазли Миколӣ

Тааммул дар ашъори боқимондаи Абулфазли Миколӣ собит мекунад, ки доираи мавзӯи сурудаҳои ӯ ниҳоят фарох буда, аз ишқу маъшуқ, васфи табиат, боғу чаман сар карда, то панду ҳикмат, марсияву зуҳдиёт, танқиди замонаву мазаммати ахлоқи разила, дӯстиву таърифи дӯстон, ашрофият, ифтихор аз нажоду асл ва дигар мавзӯотро фаро мегирад. Аз рӯи мазмуну мундариҷа мавзӯъбандӣ кардани ашъори ӯ равзанаеро барои шинохту маърифати ҷаҳонбинӣ ва ҳунари суханварии ин шоиру адиби пуровоза боз хоҳад кард. Чунон ки қаблан ишора рафт, девони Абулфазли Миколӣ, ки дар натиҷаи ҷамъу таҳқиқи Ҷалил ал-Атия ба нашр расидааст, шомили 194 қитъа ва 618 байт аст. Аз рӯи басомади мавзӯву матолиби шеърӣ дар девони мазкур 57 қитъаро ғазал, 39 қитъаро панду андарз ва 32 қитъаро ашъори васфӣ фароҳам овардаанд. Бо назардошти басомади мазкур анвоъ ва мавзӯоти ашъори шоирро мавриди баррасӣ қарор медиҳем.

Ғазал. Мундариҷаи теъдоди зиёди ашъори Абулфазли Миколиро ишқ ташкил медиҳад. Ин аст, ки ғазал аз шумори анвои шеърии серистифода назди Абулфазли Миколӣ мебошад. Ӯ дар ишқияҳояш аз ҳусну малоҳат, дилбарӣ, ҷабру ҷафо, беэътиноии маъшуқа, гирифторию ранҷи ошиқ бо забони шоирона ҳарф мезанад. Ишқияҳои ӯ рӯҳу оҳанги зиндадилона дошта, ашрофияти шеъри шоирро аз лиҳози иҷтимоӣ ва ҳам аз лиҳози адабӣ нишон медиҳад. Албатта, дар шеъри арабӣ ишқияҳо бештар хусусияти барҷастаи шахсии шоирро ифода мекунанд. Ба қавли аллома Шиблии Нуъмонӣ дар ишқияҳои арабӣ шоир ҳеч гоҳ шахсияти худ ва маъшуқаашро ... масту махмур ва ахлоқан паст нишон намедиҳад [130, 4]. Аз ин рӯ, бо назардошти ҳамин нукта ашрофияти шеъри Абулфазли Миколиро фақат хусусияти мавзӯии шеъри ӯ ба шумор овардан чандон дуруст нест. Аммо ба ҳар ҳол дар каломи ин шоир як навъ рӯҳияи зиндагии озоду хуш эҳсос мешавад, ки хоси

шеъри аъроби бадавӣ нест. Албатта, доир ба мавзӯи ашрофият дар шеъри Абулфазли Миколӣ алоҳида сухан хоҳем гуфт. Ин ҷо зикри ин нукта ба маврид аст, ки рӯҳияи озодагии фарҳангӣ ва нажодӣ дар ашъори ӯ ба таври барҷаста ба мушоҳида мерасад.

Вобаста ба ҳаҷм ва баъзе вижагиҳои сохториву мазмунӣ ба гурӯҳҳо тақсим кардани тағаззулоти шоир хусусияти шартӣ дошта бошад ҳам, барои таҳлилу баррасӣ тақсимбандӣ зарур дониста шуд. Ишқияҳои Абулфазли Миколӣ вобаста ба мазмуну мундариҷа, мухотаб, тарзи баён, шаклу ҳаҷм ба гурӯҳҳои алоҳидаи зерин ҷудо мешаванд: ишқияҳои мазмунан ба нома монанд; ишқияҳое, ки дар он мухотаб, қаҳрамои лирикиашро дар оғоз–матлаъ ба оҳу ташбеҳ додааст; ишқияҳои ҳаҷман хурд; ишқияҳои ҳаҷман калон.

Дар миёни ишқияҳои Абулфазли Миколӣ ду сурудае ба назар расид, ки бевосита аз баёни ҳолати гирифтории ошиқона бо феъли «كتبتُ» (навиштам) оғоз меёбад. Ин ду ишқияи ба нома монанд нисбати дигар ашъори шоир (новобаста аз мавзӯъ) ҳаҷман калон бошанд ҳам метавон тахмин кард, ки дар асл бузургтар аз ин будаанд. Яке аз чунин ишқияҳои шоир ин аст:

كتبتُ إليكَ وَلي مُقلةٌ　　تَسُحّ بفَيضٍ عَليكَ الغُروبا
وقلبٌ يذوبُ بنارِ الهوى　　ولستُ بخيلاً به أن يذُوبا
ومنْ يطوِ مكنونَ أحشائِه　　على غُللِ الحُب قاسى الكروبا
ومنْ يُمتَحن بفراقِ الحبيبِ　　يُلاقِ من الوجدِ أمراً عَجيبا
وقد كنتُ أحسبُني صَابِرا　　جليدَ القُوى حينَ ألقى الخُطُوبا
فانكرتُ نَفْسي وألفيتُها　　ضَعِيفَ القُوى إذ فقدتُ الحَبيبا
فقد أَلِفَ الجَفنُ فيه السَّجُومَ　　وقدْ أَلِفَ القلبُ فيه الوجَيبا
شكوتُ هَوَاه إلى مُقلتي　　فأذرَتْ على الخَدِّ دَمعاً خَضيبا
ولما تَمادى به عَتبُهُ　　لم أرَ عِندي لصَبرٍ نَصِيبا
بعثتُ إليه بشكوى النّزاعِ　　وأمّلتُ من كَثَبٍ أنْ يؤوبا

فثبّطه قَدَرٌ حكمُه          على كلِ ذي أملٍ أنْ يَخيبا

وإني وفَرطَ انتظاري له          وخوفيَ من عائقٍ أن يَنُوبا

كمُنتظرِ الفِطرِ يومَ الصّيامِ          ومُرتقبِ الشَمسِ حتى تَغِيبا

وكالمُبتلى ليله بالسّقامِ          يُراعي الصَّباح ويرجُو الطَّبيبا [40,5-6]

(Яъне: Ман ба ту дар ҳоле нома навиштам, ки аз чашмонам ашк фаровон аз фироқи ту мерехт.

Ва диле доштам, ки бо оташи ишқ об мешуд ва ман аз об шудани он ҳеҷ ғаме надоштам.

Ҳар он нафаре, кӣ рози дилашро пинҳон менамояд, аз гулхани он ранҷҳое хоҳад кашид.

Ҳар кӣ ба фироқи дилдода гирифтор гаштааст, аз ваҷд ҳолати аҷиберо дучор ояд.

Ман худамро шахси босабр мепиндоштам, ки ба ҳангоми мусибатҳо шикаст намехӯрад.

Вале, худамро нашинохтам ва дидам, ки он ба вақти фироқи дилдода нотавон аст.

Дар ҳақиқат аз он дард ашк ёри чашмам шуд ва  дил аз он низ насибаи худро дошт.

Чун аз ишқи ӯ ба чашмонам шиква кардам, он ба рухсораҳоям ашки зиёдеро резонид.

Вақте дарди он ба дарозо кашид, дидам, ки дигар бар он сабре надорам.

Аз ранҷи ҳиҷрон бар ӯ шикоят бурдам ва бисёр умедвор шудам, ки бармегардад.

Вале ӯро аз бозгаштан тақдире дошт, ки ҳукми он ҳамеша барои умедворон ноумед шудан аст.

Ман акнун барои баргаштани ӯ умедвориам ва аз хавфи барнагаштани вай дар ҳолати фарт қарор дорам.

Мисли касе ҳастам, ки дар моҳи рамазон ифторро интизор асту ба ғуруб шудани офтоб чашмдор аст.

Ба мисли касе гаштаам, ки шабро бо дарду ранҷ мегузаронаду саҳарро мепояд ва аз табиб умедвор мебошад).

Шоир дар ин нома гирифтори ишқи ёре будани худро баён карда, ҳатто аз ифшои ҳолати риққатовари худ аз таъсири дуриву фироқи маъшуқа ибо накардааст. Ӯ ончунон ошиқ аст, ки ҳатто ба об шудани дил ва харобу лоғар гаштани ҷисми худ аҳамият намедиҳад. Шоир намехоҳад, ки рози дилашро пинҳон дорад. Чунки ӯро дигар тавони дарун-дарун азият кашидан намондааст. Номаи шоир аз оғоз то поён ифодагари вазъи рӯҳии ошиқ аст, аммо як ҷо дар миёнаи абёт тағйири мазмун карда, дар ҳаҷми ду байт ба насиҳат мепардозад, ки хеле аҷиб аст:

ومنْ يطوِ مكنونَ أحشائِه          على غُللِ الحُب قاسى الكروبا

ومنْ يُمتَحن بفراقِ الحبيبِ          يُلاقِ من الوجدِ أمراً عَجيبا [40,5]

(Яъне: Ҳар кӣ рози дилашро пинҳон дорад, аз гулхани он ранҷҳое кашад.

Ҳар кӣ ба фироқи дилдода гирифтор шудааст, Аз ваҷд ҳолати аҷиберо дучор ояд).

Дар идома шоир бори эҳсоси аҷзу нотавонияшро бино бар иқтизои табиати ҷисмонӣ иқрор шуда, аз бесабру қарории худ, ки замоне аз шикастнопазирии рӯҳи тавонои худ фахр мекард, хабар медиҳад. Ӯ дар ин нома ба такрор аз об шудани дил, аз чашмҳояш ашк ҷорӣ шудан сухан мегӯяд ва ҳамчунин иброз медорад, ки баъди чунин ранҷу азоб кашидан ба маъшуқа маҷбуран шикоят кардааст. Мазмуни ишқияи мазкур далолат ба он медиҳад, ки маъшуқаи шоир ба ҷое сафар карда ва аҳд кардааст, ки бармегардад. Аз ин рӯ, дар поёни нома ӯ худашро ба рӯзадоре монанд кардааст, ки ғуруби офтобу расидани шомро мунтазир аст ва ҳамчунин ба беморе, ки шаб ба ранҷ дучор шудаву дамидани субҳу расидани табибро умедвор аст.

Ишқияи дигаре, ки бо «كتبتُ» (навиштам) шуруъ мешавад, ҳаҷман калон набуда, ҳамагӣ аз ду байт иборат аст:

كتبتُ إليه أستَهدي وِصَالاً          فَعلّني بوَعدٍ في الجوابِ

ألا ليتَ الجوابَ يكونُ خيراً          فَيشفى ما أحاطَ من الجَوبي [40,10]

(Яъне: Барои ӯ навиштам, то васлро бароям ато кунад, вале дар посух ба ваъдае маро умедвор кард.

Эй кош, посух хайр мешуду, он ранҷи ишқ, ки манро фаро гирифтааст, шифо меёфт).

Ишқияи дар ду байти боло бозтобёфтаи мазкури шоир бо шакли оғозёбии худ ба ишқияҳои калонҳаҷм монанд аст, аммо мазмунан ва ҳаҷман фарқ мекунад. Ин ҷо шоир аз нома навиштани худ ба маъшуқа хабар медиҳад ва умедвори посухи мусбат буданашро баён медорад. Тахминан бо такя ба нотамомии мазмун, монандии сохтор ба ишқияи чаҳордаҳбайта метавон гуфт, ки ин ишқия низ дар асл ҳаҷман калон будааст. Ин буд таҳлили гуруҳи аввали ишқияҳои шоир.

Гурӯҳи дуюми ишқияҳои шоир аз рӯи сифат, яъне ба кӣ нигаронида шуданашон аз се гурӯҳи дигари ишқияҳо ҷудо шуда меистанд. Албатта, на фақат аз рӯи хусусияти мазкур, балки аз ҷиҳати саршор аз эҳсосоти гарми шоирона, ҷаззобу дилкаш будан низ ин гурӯҳи ишқияҳои шоир дорои ваҷҳи имтиёзанд.

Шоир, чи тавре гуфта шуд, дар оғози теъдоде аз ишқияҳояш маъшуқаро ба ғизол–оҳу монанд кардааст. Оҳу ҳайвонест, ки дар шеъри Араб намоди ҳусну зебоии занон аст. Аз ин рӯ, аксар адабиётшиносону забоншиносон ҳамреша будани ғазал бо ғизолро ба инобат гирифта, пайдоиши луғавии ин жанри лирикиро аз ҳамин калима медонанд. Дар гузашта миёни мардуми Араб дастаҷамъона ба шикори ғизол баромадан як анъанаи қавмӣ маҳсуб меёфт. Ҳатто ривояте мавҷуд аст, ки тибқи он халифа Абдулмалики Марвон [646–705] боре оҳуеро ба хотири монанд будан ба маъшуқааш баъди шикор раҳо кардааст [1].

Шоир дар ишқияҳое, ки дар матлаъи онҳо маъшуқа ба оҳу ташбеҳ карда шудааст, бештар аз ҳолати худ сухан мегӯяд ва дар мавридҳои лозимӣ ба тарҳи симо ва баёни феълу атвори маъшуқа мепардозад. Байтҳои зерин ҳамчун ҳусни матлаъ дар оғози ғазалҳои ишқии Абулфазли Миколӣ омада, ишқияҳои ӯро хеле ҷолибу ҷаззоб кардаанд:

و غَزالٍ منحته خالصَ الوّدِم        فجازى بالصّدِ والإجتِنابِ    [40,7]

(Яъне: Ба оҳуе холисона дил бастам, аммо ӯ ба ман бо саркашиву дурӣ посух дод).

سباني غَزَالٌ أطارَ الرُّقادَ          فاهلاً بسبي الغَزالِ الرَّبيبِ [40,8]

(Яъне: Маро оҳуе асир карду хоб аз чашм гирифт ва чи хуш аст, ки банди оҳуи нозанину парварда гаштаам).

بأبي غَزَالٌ نَامَ عَن وَصَبي به          ومُراق دَمعي بالنَّوى وصَبيبِهِ [40,10]

(Яъне: Гирифтори оҳуеам, ки аз дарду ранҷи ман хабар надорад ва намедонад, ки ман аз ишқу ҳаваси ӯ ашки равон дорам).

تَقَنَّصني غَزَالٌ شَابَ فيه          مفارقُ لِمّة قد كُنّ سُودَا [40,15]

(Яъне: Ба доми оҳуе афтодам, ки дар интизории ӯ мӯйҳои сиёҳи сарам сафед шуданд).

Чи тавре аз матлаъҳо аён шуд, шоир аз гирифториву асиру мубтало шудани худ ба маъшуқаи оҳумисол сухан гуфта, ҳолати рӯҳии худро хеле барҷаста ифода кардааст. Дар миёни матлаъҳои дар боло овардашуда матлаи охирин бевосита аз баёни ҳусни маъшуқа оғоз шуда, дар он аз ҳолати шоир сухан намеравад. Мазмуни ин матлаъ тақозо мекунад, ки байни ишқияҳои ин гурӯҳ низ фарқ гузошта шавад. Ба ибораи дигар, ишқияҳои гурӯҳи дуюм, ки бо тавсифи ташбеҳии маъшуқа оғоз шудаанд, аз якдигар мазмунан фарқ доранд. Ин нуктаро матлаъи ишқияи зерин низ, ки ҳамагӣ ду байташ то мо омада расидаасту аз ҷиҳати мазмун бо матлаъҳои болотар зикршуда монанд нест, таъйид месозад:

أقولُ لشَادنٍ في الحُسنِ فَردٍ          يصيدُ بطَرفِه قلبَ الجَليدِ

ملكتَ الحُسنَ أجمعَ في قوام          فلا تَمنع وُجوباً عن وجودِ [40,17]

(Яъне: Ба оҳуе, ки дар ҳусн беназир аст, ки нигоҳаш дили қавиро низ сайд мекунад, гуфтам:

Тамоми ҳусну ҷамолро аз худ кардаӣ ва акнун дидоратро аз мо манъ макун).

Фарқи матлаъи ишқияи мазкур аз матлаъи ишқияҳои болотар овардашуда дар он аст, ки шоир дар намунаи охирин «ҳусни беназири маъшуқа», «дили қавиро ҳам сайд карда тавонистан» ва «рӯйи худро аз ошиқ пӯшонидани ӯ»-ро мазмуни асосӣ ва мояи сухани худ қарор додааст, на ҳолати гирифтории худро ба доми ишқи маъшуқа.

Дар ишқияи зерин, ки ба ишқияи болоӣ аз ҷиҳати қолаби баён монанд аст, яклухтии мазмун дар матлаъи он нигоҳ дошта нашудааст. Зеро идоманок будани фикри шоир дар поёни байти нахустин эҳсос карда мешавад ва ин нопуррагии мазмун дар байти дуюм пурраю комил мегардад:

وريَمٍ على السُكر جمّشتُه          بقرصٍ بعَارضِه أثّرا

فأصبحَ نرجسُه وردةً          ووردةُ خَديه نِيلوفرا [40,18]

(Яъне: Ҳангоми мастӣ бо оҳуе дар бозӣ шудам.

Пас наргисаш гули садбарг шуду садбарги рухсорааш нилуфар гашт).

Чунин хусусияти мазмуниро дар ишқияи зерин низ, ки хеле шоирона баён шудааст, метавон мушоҳида кард:

شَافَه كَفّي رَشَأ          بقبلةٍ ما شَفتِ

فقلتُ إذ قبّلها          ياليتَ كفّي شَفَتي **[40,19]**

(Тарҷума: Оҳубаррае дастонамро бӯсид, ки он ба дарди ман нахӯрд.

Вақте, ки он бӯсаро кард, ба худ гуфтам: Эй кош дастонам лабонам мебуданд).

Аз мазмуни байти аввал – матлаъҳои мазкур равшан мешавад, ки мақсади шоир ҳанӯз барҷаста ва пурра ифода нашудааст. Байти дуюм ҳамчун идомаи мантиқии байти матлаъ фикри шоирро комилтар дар худ ғунҷонидааст.

Таъкид кардан ҷоиз аст, ки ду ишқияи охирини баррасишуда ба гурӯҳи сеюми ишқияҳои шоир шомил мешаванд. Чунки аз лиҳози ҳаҷм хурд, яъне

фақат аз ду байт иборатанд. Албатта, дар мавриди ҳаҷман хурд будани онҳо фарзияи мо шартӣ аст. Зеро мумкин аст, ки порчаҳои шеърии ҳаҷман хурди шоир дар асл калонтар будаанду бино бар аз тарафи шоирону адибон гулчин шудан ва бо сабабҳои дигари барои мо номаълум то имрӯз нарасидаанд. Далели мо барои ҳаҷман хурд будани чунин ишқияҳо пеш аз ҳама яклухтӣ ва барҷастагии мазмуни онҳост, ки дар ду ишқияи болотар овардашуда ба таври барҷастаю равшан мушоҳида шуд. Бояд эътироф кард, ки Абулфазли Миколӣ дар интихоби мавзӯъ ва баёни мақсади худ устод будааст.

Гурӯҳи дигари шеърҳои ишқӣ сурудаҳои ошиқонаи ҳаҷман калони шоир мебошанд, ки дар онҳо муаллиф ба тарҳи нозуктарин масоили ишқӣ пардохта, дар баёни ҳолоти дарунии худ ҳунари шоирӣ ба кор бурдааст. Яке аз хусусиятҳои чунин ишқияҳои шоир ин ҷузъинигории шоир аст, ки дар ишқияҳои ҳаҷман хурди ӯ дида намешавад. Аз ишқияи нисбатан калонҳаҷми шоир яке аз ду ишқияи бо «كتبتُ» (навиштам) оғозшуда аст, ки дар оғоз таҳлил шуд. Ин шеъри ишқӣ аз 14 байт иборат буда, калонтарин ишқияи шоир ба ҳисоб меравад. Абулфазли Миколӣ дар ин ишқия лаб ба шикваи маъшуқа кушода, аз бесабру тоқат будани худ иттилоъ медиҳад. Таҳлили пурраи ишқияи нисбатан калонҳаҷми шоир дақиқан собит мекунад, ки ӯ ашъори зиёдеро дар ҳар мавзӯъ иншо карда, дар сурудани шеъри ишқӣ–тағаззул ҳунари тамом доштааст.

Дар байни ғазалҳои шоир бо тағаззулоте дучор омадан мумкин аст, ки дар онҳо қаҳрамони лирикӣ дар аввал бо сифату хусусиятҳое васф ё тавсир карда мешавад, ки хонанда образи онро дуруст муайян карда наметавонад. Дар идома шоир бо як ишораи малеҳ аз он хабар медиҳад, ки қаҳрамони лирикияш сифати инсонӣ дорад. Дар охири шеър шоир ҳабиб–маъшуқа будани вайро ошкор месозад. Ба порчаи зерин таваҷҷуҳ мекунем:

أهلاً بنرجسِ رَوضٍ يُزْهى بحُسنٍ وَطيبِ

يَرنو بعينِ غَزالٍ على قَضيبٍ رَطيبِ

وفيه معنىً خفيٌّ يزينُه في القُلُوبِ

تَصحِيفُه إن نَسقْتَ    الحُرُوفَ بِرٌّ حَبيْبِ [40,10]

(Яъне: Марҳабо, бо он наргиси бӯстон, ки бо накӯйиву хушбӯйӣ карашма дорад.

Бо чашми оҳувори хеш дида ба сӯйи навдаи тар мекунад.

Дар он (нигоҳ-Х.Н.) маънои махфие нуҳуфта аст, ки он зинати дилҳо мебошад.

Агар онро хонда тавонӣ, пас он некии ҳабиб (маъшуқа-Х.Н.) аст).

Дар байти аввал қаҳрамони лирикиро шоир бо киноя «наргиси бӯстон» гуфтаасту дар байти дуюм аз чашмони оҳувор доштани ӯ хабар медиҳад. Дар байти сеюм маълум мекунад, ки қаҳрамони лирикиаш ба навдаи тар нигоҳ мекунад ва дар ин нигоҳи ӯ розе нуҳуфта аст. Дар байти чорум бо таъкиди он ки агар ту маънои он нигоҳро хонда тавонӣ, дарк мекунӣ вай ҳабиби ту аст, яъне маъшуқаи воқеӣ аст, на хаёлӣ. Бояд таъкид кард, ки чунин хусусиятро на фақат дар тағаззул, балки дар аксар анвои шеърии Абулфазли Миколӣ дучор омадан мумкин аст. Ва инро луғзмонандӣ ва ё чистонгунагии шеъри Абулфазли Миколӣ гуфтан дуруст ба назар мерасад.

Маъшуқа дар тағаззулоти Абулфазли Миколӣ ҳамеша ҷойгоҳи хосе дорад, ки шоир барои нишон додани мақоми вай дар аксар маврид аз усули муқоиса ё ташбеҳи тафзилӣ ба кор мебарад. Намуна:

أحسنُ من رَوضةِ حَزنٍ ناضِره    قد فتحَ النجرسُ فيها ناظرهْ

طلعةُ معشوقٍ لديكَ حاضِره    ناضرةً تجلو العيونَ الناظِرهْ [40,19]

(Яъне: Ҳусни вай аз боғи дилошубе, ки дар он наргис чашми худро кушодааст, беҳтар аст.

Дидори маъшуқе, ки ҳусни вай чашмони бинандаро ҷило медиҳад, дар наздат ҳозир аст).

Чи тавре мушоҳида шуд, шоир дидори маъшуқаро дар муқобили боғе, ки дар он гули наргис чашм аз хоби ноз кушодааст, қарор дода, ҳусни рӯйи зебо ва чашми назаррабои вайро болотар аз ҳусни боғу дилфиребии гули наргис

гузоштааст. Бо чунин вижагӣ ба тавсифу тасвири маъшуқа пардохтани шоир сабаби дилчаспиву хотирнишонии шеър мегардад.

Қобили таъкид аст, ки аҷзи ошиқона назди Абулфазли Миколӣ ҳадди худро дорад. Вай дар назди маъшуқа эҳсоси аҷз нишон диҳад ҳам, андозаро нигоҳ медорад. Ба ибораи дигар ошиқи дар ғазалҳои вай тавсиршуда ошиқи зор аст, аммо ин қадар нотавону заиф нест, ки набудани маъшуқа сабаби завол гардад. Барои тасдиқи фикри мазкур порчаи шеърии зерин далели равшан шуда метавонад:

ضاقَ ذَرعي من هَوَى قَمرٍ قَمَر القَلبَ وما شَعَرا

ليتَ أجفاني به سَعِدتْ فَترى الجَفنَ الّذي فَتَرا [40,19]

(Яъне: Дилам аз ишқи он моҳтоб, ки дилро рабуду худаш хабар надорад, ба танг омад.

Эй кош, дидагонам ба дидори вай хушнуд мегашт ва ӯ дидаи дардмандро медид).

Аҷзи ошиқ дар баробари маъшуқ дар байти дуюми шеъри мазкур бо истифода аз нидои «ليتَ»– «эй кош», ки андозаи муайяни афсӯсу надоматро ифода мекунад, аз тарафи шоир ошкор гардидаст. Аҷзи шоир ин ҷо пур аз умедворӣ асту рӯҳияи хастагиву шикастагии ошиқ камтар ба мушоҳида мерасад.

Маҷмӯан метавон гуфт, ки ғазал яке аз анвои шеърии муҳими девони ашъори бозмондаи Абулфазли Миколӣ ба шумор меравад ва шоир ба таълифи ин навъи шеър рағбати тамом нишон дода, мувофиқу дархӯри тавоноиву дониш ва ҳунари шоирӣ аз худ ишқияҳои баландмазмун ба мерос гузошта, хазинаи ғазали шеъри арабизабонро ғаномандӣ бахшидааст.

Ҳикмат ва панду андарз. Таваҷҷуҳи Абулфазли Миколӣ ба шеъри ҳикамӣ зиёд буда, теъдоди абёту ашъори саропо ҳикамии ӯ дар миёни сурудаҳои то мо расидааш нисбати анвои шеърии дигар бештар мебошад. Вай дар ашъори ҳикамӣ ба баёни ҳақиқати ҳаёт, ғанимат шумурдани вақт,

хусусан айёми ҷавонӣ пардохта, аз қимати панду андарзи носеҳ ёдовар мешавад, ҳирсу оз ва бухлу кинаву бадбиниро мазаммат мекунад.

Шоир ҳамчун ҳакими донандаи ҳикмати рӯзгор таъкид мекунад, ки ҳар инсони донишманду бомартабат аз бадгӯиву маломати рақибон дар амон намемонад, ҳарчанд ӯ дар ростиву росткорӣ аз найза ҳам росттар бошад:

ذو الفَضلِ لا يَسْلمُ من قَدْحِ          وإن غدا أقْومَ من قدحِ [40,12]

(Яъне: Ҳар нафаре, ки соҳиби фазл аст, агарчи аз найза росттар бошад ҳам, аз таънаву маломат дар амон нахоҳад буд).

Ғанимат шумурдани айёми ҷавонӣ аз ҷумлаи таъкидоти риндонаи шоир аст, ки аз он бӯи андешаҳои айёшона меояд. Дар байти зерин насиҳати ҳикматомези ӯ ҷомаи зуҳду порсоиро ба ҷомаи риндӣ иваз мекунад:

أمتعْ شبَابك من لهوٍ ومن طَرَبٍ          ولا تُصخْ لملامٍ سَمْعَ مكترثِ

فخيرُ عَيشِ الفَتَى رَيعانُ جدّتِهِ          والعمرُ من فضةٍ والشّيبُ من خَبَثِ [40,13]

(Яъне: Дар айёми ҷавонӣ аз шодиву тараб баҳра бардор ва ба маломату накӯҳиш ҳеҷ кас гӯш мадеҳ.

Чунки беҳтарини рӯзгори шахс айни ҷавониаш аст, зеро хубии умр (дурахшандагии он-Х.Н.) ба сони нуқра асту бадии пирӣ дар хабосатии он мебошад).

Чи тавре дар боло мушоҳида шуд, Абулфазли Миколӣ, ки ҳарчанд дар мавриди ба қадри ҷавонӣ расидан ва даврони ҷавонӣ рондан ҷавононро ба гӯш надодани маломати мардум талқин мекунад, насиҳату андарзро низ арзиш қоил буда, барои хонандагони шеъраш таъкид менамояд, ки:

إذا لم تكنْ لمقال النَّصيحِ          سَمِيعاً ولا عَامِلاً أنتَ بهْ

سَيُنبِّهكَ الدَّهرُ عن رَقدةِ          الملاهي وإنْ قُلتَ لا أنتبهْ [40,7]

(Яъне: Агар ба сухани насиҳатгар гӯш надиҳӣ ва ба он ҳам амал накунӣ

Ба зудӣ туро замона аз хобӣ ғафлат бедор хоҳад кард, агарчӣ гӯйӣ, ки ман бедор намешавам).

Дар мавриди сарватмандӣ ва феълу атвори инсони доро шоир ҳушдори хубе дорад, ки дар он мухотаби худро ба ёди гузашта мебарад, то вай кӣ будану дар чи сатҳ зиндагӣ карданашро ба хотир ораду аз худ наравад:

لا تطغَ في حَالِ الثَّراءِ وكنْ لفقرِكَ ذَاكِرا

إذ كان خُبزُك ذا شرى بحتاً وبيتك ذاكرى [40,19]

(Яъне: Дар ҳолати сарватмандӣ бехуд машав ва ҳамеша бенавоии худро фаромӯш макун.

Ҳарчанд, ки нонат равғанин асту кошонаат боҳашамат ҳам бошад).

Шоири ҳаким дороии инсонро худодода ё ба ибораи дигар аз Худо расида медонад. Ин аст, ки одамонро ба бахшишу саховат даъват мекунад. Бино бар таъкиди вай молу дороиро бояд ба дигароне, ки ниёз ба он доранд, бибахшоӣ, то чизу сарвати ту афзунтар гардаду савобаш ҳам барои худат хазинаи рӯзи охират шавад:

لا تمنعِ الفضلَ من مالٍ حُبيتَ به فالبذلُ يُنميه بعد الأجرِ يدّخرُ [40,19]

(Яъне:) Аз моле, ки Худо бароят дод, хайр кардан ва ба дигарон бахшиданро манъ макун,

Зеро додани мол, онро мефизояд, аҷраш бароят захира мешавад).

Дар абёти дигари худ шоир қаноат кардан ба дороии худро ба инсонҳо талқин мекунад ва ва онҳоро аз ифрот дар ҷамъоварии молу сарват, ки метавонад муҷиби бадбахтӣ гардад, барҳазар медорад:

ربما أمتعَ القليلُ من المالِ أو كَفَى

وإذا زادَ كثرةً وعَدا القَدر أتلفا؟؟؟

كسراجٍ مُنوّرٍ إن طفا دُهنُه انطفى [40,31]

(Яъне: Шояд моли андак суд бахшад ва ё басандагӣ кунад, аммо агар афзун гардад,

Ва аз ҳад гузарад, ба нестӣ барад, мисли чароғи фурӯзоне, ки агар равғанаш зиёд шавад, хомӯш гардад).

Абулфазли Миколӣ дар заминаи як ташбеҳи соддаи ҳакимона мардуми дороро насиҳат мекунад, ки сарвати кам монанди чароғи фурӯзонест, ки кам ҳам бошад атрофро равшан мекунад. Агар сарват зиёд бошад, ба чароғе монанд мешавад, ки аз зиёдии равған хомӯш гаштааст. Шоири ҳакиму носеҳ ба молу сарвати андак қонеъ буданро талқин медиҳад. Қаноат аз мавзӯоти муҳими ахлоқист, ки дар адабиёти Шарқ, хоса Арабу Аҷам аз тарафи шоирону нависандагон мавриди таблиғу ташвиқ қарор гирифтааст.

Ба ақидаи Абулфазли Миколӣ, ки ба андешаи Одамушшуаро Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ монанд аст, қаноат пеша кардан сабаби хушбахтиву саодати инсон мегардад ва баръакс, аз дунболи ҳирсу оз рафтан сабаби зиллату хории вай хоҳад шуд. Аз ин рӯ, шоир рӯдакивор таъкид мекунад, ки:

دَعِ الحرصَ واقنعْ بالكفافِ من الغنى        فرزقُ الفتى ما عاشَ عندَ معيشِه [40,26]

(Яъне: Ҳирсро як сӯ гузору аз сарват бо қаноат зиндагӣ кун,

Зеро рӯзии шахс ҳамон аст, ки дар зиндагиаш бинад).

Гоҳо андешаҳои ҳакимонаи шоир бо мавзӯи ахлоқ маҳдуд нашуда, фаротар аз он ба сӯи фалсафа ҳаракат мекунад. Вай дар байти зерин таъкид мекунад, ки инсон дар зиндагӣ то метавонад аз пайи зистан бошад, яъне коми дил аз умр ситонад, ба ҳамгинон ёру ёвар бошад, то метавонад аз дунё барои дунё ва охират баҳра бардорад ва ҳамеша донад, ки марг дар камини ӯст:

لا تصبحنَّ بالحياةِ ذا ثِقه        فكلُّ نفسٍ للماتِ ذَائقه [40,32]

(Яъне: Ҳаргиз ба зиндагӣ осуда машав, ки

Ҳар ҷондор ногузир чашандаи марг аст).

Таъкидоти ҳикамии Абулфазли Миколӣ аз ҷаҳонбинии диниву дунявӣ ва талфиқи ин ду дунёнигариш дар корхонаи эҷодии вай дарак медиҳад. Ӯ дар паллаҳои тарозуи ашъори ҳикамии худ дунё ва охиратро баробар гузоштааст, яъне таъкиди вай бар сари ин нукта аст, ки инсон набояд барои дунё охираташро фурӯшад ё баръакс баҳри охират шуда, аз дунё худро бебаҳра гардонад.

Дар ашъори Абуфазли Миколӣ ҳикмат ва панду андарз бо мавзӯи зӯҳду парҳезгорӣ даромехтааст. Намунаи зер далели равшани гуфтаи болост:

أتركضُ في ميادين التصابي وقد ركضَ المَشيبُ على الشَبابِ

وتأمنُ نوبةَ الحدثان نفسي وما نابٌ لها عني بنابي [40,9]

(Оё ҳанӯзам дар майдони ишқбозӣ метозӣ?

Охир, сафедӣ бар мӯйи сиёҳи ту тохтааст!

Нафси ман аз навбати шабу рӯз дар амон аст?

Охир чанголҳои он аз ман дур нестанд–ку).

Шоир мухотаби худро бо забони насиҳат аз расидани даврони пирӣ огоҳ карда, ӯро ба зуҳду тақво ва порсоӣ даъват кардааст. Ҳатто барои намуна худро мисол оварда, таъкид мекунад, ки нафс маро бо он ки чанголҳояш аз ҳар сӯ ба итоати худ мекашанд, худамро бар канор медорам.

Васф. Мурур бар ашъори Абулфазли Миколӣ далел бар он аст, ки васф яке аз мавзӯоти дӯстдоштаи шоир буда ва ӯ ҳамчун рассом бо истифода аз абзори сухан ва ҳунари шоирӣ манзараҳои зебои табиат ва ҳусни ашёи мухталифи олами моддиро ба тасвир гирифта, тавассути онҳо назар ва афкори шоирона ва гоҳо фалсафии худро доир ба оламу одам баён кардааст. Дар ин росто муҳаққиқ Н.Зоҳидӣ низ таъкид кардааст, ки «Абулфазли Миколӣ хусусан дар эҷоди васф маҳорати тамом дошт. Вижагии боризи васфиёти шоир он аст, ки ӯ ашёи муайян, аз қабили гулҳои райҳон, лола, наргис, бунафша, дамидани субҳ, барфи рӯи барги дарахтон, шароб, асп ва ғайраро тавсиф намуда, хусусиятҳои онҳоро бо рамзу киноя баён мекунад. Ин аст, ки гоҳо васфҳои шоир ба луғз монанд мешаванд» [62, 64].

Табиат дар ашъори шоир бо зебоиҳои баҳор, сероб шудани чашмаҳо, манзараи дилрабои боғҳо, гулҳо ва хусусиятҳои онҳо, фаслҳои сол, раъду барқу борони сел ба таври ҷузъӣ, аммо хеле дақиқ ба тасвир гирифта шудааст. Дар миёни ашъори боқимондаи Абулфазли Миколӣ ҳарчанд баҳорияҳои ҳаҷман калон вуҷуд надошта бошад ҳам, ин маънои онро надорад, ки ӯ ба ин мавзӯъ камтаваҷҷуҳ буда бошад, ё дастикам ҳунаре дар тасвири баҳор аз худ нишон надода бошад. Зеро аз порчаҳои шеърии боқимондаи шоир, ки табиати фасли баҳорро инъикос мекунад, равшан

мегардад, ки қареҳаи шоирии ӯ на фақат дар тавсифу тасвири табиату баҳор, балки дар баёни мавзӯоти дигар низ баръало мушоҳида мешавад.

Тасвири оби ҳавз. Шоир табиатро бо ба инобат гирифтани ҷузъиёт ҳамчун ҳақиқати воқеӣ мавриди мушоҳида, бардошт ва истифодаи ҳунармандона қарор дода, онро тавре ба ҳақиқати бадеӣ табдил медиҳад, ки ҷузъи табиат – ҳавзи оби зери нури офтоб ҳамчун як мавзӯи муайян ҷолибу таъсирбахш тасвир мешавад:

أما تَرى البِركةَ الغراءَ قد لَبِستْ   نُوراً من الشَّمسِ في حَافَاتِها سَطَعا

والبهوُ من فَوقِها يُلهيكَ منظرُه   كأنه مَلكٌ في دَستِه إرتفَعا

والماءُ من تَحتِه ألقَى الشُّعاعَ على   أعلى سماوتِه فارتجّ مُلتَمِعا

كأنّه السَّيفُ مَصقولاً تُقلّبه   كفُّ الكميّ إلى ضَربِ الكميّ سَعَى [40,27]

(Яъне: Оё намебинӣ, ки ҳавзи об ҷомаи офтоб ба бар карда,
Нуреро аз он дар гӯшаҳои ҷарақҷа мезанад (ҷило медиҳад. - Х. Н.)
Аз болои он равшание, ки манзарааш туро аз худ бурда,
Гӯё фариштае бошад, ки болои он нишаста.
Аз зераш об аст, ки шуояшро бар он андохта,
Осмони баланд аз он ба ларза афтода.
Гӯӣ тобиши хуршед бар болои он мисли шамшери пурҷилост,
Ки дасти ҷанговаре онро барои кӯбидани размандаи фуруд овардааст).

Табаҳҳур дар забони арабӣ ва ҳунари шоирӣ барои Абулфазли Миколӣ имкон додааст, ки як манзараи муқаррариии табиатро бо тарҳу тасвири аҷиб пеши назари хонанда ба ҷилва орад. Дар порчаи шеърии боло равшании аз инъикоси нури офтоб бар рӯи оби ҳавз ҳосилшударо ба фаришта монанд мекунад. Ҳамчунин акси осмони рӯи оби ларзон, хатҳои нури офтоб, ки ба шамшери пурҷило монанд аст, аз назари борикбини шоир дур намондааст.

Ҳамин гуна ҳунари шоирии Абулфазли Миколиро дар қитъаи дигари ӯ дар тасвири субҳ ва дамидани он метавон ташхис дод. Тасвирпардозӣ ва ташбеҳсозие, ки шоир дар тавсифи субҳ кардааст, далел аз табаҳҳури ӯ дар

илми синоати бадеӣ мебошад. Таваҷҷуҳ ба ду байти зерин собит мекунад, ки шоир дар ҳақиқат шоири ташбеҳофару манзарапардоз аст:

أهلاً بفجرٍ قد نَضَا ثوبَ الدُجى　　　كالسّيفِ جُرّدَ من سوادِ قِرابِ

أو غادةٍ شَقّت صِدَاراً أزرقاً　　　ما بينَ ثُغْرِتها إلى الأقرابِ [40,10]

(Яъне: Марҳабо ба субҳе, ки ҷомаи торикиро аз тан бадар карда,

Мисли шамшере, ки аз торикии ғилоф хориҷ шавад (ва бо сайқалаш равшани бахшад).

Ё нозанине, ки пероҳани кабудашро аз гулӯ то миёни сина чок намудааст).

Албатта, ин тасвири шоирона, ба сабаби он ки идомаи ду байти васфиёти мазкур то мо омода нарасидааст, мантиқан нопурра аст. Чунки шоир мухотабашро фақат ба тамошои субҳ даъват карда, ҳамзамон бо истифода аз санъати ташбеҳ субҳро хеле ҳунармандона васф намудаасту ё имкони баёни дигар аз хусусиёт ё манзараи субҳро пайдо накардааст, ё ин амалро барои баён дар байтҳои то мо омаданарасида вогузоштааст. Бо вуҷуди ин нопуррагӣ ҳам, ду байти мазкур ҷаззобияти хос дошта, хонандаро бо манзараи дамидани субҳ ошно месозад. Ташбеҳсозии шоир дар ду байти боло ниҳоят ҷолиби диққат аст. Вай субҳро дар ташбеҳи аввал ба шамшер ва шабро ба ғилоф монанд кардааст. Сабаби чунин ташбеҳ кардан дар он аст, ки дамидани субҳ ба шамшерро аз ғилоф берун кашидан хеле монанд аст. Дар ташбеҳи дуюм, ки тавассути санъати ташхис сурат гирифтааст, шоир субҳро ба инсон–духтари куртаи кабудпӯше монанд кардааст, ки зуҳури сафедии баданаш аз гиребони курта то миёни синаҳояш мисли дамидани сапедадам дар торикии субҳ аст.

Аз мундариҷаи яке аз ашъори бозмондаи шоир чунин бармеояд, ки дар минтақаи зисти ӯ – Нишопур табиат на фақат зебову дилкаш аст, балки бо ҳодисаҳои харобиовараш даҳшатангез ҳам ҳаст. Ин ҷо оғозу поёни он шеър оварда мешавад:

دَهتنا السَّماءُ غَداةَ النّجابِ بغيمٍ على أُفقِه مُسبَلِ

كأنَّ حَرَاماً له أن يَرى يَبيساً من الأرضِ لم يُبلِلِ [40,41]

(Яъне: Пагоҳи шаби хуш осмон моро нохуш кард,

Бо абре калон дар уфуқ...

Ҳар дарахтеро мехост, он сел реша меканд,

Ҳар санге дар роҳаш бошад, мебардошт.)

Шеъри мазкур, ки аз 10 байт иборат аст, ба нақли ҷолиби диққат мемонад. Шоир дар он аз ҳодисае сухан мегӯяд, ки худ шоҳиди бевосита будааст. Аз мазмуни шеър аён мегардад, ки баъзан дар Нишопур борони сахт борида, ба омадани сел сабаб мешудааст. Дар баёни ин ҳодисаи табиат шоир ҳарчанд ҳунари эҷодии худро истифода карда бошад ҳам, аз ҳақиқати воқеӣ дур нарафтааст. Инро мо аз мазмуни шеър ба осонӣ дарк карда метавонем. Ҳамчунин худи ҳодисаи сел ба тасвири иловагӣ ё муболиғаву иғроқи шоирона ниёз надорад.

Дар яке аз шеърҳои худ Абулфазли Миколӣ падидаи дигари табиат – яхпораеро мавриди тавсиф қарор додаст, ки дар шеъри арабизабон аз васфҳои нодир ба шумор меояд. Ташбеҳоте, ки шоир дар ин васф истифода кардааст, ҳамагӣ барои тасвири воқеии яхпора дар назари хонандаи шеър мусоидат кардаанд. Ин ҷо лозим ба таъкид аст, ки матни ин шеър дар девони шоир аз матни он дар «Ятимат уд-даҳр»-и Саолибӣ андаке тафовут дорад ва ҳамин тафовути андак дарки матлаби шоирро мушкил кардааст. Дар зер ин шеър бар асоси матни «Ятимат уд-даҳр» нақл мегардад:

ربَّ جَنينٍ من جنى النميرِ مهتّكِ الأسرارِ والضَميرِ

سَللتُه من رَحَمِ الغَدِيرِ كأنها صَفائحُ البلّورِ

او اكر تجمست من نور أو قطعٌ من خالصِ الكافورِ

لو بقيتْ سلكاً على الدّهور لعطّلتْ قلائدِ النحورِ

يا حسنه في زمن الحدور إذ فيضُه مثلُ حشي المَهجورِ

(Чӣ басо яхпорае, ки парвардаи оби зулол аст ва ба дараҷае шаффоф аст, ки розе зери он махфӣ намонад.

Оҳиста онро аз дохили оби ҳавз гирифтам, ки он ба саҳифаҳои булӯрин мемонд,

Ё порае аз нур буд, ки ях бастааст, ё порае аз кофури холис буд,

Агар он замони дароз мемонду дар риштае кашида мешуд, ҷои гарданбандҳои зеборухонро мегирифт.

Чӣ зебост он вақти обшавиаш, ки қатраҳо аз он сарозер мешаванд, ва рехтани онҳо ба шоридани ашки маъшуқи маҳҷур мемонад).

Фаслҳои сол. Фаслҳои сол низ бо хусусиятҳои худ ба ҷаҳонбинии шоир бетаъсир набуда, аз рӯи таъсиррасонии хосашон мавриди баёни ӯ қарор гирифтаанд. Ковишу пажӯҳиш нишон дод, ки дар ашъори Абулфазли Миколӣ баҳор ва тобистон бо вижагиҳои худ ба тасвири шоирона гирифта шудаанд. Баҳор дар тасаввури шоир инсонест, ки дастҳояш монанди он ки гавҳар ба ришта мекашад, маҳз барои мо боғу чаман меофарад. Боғу чамани офаридаи ӯ бо он таровату зебоӣ, дилкашиву чашмрабоӣ ба ёқутҳои ба риштакашидаи чун чеҳраҳои нозанинон дурахшону пурнур монанд аст:

تصوغُ لنا كَفُّ الربيعِ حَدائقاً　　　كعقدِ عَقيقٍ بينَ سِمْط لآلي

وفيهنَّ أنوارُ الشقائقِ قد حَكَتْ　　　خُدودَ عَذارى نُقّشتْ بغوالي [40,39]

(Яъне: Дастони баҳор бароямон чаман месозад,

Мисли он ки дурру марҷон дар банд мечинад.

Дар он анвори ёқутҳост, монанди

Рухсорагони нозанинҳо дар сурат).

Аз мазмуни байтҳои боло метавон ба осонӣ дарк кард, ки дар ҷаҳони андешаи шоир баҳор маҳз барои инсон боғу чаман меофарад, на барои мавҷудоти дигар. Аз ин рӯ, дар маркази диққати шоир баробари баҳор инсон ҳам қарор мегирад.Тааммул дар мазмуни байтҳои зерин шаҳодат аз он медиҳад, ки дар ҳақиқат Нишопур сарзамини гармсер буда, тобистонаш, хусусан моҳҳои июлу август ниҳоят гарм мешудааст. Ин аст, ки шоир фасли тобистонро накӯҳидаву аз фасли тирамоҳро писандидани худ хабар медиҳад:

لقد طالتْ شُهُورُ الصَيْفِ حتى　　　بَرِمتُ بحرِّ تموزٍ وآبِ

ويُعجبني الخريفُ وإن قَلبي　　　لحرِّ زمانِ آبٍ جدّ آبي [40,8]

Яъне: Моҳҳои тобистон чунон тӯл кашиданд, ки ҳатто

Аз гармои Тамузу Об ба танг омадам.

Маро тирамоҳ хуш ояд, ки дили ман

Зи гармии замони тобистон хеле ба танг аст.)

Боғу гулҳо. Боғу гулҳо дар ашъори Абулфазли Миколӣ, ки зотан ҷузви ҷудонашавандаи табиатанд, бо ин мазмуну мундариҷа мебоист дар фасли ишқияҳои шоир мавриди таҳлил қарор гирад, аммо ба сабаби иртиботи зотии онҳо бо табиат дар ин фасл баррасӣ гардид. Бино бар таъкиди Н. Зоҳидӣ сифат кардани гулҳо аз мавзӯъҳои маъмули ашъори васфия буда, «дар боғҳое, ки шоирон (-и арабизабони эрониасл–Н.Х.) тавсир кардаанд, одатан ҳама намуди гулу раёҳин атрафшонӣ мекунанд. Аксари ин гулҳо ба арабҳои пешин маълум набуданд ва бадеҳист, ки дар назми онҳо низ зикр нашудаанд» [69, 102]. Ин нуктаро ба таври барҷаста дар ашъори ба тавсифи гулу боғ ихтисосдодаи Абулфазли Миколӣ низ баръало мушоҳида кардан мумкин аст. Шоири табиатдӯст дар назди хона ё дар ҳаволии шаҳр боғе ҳам доштааст, ки дар он бо фароғи ҳол ба тамошои гулу райҳон ва айшу истироҳат машғул мешудааст:

أعددتُ محتفِلا ليومِ فراغِي　　　رَوضاًغَدا إنسانَ عينِ الباغي

روضاً يَرُوضُ هُمُومَ قلبي حُسنُهُ　　　فيه لكأسِ اللَّهوأيُّ مَسَاغِ

وإذابدتْ قُضبانُ رِيحانٍ به　　　حيّتْ بمثلِ سلاسلِ الأصداغِ [40,30]

(Яъне: Баҳри рӯзи фароғам омода намудам

Боғе, ки айни инсони дилҷуста гашта буд.

Боғе, ки ҳуснаш ғаму андӯҳи дилро бартараф намояду

Дар он ҷоми лаҳву сархушӣ ҷойи муносиб дорад.

Чун шохаҳои райҳон дар он намудор гарданд,

Мисли силсилаи зулфони нозанинон (ба мо) салом мегӯянд).

Дар боғи тасвирнамудаи шоир ғайр аз райҳон гулҳои дигар аз қабили бунафшаву бобуна ва дигар анвои он парвариш меёфтааст. Дар ашъори Абулфазли Миколӣ гули бунафша ва бобуна ҳамчун гулҳои дорои рамзу хусусият инъикос шудаанд. Мазмуни ду байти зерин собит мекунад, ки ба якдигар туҳфа кардани бунафшаи хушбӯй дар Нишопури аҳди шоир рамзи кушоиши кору хушии рӯзгор будааст:

يا مهدياً لي بنفسجاً أرجاً        يرتَاحُ صَدري له وينشرحُ

بشّرني عَاجلاً مصحّفه        بإنَّ ضيقَ الأمورِ ينفسحُ [40,13]

(Яъне: Эй он, ки бароям бунафшаи хушбӯй медиҳӣ, ки

Аз он дилам шод мешаваду баҳрам кушода.

(Зудтар ба ман мужда бидеҳ, ки

Тангии умур кушоиш хоҳад ёфт.)

Аммо баръакс ҳадя кардани бунафшаи камрангу камбӯй нишони ноомади кор, ҷудоӣ мебошад:

يامهدياً لي بَنَفسجاً سَمِجاً        وَدِدتُ لو أنّ أرضَه سَبَخُ

يُنذرُني عَاجِلاً مُصَحّفهُ        بأنَّ عَهدَ الحَبيبِ يَنفَسخُ [40,14]

(Яъне: Эй он, ки бароям бунафшаи қабеҳ медиҳӣ,

Мехостам, ки замини он шӯрзор мебуд.

Ба зудӣ пайкаш маро бим медиҳад, ки

Аҳди маъшуқа вайрон мешавад).

Аз мундариҷаи ду порчаи шеърии мазкур чунин бармеояд, ки ҳадя кардани гул ва огоҳ кардани якдигар аз пешомаду оқибати кор ҳамчун расми махсус дар Нишопури замони Абулфазли Миколӣ ба ҳукми анъана даромада будааст. Ғайр аз бунафша гули бобуна низ дар шеъри Абулфазли Миколӣ ба унвони гули дорои рамз ба кор бурда шудааст. Аз баёни шоир ҳаминро фаҳмидан мумкин аст, ки гули бобуна ҳарчанд дорои назокату зебоист, захме андарун дорад. Аз ин рӯ, ин гул агар аз номи ошиқ ба маъшуқа, ё баръакс,

ҳадя шавад, маънои онро дорад, ки тарафи гулдиҳанда аз тарафи гулгиранда озору ранҷ дидааст:

للأ قحوانِ على ملاحتِه وخزُ          بقلبٍ يشتكي العشقا

مقلُوبه في اللفظِ يخبرني          أن الأحبّة قد نأؤا حقّا [40,31]

(Яъне: Гули бобуна бо вуҷуди назокаташ захме дорад,

Ба дили шахсе, ки аз ишқ шиква дорад.

Дар сурати акси лафзи он дарак аз он диҳад, ки

Ошиқон аз ҳақ дур шудаанд).

Ба таври умум гуфтан мумкин аст, ки корбасти асомии гулҳо дар шеърҳои Миколӣ ба ду ваҷҳ сурат гирифтааст. Аз назари аввал ба иллати ин ки шоир дар парвариш гулу гиёҳ иштиёқи фаровон дошта, барои тасвири табиат ба маънии аслии худ ҳамчун воситаҳои зеббахши боғи худ истифода шудаанд. Дар канори ин, дар ашъори шоир на ҳамчун ҷузви зебоибахши табиат, балки бештар ҳамчун воситаи ифодаи ишқу муҳаббат, эҳсоси дӯстиву рафоқат, кинаву хусумати хуфяи инсони ошиқ ба кор бурда шудааст. Аммо бо таваҷҷӯҳ ба ҷойгоҳи гулу гиёҳ ва ривоҷи қасидаҳои баҳория дар аҳди Абулфазли Миколӣ чӣ дар адабиёти форсу тоҷик ва чӣ адабиёти арабизабон метавон ҳадс зад, ки бештари вожагони ифодакунандаи номи гулҳо асосан ба маънии аслии худ чун унсурҳои зеббахши табиат ба кор рафтаанд ва баъдан тадриҷан бо нуфузи адабиёти ирфонии форсу тоҷик касби мазомини рамзии ин аносири табиат бештар ба ҷилва мерасад. Ҷолиб он аст, ки минбаъд ин мавзӯъ дар адабиёти форсу тоҷик ба яке аз масоили меҳварӣ табдил ёфтааст, ки сайри таърихи ташаккули он ва бозтоби маъонии аслӣ ва мармузи номи гулҳо дар адабиёти форсӣ аз тарафи донишманди эронӣ Баҳроми Гиромӣ дар китоби «Бозтоби гулу гиёҳ дар адаби форсӣ» ба риштаи таҳқиқ даровարда шудаанд.

Васфи асп. Шоир дар порчаи шеърии то мо омодарасидааш, ки ҳамагӣ аз ду байт иборат аст, ба тавсифи асп пардохта, онро беҳтарин чиз барои саворагон ҳисобидааст:

خيرُ ما استطرفَ الفوارس طِرفٌ　　　كل طِرفٍ لحسنِه مبهوتُ

هو فوقَ الجبالِ وعلٌ وفي السهلِ　　　عقابٌ وفي المعابرِ حوتُ [40,12]

(Яъне: Беҳтарин чизе, ки саворагон мехоҳанд, аспи накӯст

Ва ҳар накӯ ба ҳусни хеш мафтун аст.

Ӯ болои кӯҳ оҳу асту дар саҳро

Уқоб асту дар баҳрҳо наҳанг).

Дар ду байти мазкур шоир васфиёти худро дар заминаи истифодаи санъати киноя бунёди ҳунарӣ бахшида бошад ҳам, зимнан равшан мешавад, ки манзури ӯ аз паси ҳам овардани кинояҳо баёни кардани сифатҳои асп аст. Ин аст, ки дар ин порчаи шеърӣ ғайр аз киноя санъати сифатчинӣ низ зимнан мавриди корбурд қарор гирифтааст. Инчунин набояд фаромӯш кард, ки гирд овардану таҷассум кардани хислатҳои оҳу, уқоб, наҳанг дар тимсоли асп ин нишонае аз санъати ҷамъу тафриқ аст. Шоир хислатҳои чустию чобукии асп, дар дараҳо сабук ҳаракат кардани онро аз оҳуи кӯҳ, хислатҳои сабукхезию тезтозии аспро аз уқоби саҳро, хислатҳои шиноварию дар об ҳаракат кардани аспро аз наҳанг гирифта, дар тимсоли асп ҷамъ кардааст, аммо ба тафриқу ташреҳи он хислатҳо напардохтааст. Аз ин рӯ, нимаи дуюми санъати ҷамъу тафрикро дар абёти мазкур мушоҳида кардан имкон надорад. Ба ҳар ҳол, равшан шуд, ки Абулфазли Миколӣ дар ду байти васфиёти ба асп ихтисосдодааш санъатҳои киноя, сифатчинӣ ва ҷамъу тафрикро ба кор бурдааст. Истифодаи дурусти чунин саноеи адабист, ки шеъри ӯ баландмазмуну ҷаззоб гаштаанд.

Ихвониёт. Ихвониёт аслан дар адабиёт як навъи номаҳои мансур ва манзумро гӯянд, ки ба унвони дӯсте ё инсони азизе навишта мешаванд. Ихвониёт аслан ба мадҳ шабеҳ ҳастанд, зеро ҳам дар ихвониёт ва ҳам дар мадҳ муаллиф фазилатҳои мухотаби худ, аз қабили хислатҳои барҷаста, донишу маърифат, ҷуду сахо ва ахлоқу равишҳои писандидаи ӯро мавриди ситоиш қарор медиҳад. Фарқи усулӣ миёни ин ду навъи абадӣ дар ангезаи эҷоди онҳо аст: мадҳро шуаро одатан барои касби подоши моддӣ аз мамдӯҳ месароянд, дар ҳоле, ки ихвониёт дар заминаи ихлосу иродати самимонаи

муаллифи он нисбат ба дӯсту рафиқ ва ё шахси мавриди эҳтирому эъзози вай ва бидуни ҳеҷ як интизориву чашмдошти подошу инъом эҷод мешавад. Аён аст, ки мақоми иҷтимоии Абулфазли Миколӣ ба ҳайси амири адабпарвар ва ҳомии шоирону адибон болотар аз он буд, ки даст ба мадҳи шахсе бизанад ва умеди подоше аз ин кори худ дошта бошад. Бино бар ин, миёни осори вай пайдо кардани мадҳ ба маънои аслии он душвор аст.  Аммо қитъаҳое дар девони Абулфазли Миколӣ ба назар мерасанд, ки дар ситоиши ашхоси ба вай наздик сароида шудаанд. Ин гуна ситоишномаҳо моҳиятан аз зумраи ашъори дӯстона ва ё ба таъбири маъмул ихвониёт ҳастанд.

Намунаҳои то мо расидаи ихвониёти Абулфазли Миколӣ далели он аст, ки вай дар таълифи ин навъи шеърӣ ҳунари баланд аз худ нишон дода тавонистааст. Аз ҷумла, қитъаи зеринро Абулфазли Миколӣ дар бузургдошти падараш суруда ва бо истифода аз санъатҳои лафзӣ ӯро сипари хонадон дар баробари ҳаводиси рӯзгор номидааст:

ولما تتابعَ صَرفُ الزمان　　　فَزِعنا إلى سيّدٍ نابِه

إذا كَشّرَ الدهرُ عن نابِه　　　كَشَفنا الحوادثَ عنّا به

(Вақте ҳаводиси рӯзгор яке паси дигар рӯй менамуданд, мо ба сарвари меҳтарон паноҳ бурдем.

В-он гоҳ, ки рӯзгор дандонҳояшро ба мо тез кард, мо бадбахтиҳоро бо такя ба ӯ аз худ дур сохтем).

Теъдоде аз шеърҳои Абулфазли Миколӣ дар ситоиши дӯсти дерина ва рафиқи донишмандаш Саолибӣ эҷод шуда ва ин шеърҳо саршор аз сидқу ихлоси бародарона ва беҳтарин намунаҳои ихвониёти манзуми шоир ҳастанд. Аз ҷумла,  дар пораи зерин Абулфазл ҳамзамон бо  изҳори тафохур аз дӯстияш бо Саолибӣ ва ибрози иштиёқ ба ҳамнишинии мустамир бо ӯ, балоғати  сухани вайро мавриди тамҷид қарор додааст:

أخٌ لي أما الودُّ منه فزائد　　　والفاظُه بين الحديثِ فرائدُ

إذا غابَ يوماً لم يَنُبْ عنه  شاهدٌ　　　وإن شَهِدَ ارتاحتْ إليه المشَاهِدُ

(Бародаре аз ман, ки дар боби дӯстӣ ягона аст ва алфозаш ҳини сухан гуфтан ба сони марворидҳоянд,

Агар вай рӯзе  ғоиб бошад, касе ҷояшро гирифта наметавонад, вале агар ҳозир гардад, дӯст аз ӯ оромиш мегирад).

Абулфазли Миколӣ балоғату фасоҳати сухани Саолибиро дар пораи зерин низ ситоиш кардааст ва пайдост, ки ӯ ба қареҳаи адабӣ ва ҳунари суханофарии  дӯсташ ихлоси комил доштааст:

إني أرى الفاظَكَ الغُرّا        عطّلت الياقوتَ والدرّا

لك الكلامُ الحُر يا من غدتْ        أفعالُه تستبعدُ الحرّا

(Ман суханони ширину зебоятро мебинам, ки зебоиро аз ёқуту марворид бурдаанд,

Эй он, ки туро каломест муассир ва афъолат ҳамаро асири худ кардааст).

Дар ихвониёти хеш Абулфазли Миколӣ дар баробари ситоиши наздикон ва дӯстони содиқу қадрдони худ, мухотабони худро ба ҷавонмардиву саховатмандӣ ва росткорӣ даъват менамояд. Мисдоқи ин матлаб порчаи зерини шоир аст:

تّمّتْ محاسنُه فما يُزري به        مع فَضلِه وسخائِه وكمالِه

إلاّ قصورُ وُجوده عن جُودهِ        لا عونَ للرجلِ الكريمِ كماله

أنصُرْ أخاكَ إن اجتدَاكَ فوَاسِه        وإنْ استَغَاثَكَ واثقاً بك مالِه   [40,12]

(Ӯ дар маҳосин ба камол расидаву

Акнун дар фазлу сахо ва камолаш осебе нарасад.

Магар камбуди вуҷудаш дар ҷуд,

Зеро барои карим беҳтарин мададгор молаш аст.

Бародаратро даст гир, агар аз ту пурсид,

Ба ӯ ҳамдардӣ кун ва молатро дареғ мадор).

Мавзӯи дӯстиву рафоқат аз мавзӯоти муҳим ва бомавқеъ дар миёни ашъори боқимондаи Абулфазли Миколӣ маҳсуб меёбад. Бародар ва дӯст ба андешаи ӯ ҳамон аст, ки дар ҳама ҳолат бо ту бошад:

أخوك من إن كنتَ في          نُعمى وبؤسٍ عادَلكْ

فإنْ رآكَ مُنعماً          بالبِرِّ منه عَادَ لكْ   [40,34]

(Дӯстат ҳамон аст, ки агар дар

Неъмату тангдастӣ бошӣ, бо ту адолат кунад

Агар бинад, ки ту аз ӯ дида некии бештар дорӣ,

Ба сӯйи ту бозгардад, яъне аз ту некӣ карданро омӯзад).

Шоир дар яке аз ихвонияҳояш, ки дар оғози он аз замона ба сабаби дур андохтани дӯстону бародарон аз якдигар шикоят мекунад, Абумансур ном дӯсташро ёд ва васф карда мегӯяд:

من جنى ودّه كأرىٍ مَشُورٍ          وثنى لَفظِه كلَفظِ بَشيرِ   [40,22]

(Ба даст овардани дӯстии ӯ мисли ҷамъ кардани асал аст,

Ва шунидани суханони ӯ мисли суханони муждарасон аст).

Яъне бо Абумансур дӯстӣ варзидан кори ширину босамар ва нек аст ва бо вай ҳамсуҳбат шудан низ руҳафзою нишотовар аст, чунки ӯ хеле ширинсухан мебошад.

Ҳарчанд намунаи ин навъ ашъор дар каломи шоир камтар ба назар мерасад ё шояд то замони мо камтар омада расидааст, аммо вуҷуди намунаҳо худ гувоҳи он ҳастанд, ки Абулфазли Миколӣ дар эҷоди ин навъи шеърӣ дасти тавоно доштааст.

Марсия. Дар миёни сурудаҳои Абулфазли Миколӣ чанд пора аз марсия ҳам, ки аз анвои маъмули назми арабизабон ва форсизабон маҳсуб мешавад, ба назар мерасад. Абулфазл дар ашъори рисоӣ сӯзу гудози худро хеле табиӣ ва бо истифодаи санъатҳои бадеӣ баён мекунад. Мазмуни марсияҳои шоир дарак аз он медиҳанд, ки афроди даргузашта ашхоси боному маъруф ва аз дӯстони наздик ё аз хонадони Миколиён ба шумор рафта, дар ҷомеа соҳиби мақоми иҷтимоӣ ва нуфузи маънавӣ будаанд. Дар баъзе марсияҳо номи ашхоси фавтида муайян аст, ба монанди Ибни Ҳомид, Абубишр, Абулқосим, ки шоир онҳоро хеле ситудааст ва ҳолати худро дар ҷудоӣ аз онҳо ниҳоят ғамангез ба тасвир додааст. Яке аз марсияҳои пургудози Абулфазли Миколӣ дар марги нобаҳангоми писараш навишта шудааст. Ба таъкиди шоир, агар

марг чизеро бар ивази ҷони писараш мепазируфт, ӯ омода буд ҷони худашро қурбон созад, чунончи:

لي في دهستان لا جادالغمام لها        إلا صواعق ترمي النارَ والشهبا

ثاوٍ ثوى منه في قلبي جوى ضرم        يشبُّ كالسيفِ حداالسِنان شبا

دعاه داعي المنايا غير محتسبٍ        فراحَ يرفلُ عند الله مُحتسِبا

هلالُ حُسنٍ بدا في خوطِ أسحلةٍ        قد كادَ يقمرُ لولا أنه غربا

لو يقبلُ الموتُ عنه فديةًسمحتْ        نفسي بأنفسِ ذخرٍ دونَ ما سلبا

(Маро дар Деҳистон, ки абрҳо дар  он барқу оташ ба атроф пароканда месозанд,

Ҷигарбанде зери хок аст, ки аз он дар қалбам ғами сӯзон ҷой гирифт ва он чун шамшер бурранда ва чун найза тез аст.

Марг ӯро фаро хонд дар ҳоле, ки гумони ин кор намерафт ва ӯ хиромон рафт баҳри ризои Худованд.

Ӯ ҳилоли ҳусну зебоӣ буд, ки дар шохаҳои латифи дарахти аслаҳа зоҳир шуд ва агар ғурубаш фаро намерасид, ба моҳи тамом табдил меёфт.

Агар марг чизеро ба ҷои ӯ мепазируфт, ман арзишмандтарин мояи хешро дар баробари он чизе, ки марг аз ӯ рабуда буд, медодам)

Аммо сарнавишт кори худро мекунад ва мусибатҳои он беҳтаринҳоро ҳадаф қарор медиҳад:

لكنْ أبى الدهرُ أن ترزا فجائعُه        إلا عقائل ما نحويه والنُخُبا [40,5]

(Вале фоҷеаҳои замона танҳо аз мо

Ҳамонеро мегиранд, ки беҳтар асту бартар аз ҳама.)

Ин фоҷеа бо аз байни бурдани фарзанди шоир хурсанд нест, боз чангол сӯи худи шоир ва дигарон низ дароз карда, мехоҳад ӯ ва наздиконаш барои ҳифзи ҷони худ тамоми молу дороӣ ва чизҳои дӯстдоштаашонро сарф кунанд:

تراه قد نشبتْ فينا مخالبُه        فليسَ يبقى لنا علقا ولا نشبا

لئن أناخَ على وفري بنكبتِه        فالدينُ والعرضُ موفوران ما نكبا        [40, 5]

( Мебинӣ, ки чанголҳои рӯзгор сӯйи мо дароз шудасту

Бар мо на моле монаду на дӯстдошта.

Агарчи рӯзгор  бар сари ман мусибаташро меорад,

Аммо дину обрӯйи ман чизест, ки ба сахтиву мусибат тобоваранд).

Аммо шоир аз зумраи онон нест, ки аз ин фоҷеа – аҳкоми талхи замона биҳаросад. Ӯ омода аст, ки бо ғайрату бурдборӣ бо фоҷеа мубориза барад ва онро ба ҳайрат оварад:

أقابل المرّ من أحكامه جلداً        بالحلم والصبر حتى يقضي العجبا        [40,5]

( Ба аҳкоми талхи замона бо ҷасорат рӯбарӯ мешавам

Ва чунон шикебоиву сабр меварзам, то аз кори ман дар шигифт монад).

Чунон ки мушоҳида мешавад, мусибати даргузашти фарзанд дар ҳақиқат фоҷеа аст. Аз ин рӯ, ин ҷо ҳеч муболиға ба назар намерасад.

Абулфазли Миколӣ дар марсияҳояш баробари баёни сӯзу дарди худ аз даргузашти пайвандон ва дӯстону алоқамандон ҳамчунин хасоили неки ононро низ бозгӯ мекунад. Дар таъйиди ин матлаб метавон пораи зерин аз марсияи шоирро далел овард:

هل إلى سَلوةٍ وصبرٍ سبيلُ        كيفَ والرزءُ ما عَلِمتَ جَليلُ

فجعتني الأيّامُ لماّ ألمتّْ        بصديقٍ وَجدي عليه طَويلُ

بأبي القاسمِ الذي أقسمَ المجدُ        يميناً أن ليسَ منه بديلُ

كان مغنى الوَفاء والبِرّ إن        حالَ زَمانٌ فودُّه ما يحُولُ

كان زينَ الندى في العلم        والآدابِ تَرعى رياضُهن العقولُ

كان بدرَ النُّهى فحانَ أفُولُ        كان شمسَ الحجى فحانَ أصيلُ

(Оё роҳе ба сӯи шикебоиву сабр ҳаст? Ва чӣ гуна бошад, вақте мусибат бисёр бузург аст?

Рӯзгор маро мусибатзада кард, вақте фалокатро ба сари дӯсти ман ки бо ӯ дӯстиву маваддати тӯлонӣ доштам, овард,

Ба сари Абулқосим, дар ҳоле, ки бузургӣ худ қасам хӯрда буд, ки касе ҳаммонанди ӯ нест.

Ӯ мазҳари вафо ва эҳсон буд, ки агар замон дигаргун шавад, дар дӯстии ӯ дигаргунӣ набуд.

Ӯ зевари сахову бахшандагӣ дар илму одоб буд, ки ақлҳо аз гулзорҳои онҳо баҳраманд мешуданд.

Ӯ моҳи тамоми хирад буд, ки фурӯ нишаст ва хуршеди заковат буд, ки ғуруб кард).

Ҳамин тариқ, дар марсияҳои Абулфазли Миколӣ вобаста ба қаробату наздикӣ миёни шоир ва марҳум отифаву эҳсосоти самимӣ дар шеър имтиёз пайдо карда, ҳамзамон дар марсияҳое, ки дар сӯги дӯстон ва аҳли илму адаби замон суруда шудаанд, ҷанбаҳои ақлонии робита миёни шоир ва фавтида ва зикри муҳассаноти маййит мақоми бештар пайдо мекунанд.

Ҳаҷв. Намунаҳои ин навъи шеърӣ дар миёни ашъори боқимондаи Абулфазли Миколӣ камтар ба мушоҳида мерасад. Қиллати ин навъ ашъор дар миёни осори Абулфазли Миколӣ ба мақоми сиёсиву иҷтимоӣ ва адабии ӯ вобаста аст. Таҳлилу баррасии намунаҳои бозмонда собит мекунад, ки ӯ мисли дигар шоирони ҳамасраш дар ин навъи шеърӣ дасти расо доштааст.

Дар шеъри ҳаҷвии зерин шоир Холидӣ ном марди тангдасти меҳмоннодӯстро мавриди мазаммат қарор медиҳад. Шоир Холидии хасису мумсикро хеле ҳунармандона тасвир кардааст. Ҳисси хасосату бухл ончунон ҳастии ин мардро фаро гирифтааст, ки ба хонаи ӯ меҳмон омадан баробари он аст, ки ба сари ӯ шамшер омадааст:

الخالديُّ بخيلٌ فليسَ يُرجى قِراه

سيّانَ ضيفٌ أتاه وحدُّ سَيفٍ فَراه [40,19]

(Холидӣ ончунон марди бахил аст, ки

Касе умеди аз дастурхони ӯ чизе хӯрдан надорад.

Барояш (Холидӣ) баробар аст, ки наздаш

Меҳмон ояд ва ё ба сараш шамшер фарояд).

Пораи мазкур ягона ҳиҷоест, ки дар он Абулфазли Миколӣ шахси муайянеро мухотаби худ қарор дода ва ӯро ҳаҷв кардааст. Дар қитъаҳои дигар аз ашъори ҳаҷвии шоир тири мазаммати ӯ ба таври умум ба муқобили айбу нуқсонҳои инсонӣ ва иҷтимоӣ  равона шудааст. Шеъри зерин баёнгари ин матлаб аст:

وطلعةٍ بِقُبحِها قد شُهِرتْ　　　تحكي زوالَ نِعمةٍ ما شُكِرتْ

كأنّها عن لحَمِها قد قُشِرتْ　　　أسمجْ بها صحيفةً قد نُشِرتْ

عُنوانُه ا إذا الوحوشُ حُشِرتْ　　　يلعنها ما قُدّمتْ وأخّرتْ

صاحبُها ذو عَورةٍ لو سُتِرتْ　　　إن سَارَ يوماً فالجبالُ سُيِّرتْ

أو رامَ أكلاً فالجحيم سُعِّرتْ

(Ҳон, бубин, чеҳрае, ки дар зиштӣ машҳур аст. Он ёдовари заволи неъматест, ки сипосашро ба ҷой наовардаанд.

Чеҳраест, ки гӯӣ, пӯсти он аз гӯшташ ҷудо шуда ва ба саҳифаи  зишти китобе монанд шудааст.

Унвони ин китоб «Ҳайвонҳои ваҳшие, ки гирд омадаанд» аст, ки бо дидани он гузаштагону пасовандон онро нафрин кунанд.

Соҳиби ин чеҳра дорандаи айбҳоест, ки пӯшидани он беҳтар аст. Агар ӯ роҳ гардад, гӯӣ кӯҳҳо ба ҳаракат даромадаанд,

Ва ё қасди хӯрдан кунад, гӯӣ, оташи ҷаҳаннам афрӯхта гардидааст).

Чунон ки аён аст, дар ин қитъа шоир типи зиштчеҳраеро, ки дар баробари зиштии сурат ҳамчунин дорои аъмол ва хисоли зишту нописанд аст, ба тасвир кашида ва ин гурӯҳи ашхосро мавриди мазаммат қарор додааст. Қитъаи мазкур дар баробари пораҳои фавқуззикр далели маҳорат ва ҳунари шоирии Абулфазли Миколӣ дар эҷоди анвои гуногуни ашъори ҳаҷвӣ мебошанд.

Хамриёт. Хамрия яке аз анвои адабии маъмул дар шеъри арабизабони Нишопури даврони Абулфазли Миколӣ буд. Қисми зиёди шуарои давр майро ҳам ба хотири машруби кайфиятбахшу ғамбарору шодифизо буданаш ва ҳам ба хотири нишон додани ҳунари шоирӣ ва риояи суннати роиҷи шеъри арабӣ васф кардаанд. Дар мавриди хамриёт дар ашъори Абулфазли Миколӣ ҳаминро бояд қайд кард, ки ӯ тарбияти динӣ гирифта ва дар илми ҳадис ҷойгоҳи вижа доштааст ва нигоҳашро низ ба май мақоми ақидатии вай муайян мекард. Ба иборати дигар, муносибати шоир ба май ва майгусорӣ бо тарбият ва эътиқодоти динии ӯ ҳамоҳанг ва ҳамсӯ буд. Албатта, дар ашъори Абулфазли Миколӣ аз май ёд шуда ва хусусиятҳои он таъкид шудааст, вале ҳадаф аз зикри май на таърифу тавсифи муқаррарии шароб ва зикри мояи ишрату хушгузаронии вақт будани он, балки талқини зарарҳои он ба ба дину ахлоқи инсон тибқи фармудаҳои исломӣ аст. Ҳамин мазмун дар як шеъри Абулфазли Миколӣ баён шудааст. Ин шеър посухгӯи талаботи шеъри хамрия аст, зеро дар он мисли хамрияҳои маъмулӣ васфи шароб ва таъсири он ба майгусор омадааст, вале онро аз рӯи ҳадафи шоир, ки наҳй аз шароб аст, метавон «хамрияи манфӣ» номид, чунончи:

عيرتني تركَ المدُامِ وقالتْ　　　هل جَفَاها من الكرامِ لبيبُ

هي تحتَ الظلامِ نورٌ وفي– الأكبادِم　　　بردٌ وفي الخدودِ لهيبُ

قلتُ يا هذه عَدلتِ عن النُصحِ　　　أما للرشادِ فيك نصيبُ

إنما للستورِ هتكٌ وبالألبابِ　　　فتكٌ وفي المعادِ ذنوبُ

(Маро дар тарки шароб маломат намуд ва гуфт, ки оё инсони шарифи хирадманд аз он рӯй мегардонад?

Он аст, ки дар торикӣ нур ва дар ҷигарҳои сӯхта сардӣ ва дар гунаҳо гармиро падид меоварад.

Гуфтам: эй ту, аз роҳи панду насиҳат хориҷ шудӣ. Оё туро баҳрае аз ҳидоят ҳаст?

Медонӣ, ки шароб пардаҳоро медарад, ақлҳоро мерабояд ва дар рӯзи растохез гуноҳе бузург маҳсуб мешавад?!)

Ҳамин тариқ, миёни осори манзуми бозмондаи Абулфазли Миколӣ тақрибан ҳамаи анвои суннатии шеъри арабӣ ба назар мерасанд.

Аз миёни анвои шеърӣ ғазал назди Абулфазли Миколӣ дорои ҷойгоҳи хос мебошад. Ихвониёт ва ашъори ҳикамии ӯ низ ҳам аз ҷиҳати теъдод ва ҳам аз ҷиҳати мазмуну мундариҷа бар соири анвои шеърӣ имтиёз доранд. Баррасии ашъори бозмонда нишон медиҳад, ки ӯ шоири забардаст буда, дар ҳамаи анвои шеърӣ дасти тавоно доштааст.

## III.2. Мавқеи санъатҳои бадеӣ дар ашъори Абулфазли Миколӣ

Дар адабиёти Арабу Аҷам девони ашъори ягон шоире нест, ки дар он саноеи бадеӣ ба хотири оро додани сухан ва ҷолиби диққат кардани каломи мавзун мавриди истифодаи ҳунармандона қарор нагирифта бошад. Аз ин ҷумла, дар девони ашъори Абулфазли Миколӣ низ, ки аз шеършиносону адибони номвари замони худ буд, санъатҳои бадеӣ хеле устодона ба кор гирифта шудаанд. Албатта, бояд мукаррараран таъкид кард, ки кам будани теъдоди ашъори бозмондаи Абулфазли Миколӣ мумкин аст бар таҳқиқи теъдоди саноеи бадеӣ ё гунаҳои онҳо таъсиргузор бошад. Аз ин рӯ, адами нусхаи комили девони ашъори шоир сабаби номутасаввир мондани манзараи пурраи таҳлили бадеии ашъори «Девон»-и ӯ мегардад. Ҳамчунин ин номукаммалӣ ба кори баррасии саноеи бадеии ашъори шоир низ таъсири худро мерасонад. Бо вуҷуди ин, барои нишон додани ҳунари шоирии Абулфазли Миколӣ таҳлили поэтикии ашъори бозмондаи ӯ дар заминаи берун кашидани санъатҳои бадеӣ муҳим арзёбӣ мегардад.

Санъати ташбеҳ ва анвои он. Санъати ташбеҳ аз серистеъмолтарин санъатҳои маънавӣ мебошад, ки пайдо кардани он дар ашъори ҳамаи шоирон ба мушоҳида мерасад. Сабаби касрати истеъмоли ин санъат дар он аст, ки

дар олами ҳастӣ, ки табиат бо он ҳама кӯҳу дара, дашту биёбон, чашмаву дарё, дарахту рустанӣ, ҳайвоноти обиву хокӣ ҷузъе аз он ба шумор меравад, чизҳои шаклан–суратан монанд зиёданд. Ҳамин касрати монандӣ ва ташбеҳ сабаби асосии зуҳури санъати мазкур дар шеър шудааст. Шоир бо истифода аз ин санъат роҳи фаҳмондадиҳии матлаби худро хеле ҳамвор карда, мушкили раванди ифодаву баёнро осон месозад. Абулфазли Миколӣ низ мисли соири шоирон аз ин монандии чизҳои мавҷуд дар олами атроф самаранок истифода карда, ба ташбеҳ рӯ овардани худро дар намунаи шеърии зерин баръало зоҳир карда, сароҳатан эътироф намудааст:

رأيتُ الهلالَ وقد حَلّقتْ      نجومُ الثريا لكي تسبقه

فشبهتُه وهو في إثرها      وبينهما الزهرةُ المُشرِقه

كرامٍ بقوسٍ رأى طائراً      فحلّق في إثره بندقه      [40,31]

(Яъне: Дидам, ки моҳ ба сурати ҳалқа даромадааст,

Ситорагони осмон дар пеши онанд.

Пас онро дар ҳоли аз пайи ситорагон буданаш, ки

Чун гули дурахшон дар миёнашон аст,

Ташбеҳ кардам ба камонандозе, ки мурғеро дидаву

Аз пайи он камони худро рост кардааст).

Шоир дар ду байти зерин гӯр – сарзамини охиратро ба «бӯстони маҳрум аз борон ва зери офтоби сӯзон пажмурда» монанд карда, ғаму сӯзи дилашро, ки аз ҷудоии дӯсти бар асари сар задани фоҷеаи замона аз олам даргузашта ба вуҷуд омадааст, ба «оташи сӯзони монанди шамшер тез ва мисли найза гузаро» ташбеҳ кардааст:

لي في دهستان لا جادَ الغمام لها      إلا صواعق ترمي النارَ والشهبا

ثاوٍ ثوى منه في قلبي جوى ضرم      يشبُّ كالسيفِ حدا والسِنان شبا [40,4]

(Яъне: Ман дар бӯстоне, ки аз марҳамати аброн дур асту

Зери дурахши барқи оташин мондааст,

Сокине дорам, ки аз он ба дилам оташи сӯзоне афтода,

Ки мисли шамшер тез асту монанди найза гузаро.)

Агар дар абёти мазкур ташбеҳи равшан ё мутлақ мавриди истифода қарор гирифта бошад, дар байти зери ташбеҳи машрутро шоир ба кор гирифтааст:

إذا ما بدا طالعاً وجهُه        طُلوع الهلالِ برغمِ الرَّقيبِ        [40,8]

(Яъне: Агар чеҳрааш намоён гардад,

Мисли моҳтобе бошад, аз паси абрҳо намоён аст).

Ташбеҳи машрут ё шартӣ чунон аст, ки дар он шоир чизеро ба чизе ба шарт, яъне шартан монанд мекунад. Дар байти боло шоир рӯйи маъшуқаро ба шарти он ки аз ниқоб берун бошад, ба моҳ монанд кардааст.

Ташбеҳи пӯшида низ аз анвои серистеъмоли ашъори Абулфазли Миколӣ мебошад. Шоир дар байти поён духтари наврасеро ба оҳубарра монанд кардааст, ки дасти ӯро ба расми табаррук бӯсидааст:

شَافَه كَفّي رَشَأ        بقبلةٍ ما شَفَتِ        [40,12]

(Яъне: Дастонамро оҳубаррае даҳон зад,

Бо бӯсае, ки ба дарди ман нахӯрд).

Истифодаи моҳиронаи навъҳои санъати ташбеҳ ҷаззобияти шеърро афзун гардонида, ба хонанда таъсири бештари равонӣ мерасонад. Шоир гоҳо дар истифодаи санъати ташбеҳ, хоса ташбеҳи мутлақ ба монандкунии пайдарпайи аз лиҳози ҳаҷм калон даст мезанад. Ин ҳолат бештар дар мавриди тасвири табиати зинда ё манзараи ғурубу тулуъ ба мушоҳида гирифта мешавад. Масалан, Абулфазли Миколӣ дар тасвири субҳ санъати ташбеҳро ду маротиба пайиҳам ба кор бурда, онро ба шамшери аз ғилофи тор берункашида ва нозанини пероҳани кабуди гиребончок пӯшида монанд кардааст:

أهلاً بفجرٍ قد نَضَا ثوبَ الدُجى        كالسّيفِ جُرِّدَ من سوادِ قِرابِ

أهلاً بفجرٍ قد نَضَا ثوبَ الدُجى        كالسّيفِ جُرِّدَ من سوادِ قِرابِ        [40,10]

(Яъне: Марҳабо ба субҳе, ки ҷомаи торикӣ баркашид,

Мисли он ки шамшерро аз ғилофи тор мекашанд.

Ё нозанине, ки пероҳани кабуд,

Аз гулӯ то миён чок намудааст).

Чун ин ҷо риштаи таҳқиқ аз ташбеҳ ба тасвиргарии шоир Абулфазли Миколӣ гузашт, лозим аст, ки ба тасвирпардозии ӯ руҷуъ шавад.

Тасвирпардозӣ. Мо ғайр аз он баррасии боло дар фасли аввали ин боб ҳунари тасвирпардозии Абулфазли Миколиро дар мисоли тасвири ҳавзи об, ки нури офтобро инъикос менамояд, мавриди мушоҳида ва таҳлил қарор дода будем. Ин ҷо идомаи ин мавзӯъро дунбол хоҳем кард. Абулфазли Миколӣ дар ҳақиқат шоири тасвирпардоз буда, дар ин самт на фақат ба тасвири табиати зинда, балки дар тасвири ашёи беҷон низ ҳунари шоирӣ аз худ нишон додааст. Гоҳе шоир як ашёи муқаррарии рӯзгорро тарзе тасвир мекунад, ки хонандаи борикандешу нуктасанҷ сурати он ашёро бе мушкилӣ дар корхонаи хаёли худ кашида метавонад ё мутасаввир месозад, ба шарти он ки нерӯи муаммокушоӣ ё чистонёбӣ дошта бошад. Зеро «як мазияти боризи васфиёти шоир он аст, ки ӯ ашёи муайянро ба тасвир оварда, хусусиятҳои онро бо рамзу киноя баён мекунад. Ин аст, ки гоҳо васфиёташ ба чистон шабоҳат дорад» [45, 451]. Дар ин ҳол шоир кори як рассому наққошро бо истифода аз вожаҳо, забон, услуб, саноеи бадеӣ ва ҳунари шоирӣ анҷом медиҳад, ки ин кори ӯ арзиши адабии каломи мавзун ва истеъдоду нубуғи шоириашро ифода мекунад. Барои намуна ба порчаи зер таваҷҷуҳ мекунем:

شَعَرَاتٌ قد رُكّبتْ في نصابٍ   هنَّ سوطُ العَذابِ فوقَ الذُبابِ

ولذاكَ النصابُ صورةَ كفٍ   وُضعتْ منه موضعَ الأذنابِ

ذات رفقٍ بحكِ جلديَ تُهدي   راحةً من أذىً بلا إتعابِ

يا لها من مِذبّةِ زينِ كفٍ   جَمعتْ بين رَاحةٍ وَعذابِ [40,8]

( Мӯйҳое бар сари дастае баста шудаанд,
Ки он тозиёнаи азобанд барои пашшагон.
Аз ин ҷост, ки даста сурати кафро дорад, ки
Аз он мавзеи думҳо гузошта шудааст.
Барои хориш додани пӯст, ки роҳатбахш аст,
Нарм бошаду аз он касро озоре нарасад.

Он чиз ин қадар дастмояи зебост, ки

Ҳам роҳатбахш асту ҳам ранҷдиҳанда).

Чи тавре болотар аз луғзгунагии васфиёти шоир таъкидан иқтибосу мисол овардем, зимнан бояд ёдовар шуд, ки агар аз матни шеъри мазкур таркиби «فوقَ الذُّبابِ» гирифта шаваду ба ҷойи он дигар таркиби ҳамқофия гузошта шавад, шеър ба як чистон ё луғз монанд мешавад.

Тансиқ-ус-сифот ё сифатчинӣ. Истифодаи санъати мазкур ҳама анвои шеър, хусусан қасида ва ғазалро ҷолибу диққатбарангез ба ҷилва меорад. Шоирон бо корбурди ин санъат чеҳра ё рафтору кирдори қаҳрамони лирикӣ, қисм ё аҷзои чизҳои мавриди тасвир қарордодаашонро пурратару комилтар карда, бар ин замина аз худ ҳунари шоирӣ нишон медиҳанд. Дар ашъори шоир ба кор гирифташавии санъати сифатчинӣ далел аз дарки чунин вижагии санъати мазкур аз тарафи шоир Абулфазл мебошад:

ومُهَفْهَفٍ تَهْفُو بلُبّم المَرءِ منه شَمائلُ

فالرِدفُ دِعصٌ هَائِلٌ والقَدُّ غصنٌ مائلُ

والخَدُّ نورُ شقَائقٍ تنشقٌّ عنه خَمائلُ

والعَرفُ زهوُ حَدائقٍ نمَّت بهِنَّ شَمائلُ

والطَّرفُ سيفٌ مالَه إلاّ العِذارُ حَمائلُ [40,35]

(Нозукбадан ҳуш аз сари шахсе, ки ӯ дорои хисл аст, мебарад.

Шонааш мисоли кӯҳасту қадаш мисоли санавбар.

Рухсори чун моҳ мунавварааш дурахшон аз паси пардаҳо.

Бӯяш баҳори гулистону аз хубиаш хислаташ бохабар.

Нигоҳаш шамшер аст, ки аз он напурс,

Ки ба зулфи овезон аз бари ӯ монанд аст).

Саволу ҷавоб. Дар байти зерин, ки баргирифта аз як зуҳдиёти шоир аст, санъати саволу ҷавоб корбаст шудааст. Сароғози гуфтугӯи ӯ бо нафаре, ки ӯро ба тарки шароб накӯҳиш мекунад, аз маломат шуруъ мешавад. Дар

идома мусоҳиби шоир аз ӯ роҷеъ ба бузургӣ савол мекунад, шоир ба он ҷавоб мегӯяд:

وقائلةٍ إنّ المعالي مَواهبٌ فقلتُ لها أخطأتِ هنَّ مناهبُ [40,6]

( Гуфт: Бузургиҳо чизе бошанд, ки ато шудаанд?

Гуфтам: Хато кардӣ. Онҳо чизеанд, ки бо талош ба даст оянд.)

Истҳои пурсишӣ ва ҷавобӣ, ки дар санъати саволу ҷавоб ба мушоҳида мерасад, сабаби ҷалби таваҷҷуҳи хонанда ва бедор кардани зеҳни хуфтаи ӯ мешавад. Гоҳо шоир тавассути саволу ҷавоб ба баёни масоили ҳикамӣ мепардозад. Масалан, дар байти зерин шоир бо корбурди санъати саволу ҷавоб хонандаро ба масъалаи тазоди фалсафии бахту насиб ва ҷаҳду талош ҷалб кардааст:

وقائلةٍ إنّ المعالي مَواهبٌ فقلتُ لها أخطأتِ هنَّ مناهبُ [40,6]

(Гуфт: Бузургиҳо чизе бошанд, ки ато шудаанд,

Гуфтам: Хато кардӣ. Онҳо чизеанд, ки бо талош ба даст оянд).

Киноя. Дар истилоҳи адабиётшиносӣ ба таври пӯшида истифода бурдани калимаву ибораҳоро санъати киноя мегӯянд. Ин санъат бештар ба санъати маҷоз монанд бошад ҳам, фарқи калон дорад. Бино бар таъкиди адабиётшинос Ҷалол Ҳумоӣ «дар қадим истилоҳи киноярo ба таври куллӣ ба кор мебурданд, ки шомили маҷозу истиора низ мешуд. Яъне онро истилоҳи махсусе дар муқобили маҷозу истиора намешумурданд ва истилоҳи ҷадиди киноя, ки бо маҷозу истиора фарқ дошта бошад, аз мавзӯоти удабои мутааххир аст «[132, 168]. Дар порчаи зерин шоир ибораи кинояомези «мусибати ногаҳон» «الدهرِ فاجعُ»-ро ба кор гирифтааст, ки дар робита бо дигар калимоту таъбирҳои аз тарафи Абулфазли Миколӣ истифодашуда маънои аслиаш марг аст:

وما المرءُ في دنياه إلا كهاجعٍ تراءتْ له الأحلامُ وهي خوادعُ

ينعّمُه طيفٌ من اللهوِ باطلٌ ويوقظُه نومٌ من الدهرِ فاجعُ [40,28]

(Шахс дар дунё мисли хоб аст, ки

Барояш хобҳое намуданд, ки онҳо ҳама фиреб буданд.

Ӯро мастии бозӣ ба таври ботил навозиш медиҳаду

Аз ин хоб мусибати ногаҳон бедораш мекунад).

Истиора. Ҳангоми корбурди санъати истиора калима ё иборае ҷойи вожа ё таъобири дигарро ба орият гирифта, ҳусни каломи мавзунро меафзояд. Дар байти дуюми порчаи шеърии зерин Абулфазли Миколӣ ибораи «رمانَ صدرِها» (анори сина)-ро ба кор бурдааст, ки чунин тарзи корбурди калимаҳо дар сурати таъбири шоирона сабаби зуҳури санъати истиораи киноягӣ шудааст:

ونبئتُها يوماً ألمّت بجنةٍ          تنزّه طَرفاً في الأزاهيرِ والخُضرْ

فابصرَ ربُ الباغِ رمانَ صدرِها          فقالَ اطرحيه عنك يا لصةَ الشَجرْ   [40,18]

(Рӯзе, ки ба боғе шуд, аз он дарак ёфтам

Дар он боғ миёни гулу сабзаҳо тамошо мекард,

Боғбон анораи синаашро дида, гуфт:

Эй дузд, он гирифтаатро ба ҷояш гузор).

Бояд таъкид кард, ки дар байти охирин калимаи «اطرحيه» истиора аз маъшуқаи норпистон мебошад, ки ба боғ тамошои гулу сабзаҳо даромадаасту ба дасти боғбон афтодааст. Бояд хотиррасон кард, ки ин ҷо боғбон низ истиора аз худи шоири ошиқ аст.

Таҷоҳули ориф. Шоир барои такон додани зеҳни хонанда ва ӯро ба фикру андеша водор кардан бо саволе ба мухотаб муроҷиат мекунад, ки худаш ҳам ҷавобашро медонад. Ин тарзи пурсишро дар адабиёт санъати таҷоҳули ориф мегӯянд. Адабиётшиноси тоҷик Тӯрақул Зеҳнӣ ин санъатро «ба таъбири барҷастаи халқӣ гӯлпурсӣ» номидааст [65, 83]. Дар ашъори бозмондаи Абулфазли Миколӣ низ шеърҳоеро, ки дорои ин санъат бошанд, пайдо кардан мумкин аст. Дар порчаи зерин шоир мусоҳибаи сартарош ва одами сартарошидаистодаро бо истифода аз санъати таҷоҳули ориф ба қалам додааст. Асли воқеа чунин аст, ки ҷавони мӯи сараш сиёҳу сафед омехта пеши сартарош меояд. Вақте сартарош ба тарошидани мӯи сари ӯ шурӯъ мекунад, он ҷавон аз сартарош ба сабаби мошубиринҷӣ будани мӯи сараш, яъне аз барвақт сафед шудани мӯи сараш дар хиҷолат мемонад. Барои худро аз ин

ҳолати ноҳинҷор берун овардан шӯхӣ карда, ба сартарош савол медиҳад: Усто, мӯи сари ман сафед аст ё сиёҳ? Сартарош ҳам, ки пеш-пеши теғ мӯи тарошидашудаи сари ҷавонро аз фарқи сар ба тарафи пешонӣ оварда истода буд, бо як зарофати шоирона ҷавоб чунин медиҳад: Эй ҷавон, ин қадар саросема нашав! Ҳозир ба пешбандат меафтад, худат мебинӣ, ки сиёҳ аст ё сафед? Шоир суҳбати муқаррарии ду нафарро, ки бе ҳеҷ шубҳа имкони вуқуъи он мавҷуд аст, хеле табиӣ ва моҳирона тасвир кардааст:

قال لمن يحلقه          وشعرُه مختلطُ

بالله قل ما لونه          أأسودُ أم أشمطُ

فقالَ رفقاً يا فتى          بين يديك يسقُطُ          [40,27]

(Шахсе, ки мӯйи сари омехта (сиёҳу сафед) дошт,
Ба касе ки мӯйи сарашро метарошид, гуфт:
Ба Худо аз ту мепурсам, ки ранги он
Сиёҳ аст ё сафед?
Гуфт: саросема нашав, эй ҷавон,
Ба бағалат хоҳад афтид).

Тааҷҷуб. Санъати маънавии дигарест, ки зоҳиран ба таҷоҳули ориф каму беш монандӣ дорад. Аммо фарқи тааҷҷуб аз таҷоҳули ориф дар он аст, ки пурсиш хусусияти барҷастаи аҷобат дорад. Ин санъат дар ашъори бозмондаи шоир нисбат ба таҷоҳули ориф серистеъмол аст. Шоир гоҳ дар оғоз, гоҳ дар миёна ва гоҳе дар поёни шеър санъати тааҷҷубро устодона ба кор бурдааст. Масалан, байти зерин ҳусни мақтаъи яке аз марсияҳои сӯзноки Абулфазли Миколӣ дар ҳаққи Абӯбишр ном дӯсташ мебошад, ки истифодаи санъати тааҷҷуб хотимаи онро хусусияти аҷобат бахшидааст:

ألا هَل راجعٌ عيشٌ تولى          وهل مُتبدّلٌ عَيْشٌ تنكّدْ          [40,14]

( Оё шудааст, ки рӯзгори рафта боз ояду
Зиндагии тира боз дигаргун гардад).

Дар ҳақиқат он чи аз даст рафт, дигар барнагарданда аст. Аммо шоир мукарраран дар ҳар мисраи байти боло нидои ҳайратангези «هل»-ро ба кор

бурда, сухани одиро перояи адабӣ пӯшонидааст. Агар дар мисоли боло санъати тааҷҷуб дар байти мақтаъ истифода шуда бошад, дар намунаи зерин, баръакс дар байти матлаъ қарор гирифтааст:

أما تَرى البِركةَ الغراءَ قد لَبِستْ        نُوراً من الشَّمسِ في حَافَاتِها سَطَعا        [40,27]

(Яъне: Оё намебинӣ, ки кӯли об ҷомаи офтоб бар карда,

Нури он дар гӯшаҳои он ҷилвагар гашта).

Дар оғози шеър истифодашавии санъати тааҷҷуб ҳусни матлаъи онро таъмин кардааст. Намунаи зерин, ки дорои санъати тааҷҷуб аст, аз он шаҳодат медиҳад, ки шоир ин санъатро на фақат дар оғозу поён, балки дар миёнаи шеър низ барои ба хонанда таъсир бахшидан истифода кардааст:

قلتُ يا هذه عَدلتِ عن النُصحِ        أما للرشادِ فيك نصيبُ        [40,6]

(Гуфтам, ки эй, хуб нагуфтӣ!

Оё аз ақлу ҳуш баҳрае дорӣ?)

Дар байни ашъори бозмондаи шоир порчаи шеърии зерин пурра бо санъати тааҷҷуб гуфта шудааст:

أبا جَعفَرٍ هل فضضتَ الصَّدفْ        وهل إذ رميتَ أصبتَ الهَدفْ

وهل جُبتَ ليلاً بلا حشمةٍ        لطُولِ السُّرى سُدَفاً في سُدَفْ        [40,30]

(Яъне: Эй Абуҷаъфар, оё садафро кушодӣ?!

Ва оё вақте ки онро партофтӣ, ба ҳадаф расидӣ?!

Оё шабе бидуни ҳишмат ба сайру гашт баромадаӣ,

Аз он ки сайр дароз буду торикӣ сахт?!)

Бо такя бар мисолҳои болоӣ метавон гуфт, ки Абулфазли Миколӣ дар корбурди санъати тааҷҷуб ҳунари шоирӣ аз худ нишон додааст.

Иқтибос. Дар истилоҳи аҳли адаб иқтибос гуфта, бештар истифодаи оёту аҳодисро ба тарзи равшану шоиста дар шеър гӯянд, зеро «иқтибос» дар асли луғат ба маънои «партаву фурӯғ гирифтан» аст [132, 240]. Дар шеъри шоире чун Абулфазл, ки донандаи хуби забони арабӣ ва улуми динӣ буд, вуҷуди

иқтибос ҳамчун ҷузъи муҳассаноти каломи мавзун хеле муҳим ҳисобида мешавад. Байти зерин далелест, ки гуфтаҳои мазкурро таъйид мебахшад:

لا تصبحنَّ بالحياةِ ذا ثِقه          فكلُّ نفسٍ للماتِ ذَائقه [40,32]

(Яъне: Ҳаргиз ба зиндагӣ осуда машав, ки

Ҳар ҷондор ногузир чашандаи марг аст).

Шоир дар мисраи дуюми байти мазкур қисми аввали ояти 185-уми сураи «Оли Имрон»

كُلُّ نَفْسٍ ذَآئِقَةُ الْمَوْتِ وَإِنَّمَا تُوَفَّوْنَ أُجُورَكُمْ يَوْمَ الْقِيَامَةِ فَمَن زُحْزِحَ عَنِ النَّارِ وَأُدْخِلَ الْجَنَّةَ فَقَدْ فَازَ وَما الْحَيَاةُ الدُّنْيَا إِلاَّ مَتَاعُ الْغُرُورِ

(Ҳар нафсе шарбати маргро хоҳад чашид ва муҳаққақан рӯзи қиёмат ҳамаи шумо ба музди аъмоли худ комилан хоҳед расид. Пас, ҳар кас худро аз оташи ҷаҳаннам дур дошту ба биҳишти абадӣ даромад, чунин кас фирӯзиву саодати абад ёфт ва зиндагонии дунё ба ҷуз матои фиребанда нахоҳад буд), ҳамчунин ояти 35-уми сураи «Анбиё» كُلُّ نَفْسٍ ذَائِقَةُ الْمَوْتِ ثُمَّ إِلَيْنَا تُرْجَعُونَ (Ҳар нафсе шаҳди ногувори маргро хоҳад чашид ва пас аз марг ҳама руҷуъ ба мо хоҳанд кард).

Ва ояти 57-уми сураи «Анкабут» كُلُّ نَفْسٍ ذَائِقَةُ الْمَوْتِ وَنَبْلُوكُم بِالشَّرِّ وَالْخَيْرِ فِتْنَةً وَإِلَيْنَا تُرْجَعُونَ

(Ҳар нафс дар олам ранҷу сахтии маргро мечашад ва мо шуморо ба баду нек мубтало карда, то биозмоем ва ба сӯйи мо бозмегардед) иқтибос овардааст. Чи тавре аз мазмуни байти Абулфазл бармеояд, хонандаи огоҳ аз Қуръон бе мушкилӣ ба иқтибоси қуръонӣ будани иқтибоси шоир пай мебарад. Ҳадафи истифодаи иқтибоси мазкур дар шеър ин тақвият бахшидани сухани андарзии шоир мебошад, ки дар мисраи аввал таъкидан ҳамчун ҳушдор («ба зиндагӣ осуда машав!») овардааст. Дар шеър барои тақвияти фикру андешаи ҳикамӣ овардани иқтибос таъсирбахшии каломи мавзунро даҳчанд мекунад.

Такрор. Такрор ё такрир аз ҷумлаи санъатҳоест, ки истифодаи он бо воситаи ду усул сурат мепазирад. Якум, шоир ҳангоми сурудани шеър нохудогоҳона аз фарти завқу шиддати эҳсос вожаеро якчанд бор такрор

оварда, худ баъди мурури дубораи шеър дарк мекунад, ки дар шеъри ӯ такрори як вожа рух додааст. Дуюм, шоир дидаю дониста санъати такрорро дар шеър бо мақсади таъкид бахшидан ё ҷалб кардани диққати хонанда ба маъною мазмуни асосӣ истифода мебарад. Дар порчаи шеърии зерин усули якум сабаби корбурди санъати такрор аз тарафи шоир шудааст:

اليوم آخرُ أيام السرور بهم  والیومَ أولُ یومٍ فیه أکتئبُ

واليومَ عُمريَ في الأعمارِ منقضبٌ  واليوم رُوحيَ عن جِسمي سَيَغترِبُ [40,6]

(Яъне: Имрӯз вопасин рӯз аст, ки бо онон шодмонӣ кунам,

Имрӯз нахустин рӯз аст, ки дар он андӯҳгин шавам.

Имрӯз умри ман миёни дигар умрҳо кӯтоҳ шаваду

Имрӯз рӯҳи ман аз тани ман бегона гардад).

Шоир бори ғами соати ҷудоӣ аз дӯстон ё лаҳзаи оғози фироқро бо калимаи «اليومَ»– «имрӯз» дар мисраи нахустин ончунон ба ҳасрат ифода кардааст, ки аз шиддати эҳсоси андӯҳ ин вожа бар сари мисраъҳои дуюму сеюм барои фурӯ нишондани оташи дарун такроран ба забони ӯ рафтааст. Ҳамчунин дар байти нахустин корбурди вожаҳои охир-аввал «آخر، أولُ» заминаи зуҳури санъати тазодро фароҳам овардаст.

Нидо. Санъатест, ки шоир бо «хитобҳои музтарибона» «ҳаяҷони қалбӣ» ва «эҳсосоти амиқи рӯҳӣ»-яшро ифода [65, 89] мекунад. Вобаста ба чигунагии эҳсос нидо низ аз ҳамдигар фарқи калон дорад, ки мо инро дар шеъри Абулфазл ҳам мушоҳида мекунем. Нидои таҳайюру тааҷҷуб аз шумори нидоҳоест, ки ҳайрати шоирро аз таъсири чизе ё касе ифода мекунад. Дар байти зерин санъати нидо аз нигоҳҳои пайдарпайи сеҳрангезу ҷаззоби маъшуқа ба ваҷду ҳайрат омадани шоиррро хеле пуртаъсир ифода кардааст:

يا عجبي من سِحرِ ألحَاظِهِ  وسحرِ ألحاظٍ فتنَّا به [40,7]

(Яъне: Воаҷабо,аз афсуни нигоҳҳояш

Ва аз афсуни нигоҳҳое, ки мо мафтуни он гаштаем).

Нидои афсӯс дар байти зерин бо истифода аз нидои «يا ليته» – «эй кош» ифода ёфтааст:

يا ليته يرثي على ولَهي به        لغرامِ قلبي في الهوى ولَهيبهِ [40,10]

(Яъне: Эй кош, бар ҳоли зори ман раҳм мекарду

Ба дили дар ишқи ӯ сӯзони ман нигоҳе мекард).

Нидои тараб ҳам ба худ хос калима дошта, истифодаи бамавриди он дар шеър сабаби ҷалби диққати хонанда мегардад. Намунаи зерин санади қотеъи ин гуфта аст:

أهلاً بنرجسِ رَوضٍ        يُزْهى بحُسنٍ وَطيبِ [40,10]

(Яъне: Марҳабо, эй наргиси бӯстон, ки

Бо накӯйиву хушбӯйӣ карашма дорӣ).

Метавон гуфт, ки хусусияти хосе нидоҳои мазкурро ба ҳамдигар аз рӯи ягонагӣ алоқаманд сохта, умумият мебахшад. Ин хусусият яксон равона шудани нидо ба мухотаб аст. Масалан, дар ҳар се навъи нидои дар боло овардашуда мухотаб маъшуқаи шоир аст, ки аз чашму нигоҳи он ба тааҷҷуб меояду аз ҷаври ӯ ботаассуф умедвори раҳм мешавад ва ё вайро бо шодӣ ба сӯи худ даъват мекунад.

Таҷнис. Шамс Қайс Розӣ дар таърифи ин санъат чунин гуфтааст: «Таҷнис алфози ба якдигар монанд истеъмол кардан аст ва он чанд навъ бошад: тому ноқису мураккабу муздаваҷу мутаррафу таҷниси хат ва ҳама писандидаю мустаҳсан бошад дар назму наср ва равнақи сухан биафзояд» [87, 271]. Истифодаи санъати таҷнис сабаби зебоии зоҳирии калом ва ҷолиб баромадани мазмуни шеър мегардад. Инро дар мисоли байти зерин ба мушоҳида гирифтан мумкин аст:

أسيرُ وقلبي في هَوَاكَ أسيرُ        وحادي رِكابي لوعةٌ وزفيرُ [40,21]

(Яъне: Мераваму дилам ба ишқи ту асир аст,

Нолаи ман аз сӯзиши дил асту оҳу фиғон).

Калимаҳои «**أسيرُ**» – « шабона меравам» ва «أسيرُ» – «асир» ба ҳамдигар таҷнис шуда омадаанд. Зеро ин ду калима аз лиҳози ҳарф монанди якдигаранд. Яке аз анвои таҷниси зоиду ноқисро, ки байни калимаҳои таҷнисшаванда дида шудани «ихтилоф ба зиёда аз як ҳарф» хусусияти

фарқкунандаи он аст, Атоуллоҳ Маҳмуд Ҳусайнӣ «таҷниси музаййал» номидааст[100, 19]. «Музаййал» дар луғат дароздоманро гӯянд ва бар ин асос агар калимаҳои таҷнисшаванда аз як дигар бо доштани зиёда аз як ҳарф фарқ кунанд, таҷниси онҳо таҷниси музаййал ҳисобида мешавад. Намунаҳои таҷниси музаййал дар поён оварда мешавад:

لا تَعْصِينْ شَمْس العُلا قَابُوسا        فَمن عَصَى قَابُوسَ لاقى بوسا [40,26]

(Яъне: Офтоби бузургӣ–Қобусро нофармонӣ макун,

Зеро ҳар кас, ки ба Қобус нофармонӣ кунад, ба бадбахтӣ дучор гардад).

ё:

إلاّ قصورُ وُجوده عن جُودهِ        لا عونَ للرجلِ الكريمِ كماله [40,28]

(Яъне: Камбуди вуҷудаш магар дар ҷуд аст,

Зеро барои карим беҳтарин мададгор молаш аст?)

Дар ҳоли пурра дастрас будани «Девони ашъор» ва асарҳои мансури Абулфазл Миколӣ имкони нишон додани ҳунари шоирӣ ва мақоми адабии ӯ дар миёни ҳамқаламон бештар мешуд. Аммо бо масали он ки «мушт намунаи хирвор аст» таҳлилу баррасии корбурди саноеи бадеиро натиҷагирӣ мекунем.

Бо такя ба намунаҳои санъатҳои дар боло овардашуда ба натиҷае метавон расид, ки Абулфазл Миколӣ барои зеб додани каломи мавзунаш аз саноеи бадеӣ ба таври фаровон истифода карда, зимни корбурди аксари онҳо аз худ ба ваҷҳи аҳсан ҳунари шоирӣ нишон дода тавонистааст. Бояд таъкид кард, ки ғайр аз санъатҳои мазкур тавсирпардозӣ аз шумори муҳассаноти шеър, ки бозгӯйи санъатварии Абулфазли Миколӣ аст, ҳисобида мешавад.

### III.3. Сабки эҷодии Абулфазли Миколӣ

Хуросон, хоса шаҳри Нишопур, ки ҳамчун маркази сиёсиву фарҳангии он буд, дар асрҳои X-XI маркази таҷаммӯи аҳли адаб ба шумор мерафт. Забони арабӣ баъди дар Нишопур ба расмият пазируфта шудан ончунон ба фарҳангу адаби мардуми он таъсир гузошта буд, ки аҳли адаб нозукиҳои ин забонро аз худ карда, онро бо маҳорати тамом дар иншои назму наср ба кор мегирифтанд. Чакидаҳои қаламии шоирони эрониасли арабизабони Хуросон, ончунон ки муҳаққиқони ховаршинос таъкид мекунанд, аз лиҳози забон

фарқе аз ашъори шоирони соҳибзабон надорад. Муҳаммадбоқир Ҳусайнӣ дар мақолаи «Асбоби зуҳури адаби арабӣ дар Хуросон» баъд аз баёни омилҳои нуфузи забону адабиёти араб ва таъсирпазирии шоирони эрониасли хуросонӣ таҳаввули шеъру насри ин давраро дар сабк чунин ифода менамояд: «Пас, ҷойи тааҷҷуб нест, агар шоири арабигӯйи хуросониро мушоҳида кунем, ки дигар аз сабкҳои гузашта пайравӣ намекунад. Дар ин замон (асрҳои III ва V ҳиҷрӣ-Х.Н.)» адаб на танҳо аз ҳайси камият тараққии фавқулоддае намуд, балки аз ҷанбаҳои муҳтаво чандон поинтар аз ашъори билоди Араб набуд» [114, 49-50].

Дар чунин муҳит парвариш ёфтан ба эҷоди Абулфазли Микол̄ӣ низ бетаъсир намонд. Оли Микол, ки аксар ходими давлатӣ буданд, донистани забони арабӣ ва тасаллут бар забону адабиёти Араб аз муҳимтарин вазифаҳои онҳо ба шумор мерафт. Яъне ин хонаводаи ирқан суғдӣ вобаста ба талаботу меъёри муҳити сиёсиву илмӣ, адабӣ ва фарҳангии замони худ зиндагӣ ва эҷод мекарданд. Аз ин рӯ, ҳар аломату нишона, вижагие, ки дар осори адабиву илмии шоирону нависандагони хуросонии ҳамаҳди Абулфазли Миколӣ ба мушоҳида мерасад, дар ашъору асарҳои мансури ин адиб низ ба назар меояд.

Таъсири ҳаҷми шеъру зарурати эҷоз ба сабки нигориш. Ҳаҷман кутоҳу мухтасар будан яке аз муҳимтарин вижагиҳои шеъри Абулфазли Миколӣ ба ҳисоб меравад. Албатта, ин андешаро мо на фақат дар заминаи ашъори парокандаи шоир, ки воқеан теъдоди абёт дар он ҳам кам аст, истинбот кардем, балки натиҷаи муқоисаи ашъори шоирони эрониасли арабизабони Хуросон бо сурудаҳои шоирони сарзамини Арабро низ маҳак қарор додем. Ба ҷумлаи дигар метавон гуфт, ки шеъри Абулфазли Миколӣ монанди шеъри дигар ҳамзамонону ҳамқаламони хуросонияш аз лиҳози ҳаҷму теъдоди абёт ба шеъри Араб, ки ҳаҷман бузург аст, баробар шуда наметавонад. Сабабҳои кутоҳиву мухтасарии ашъори Абулфазли Миколӣ дар он будааст, ки шоирӣ барои ӯ мисли Саолибӣ пеша набудааст. Яъне вай аз рӯйи завқу шавқи адабӣ, ки доштааст, фурсатҳои фориғ аз сиёсату раёсат ба гуфтани шеър пардохта ва асарҳои мансур офаридааст. Аммо ин нукта маънои онро надорад, ки шеъру

навиштаҳои насрии ӯ баробари таълифоти адабии ҳамзамононаш нест, ё вижагиҳои сабкӣ, ки хоси худаш бошад, дар онҳо мушоҳида намешавад. Шояд гунаҳои ашъори дарози шоир ҳам будааст, ки бо гузашти замон онҳо ба шакли қитъа ва дар сурати кутоҳ то мо расидаанд, ки албатти дар ин ҷода таҳқиқот бояд идома дода шавад.

Бояд таъкид кард, ки маҳз ҳамин ҳаҷман кутоҳ будан дар шеър зарурати эҷози каломи шоирро талаб мекунад. Эҷоз дар навбати худ аз шоир қудрати сухансозӣ иқтизо хоҳад кард. Чунки яке аз талаботи сухани мӯҷаз холӣ аз ҳашв будан аст. Ҳашв дар шеър сабаби итноби сухан мегардад ва итноби сухан сабаби паст рафтани арзиши шеъру ҳунари шоир мешавад. Ҷалол Ҳумоӣ дар ин бора чунин гуфтааст: «Эҷоз он аст, ки гӯянда ва нависанда он чиро ки дар замири ӯсту қасди тафҳими онро дорад, дар ибороте кутоҳу алфози андак бо риояти фасоҳату балоғат чунон бипарваронад, ки тамоми мақсуди ӯро бифаҳмонад, бе он ки мӯҷиби ихлолу ибҳому таъқиди маънию мурод шуда бошад» [132, 252]. Агар мо ба ашъори Абулфазли Миколӣ диққат диҳем, хоҳем мушоҳида кард, ки дар ҳақиқат эҷоз дар он мавқеи устувордорад**:**

لئنْ قعدَ الزمانُ بكلِ حُرّ ٍ          وخصَّ أولى الجهالة باليسارِ

فآحادُ الحسابِ على يمينٍ          وآلافُ الحسابِ على يسارِ   [40,26]

(Яъне:Агар замона ба ҳар озодае эътино накунад,

Ва ба асҳоби ҷаҳолат осонӣ бахшад,

Пас, ҳисобҳои андак дар тарафи рост бошанду

Ҳазорҳо ҳисоб дар самти чап).

Дар шеъри мазкур эҷоз ба дараҷаи даркор ба назар мерасад ва аз  ҳадди лозим зиёд нест. Зеро агар эҷоз аз андозаи худ берун равад, эҷози мухалл, яъне эҷозе мешавад, ки халал дар мазмуну баён ворид месозад. Аз таҳлили шеъри дар боло овардашуда, бо ба назар гирифтани адами ҳашв дар миёни садру арӯзи он ва халал дар мазмуну баён роҳ наёфтан, метавон ба натиҷа расид, ки зарурати эҷоз шоирро дар сабки баён устоду моҳир кардааст.

Нуфузи сабки шеъри форсӣ дар шеъри шоирони хуросонӣ. Бо вуҷуди ин ҳама нуфузу таъсири адаби арабӣ, мо дар шеъри шоирони арабизабони хуросонӣ, аз ҷумла Абулфазли Миколӣ бо сурудаҳое вомехӯрем, ки хусусияти шеъри форсӣ доранд. Масалан, ғазали зерини ӯ аз лиҳози тарзи баён ба ғазали форсӣ хеле монанд аст:

ومُهَفْهَفٍ تَهْفُو بلُبّم          المَرءِ منه شَمَائلُ

فالرِدفُ دِعصٌ هَائِلٌ          والقَدُّ غصنٌ مائلُ

والخدُّ نورُ شقَائقٍ          تنشقُّ عنه خَمَائلُ

والعَرفُ زهوُ حَدائقٍ          نمَّت بهنَّ شَمَائلُ

والطَّرفُ سيفٌ مالَه          إلاّ العِذارُ حَمائلُ          [40,35]

(Яъне: Борикмиёни хушандоме, ки

Сифоту ахлоқи барҷастаи ӯ ақли одамиро мерабояд.

Суринаш чун пуштае анбӯҳу мутароким

Ва қоматаш чун шохае мутаносибу баандоза.

Бӯйи хуши вай чун атри гули марғзору боғистонҳост,

Ки сириштu табъи некӯи вай онҳоро ба машом мерасонад.

Нигоҳу чашмонаш чун шамшерест,

Ки мӯҳои баногӯшаш ғилофи он шамшер аст).

Бояд гуфт, ки сурудаи мазкур рӯҳи ғазалҳои форсиро дар худ ғунҷоиш додааст. Зеро дар он тасвири чеҳраи маъшуқа аз ҳадди баёни пардапӯшонаи шеъри арабӣ берун рафтааст. Ба ҷумлаи дигар, зикру тасвири маҳрамонаи маъшуқа дар шеъри арабӣ ончунон ки дар шеъри форсӣ ошкору бепарда аст, ба мушоҳида намерасад. Аммо дар шеъри шоирони эрониасли арабизабон ин сабки баён ҷойи шигифт нест. Ҳамчунин хотирнишон бояд кард, ки ҳаҷман кутоҳу хурд шудани аксар анвои шеърӣ, аз ҷумла ғазал дар шеъри шоирони эрониасли арабизабони хуросонӣ низ аз таъсири рӯҳи шеъри форсӣ дарак медиҳад.

Аз заминаҳои тасвирофаринӣ ё муҳокот таъсирпазирии сабк. Шеърҳои Абулфазли Миколӣ дар қиёс бо аксар шеърҳои мадҳии Саолибӣ,

Бадеъуззамони Ҳамадонӣ холӣ аз отифаҳои содиқона ва ҳақиқати ҳоли гӯянда нест. Зеро вай воқеаю саргузаштҳои зиндагии худ ва одамони атрофашро бо эҳсоси амиқи шоирона баён кардааст. Ин аст, ки дар сурудаҳои шоир изҳори шодиву андуҳи ношӣ аз хуррамиву нишот ва ғаму мусибати инсон ва ҷомеа бештар зинда ва табиӣ тасвир шуда, холӣ аз такаллуфу забонбозӣ аст. Дар се байти поён, ки порае аз ғазал аст, шоир як шаби васлу ишқбозӣ бо маъшуқаро хеле воқеӣ ба қалам дода, зимнан ғанимат будани фурсатҳои бебозгашти ҷавонӣ ва дар камин қарор доштани фасли пириро низ таъкид мекунад:

وليلٍ كابهام القطاةِ مُعلّقٍ　　　بنورِ صباحٍ ظلَّ فيه بمرقَبِ

أقمنا على أوطارِ لهوٍ معجّلٍ　　　به وتواعدنا بليلٍ مُعَقَّبِ

على حين لا عهدُ الشبابِ بمحلقٍ　　　لديّ ولا زندُ المشيبِ بمثقبِ [40,11]

(Яъне: Шабе мисли паррандае муаллақ,

Умедвор ба равшании субҳ нигарон будам.

Он шабро андармон ба шодиву бозӣ

Бо ваъдаи шаби дигар саҳар кардем.

Дар ҳоле ки аҳди ҷавонӣ дигар намеояду

Оташи мӯйсафедӣ хомӯш намегардад).

Дар робита бо мазмуни порчаи шеърӣ метавон заминаҳои тасвирофаринӣ, ташбеҳсозиву киноябозии шоирро ба таври зайл муайян кард. Дар байти аввал шоири ошиқ, ки бо чашми чор аз ҷой наҷунбида дар гӯшае аз ваъдагоҳ шабона мунтазири маъшуқа аст, худашро ба паррандаи муаллақ дар ҳаво, ки чизеро наззора мекунад, монанд кардааст. Маъшуқа, ки бо ҳузури офтобияш чашми шоири ошиқи нигаронро равшан месозад, ба сапедаи саҳар ташбеҳ шуданаш хеле воқеӣ аст, на ғайритабиӣ. Дар байти дуюм саҳнаи ишқбозии ошиқу маъшуқа ва фурсати ҳамнишинӣ, ки ба назари шоир бо вуҷуди он ҳама лаззатбору фараҳбахш будан зудгузар аст, бо сабки саҳли мумтанеъ хеле пардапӯшона ба қалам омадааст. Ин ҷо як нуктаи ниҳоят аҷибу латиф дар он ба назар мерасад, ки ба назди хонанда чунин савол мегузорад: Чаро шоир якбора аз тасвири як шаби зудгузари ишқбозӣ

ба баёни вижагии як фасли умри одам–фасли шабоб мепардозад? Барои он ки ӯ байни як шаби зудгузари ишқ ва аҳди ҷавонӣ, ки он ҳам хеле дернапоянда аст, як навъ рабту монандие мебинад, ки бар асоси он риштаи фикру баёни худро гираҳ мезанад. Яъне ӯ аз ҷузв–»шаби гузарони ошиқон» ба кул–»ҷавонии шитобон» гузар мекунад ва ҳамин тариқ аҳди ҷавониро равандаву ҳаракаткунанда сохта, ба одам ташхис дода, дигар наомадан, дубора барнагаштани онро дар мисраи аввали байти сеюм таъкид мекунад. Ба ҳамин монанд, дар шеъри поён шоир як манзараи воқеии ҳаёти инсонро заминаи тасвир қарор дода, шеъри таъсирбахше офаридааст:

ومهفهفٍ غَرسَ الجمالُ　　بخدّهِ رَوضاً مَريعا

فَصدَ الطبيبُ ذِراعَه　　فجرى له دَمعِي ذَريعا

وأمسّني وقعُ الحديدِم　　بعرقِه ألماً وَجيعا

فأريته من عَبْرتِي　　ما سالَ من دَمِه نَجيعا [40,27]

(Яъне: Нозукбадане, ки гӯё дар чеҳраи ӯ

Ҷамол аз ҳусн гулшане афрошта.

Табиб барои муолаҷа хунашро бароварду

Дилам аз он ба реш омаду ашконам равон шуданд.

Аз он чунон дард кашидам, ки гӯё

Маро аз он бо оҳане зада бошанд.

Барояш оби дидагонашро нишон додам, ки

Он чунонки хун рехта шуда буд).

Чи тавре мушоҳида шуд, заминаҳои тасвиру баёни шоир дар шеърҳои мазкур бар пояи ҳодисаҳои воқеӣ қарор гирифтааст. Аз ин рӯ, ҳамин ҳақиқатмадорӣ сабаб шудааст, ки шеъри Абулфазли Миколӣ воқеӣ ва табиӣ шакл гиранд. Шоир на фақат дар ғазалҳояш, балки дар марсияҳо низ бар пояи ҳақиқати воқеӣ эҳсосоти даруни худро бо шеър берун карда, муносибати равонии худро бо ҳодисаи даргузашти қаҳрамони асосии сӯгномааш ниҳоят самимӣ нишон медиҳад:

يا بؤس للدَّهرِ أيّ خَطبٍ          وَهابه الدّهرُ في ابن حامدْ

قد استوى الناسُ إذ تولى          فما ترى مَوقفاً لحامِدْ

يبكي على فَقدِه ثَلاثٌ          العِلمُ والزهدُ والمَحامدْ    [40,14]

(Яъне: Эй вой, ин қадар мусибати вазнин, ки
Замона бо гузаштани Ибни Ҳомид мебинад.
Баъди рафтани ӯ ҳама мардум баробаранду
Касеро намебинӣ, ки ин корро хуб шуморад.
Ба рафтани ӯ се чиз дар гиряанд:
Илму зуҳд ва ситуданиҳо).

Ҳаҷв дар шеъри ин давра мақоми хос дошта, аз вижагиҳои сабки эҷодии шоирони хуросонӣ ба шумор мерафтааст. Ба ин монанд ҳаҷви Абулфазли Миколӣ низ назири дигар анвои шеъриаш аз ҳақиқати воқеӣ орӣ нест. Вай дар ҳаҷвияи зерин мумсикӣ ва хасосати нафареро чунин баён мекунад:

يريدُ يُوسِّعُ في بَيتِه          ويأبى له الضّيقُ في صَدرِه

فتى سَخِطَ النّصبَ في قِدْرِه          كما رَضيَ الخَفضَ في قَدرِه

يخدّرُ أوصالَ أضيافِه          ولا يُبرزِ الخُبزَ من خِدرِه    [40,24]

(Яъне: Мехоҳад, ки хонаашро васеъ кунад,
Вале тангии дилаш имкон намедиҳад.
Ӯдар хашм шуд, ки дегашро ба оташ гузорад,
Он чунон розӣ шуд, ки қадраш паст шавад.
Атову бахшиши меҳмонашро пинҳон намояду
Нонашро аз паноҳгоҳаш берун накунад).

Барои ҳама равшан аст, ки бахиливу хасисӣ хислатҳои инсонҳои пастфитрату ҳайвонтабиати дур аз маънавияту фарҳанги баланди башардӯстӣ мебошад. Шоир дар офаридани чеҳраи ахлоқии одами бахилу мумсик заминаҳои воқеии тасвирофариниро ба кор гирифтааст. Чунончи мушоҳида мешавад, сифату хислатҳое, ки ӯ ба қаҳрамони манфии шеъраш додааст, ҳама ба воқеият рост меояд. Санъатҳои муболиға, иғроқ, ғулув, ки сабаби аз ҳадди воқеӣ берун рафтани шеър ва мазмуни он мегардад, дар

шеъри мазкур умуман ба мушоҳида намерасад. Зеро дар ҷомеаи ҳамаи даврони таърихӣ ҳастанд инсонҳое, ки мехоҳанд хонаи васеъ дошта бошанд, аммо дилашон намешавад, ки молу сарвати андӯхтаашонро барои иморат сарф кунанд. Ба ҳамин монанд, чунин одамон ҳатто аз омадани меҳмон изҳори нохушнудӣ мекунанд. Чизҳои ҳамчун ҳадя ба хонаашон овардаи меҳмонро низ аз хасосат ба рӯйи хон бароварда намегузоранд, то берун овардани чизҳои пинҳонии фақат худашон мехӯрда барояшон лозим наояд. Яъне ин ҳама ҳақиқати воқеӣ аст, ки шоир онро бо истифода аз ҳунар ва сабки вижаи баён ба ҳақиқати бадеӣ – шеър табдил додааст.

Чистонгунагии шеър ва сабки баён. Ба луғзу чистон монанд будан яке аз вижагиҳои аксар шеърҳои шоирони арабизабони эрониасли хуросонӣ мебошад, ки ҷанбае аз хусусиятҳои сабки таълифи ӯро ба ҷилва меорад. Дар ин навъи шеър шоир кӯшиш мекунад, ки хеле устодона матолиби дилхоҳро баён созад ва ҳамчунин бар тақозои табиати шеърӣ андаке забони баёнашро тағйир диҳад. Касрати санъати тавсиф ва тансиқот-ус-сифот аз хусусиятҳои барҷастаи ин навъи шеър мебошад. Масалан, дар порчаи шеърии зерин мо баръало хосияти луғзгунагиро мушоҳида мекунем:

لنا صديقٌ يُجيدُ لَقْماً          راحتُه في أذى قفاه

ما ذاقَ من كسبِه ولكنْ          أذى قفاه أذاقَ فاه [40,49]

(Яъне: Моро вафодоре ҳаст, ки хӯрданро хуш дорад,

Роҳаташ дар он аст, мехӯрад.

Он чӣ хӯрад аз меҳнати худаш асту вале

Даҳонаш хӯраду қафояш хаста шавад).

Тааммул бар сари шеъри мазкур хонандаро ба ҷустуҷӯ вомедорад. Хонанда барои муайян кардани қаҳрамони шеър пеши худ якбора чандин савол мегузорад ва ниҳоят ба натиҷае мерасад, ки он асп аст. Чунки ин асп аст, ки ҳамеша ба хотири чун соири тоқсумҳо кафша накардан тез-тез алаф хӯрда меистад. Аз ин рӯ, хӯрданро дӯст медорад. Асп ҳаққи хидмате, ки ба соҳибаш мекунад, алафу ҷав мехӯрад, яъне аз ҳисоби худ мечарад. Аммо таъбири «даҳонаш хӯрдану қафояш хаста шудан» бар асоси мақоли халқии

«Агар маъқадаш хаста нашавад, асп метавонад дар як шаб алафи як чарогоҳро хӯрда тамом кунад» сохта шудааст.

Ашрофияти шеър ва таъсири он дар сабки иншо. Шеър назди Абулфазл Миколӣ аввалан василае барои ҳифзи обрӯву нуфузи фарҳанги хонаводагии Оли Микол буд, сониян воситае барои ҳунарнамоӣ, изҳори қудрат ва тавоноӣ ҳисобида мешуд. Зеро ӯ бо ҳадафи ба даст овардани силаи ҳокимону амирон ба гуфтани шеър намепардохт. Ин аст, ки дар шеъри ӯ ашрофияти хонаводагии марбут ба Оли Микол эҳсос мешавад. Шоир дар шеърҳояш аз ному насаб, асилзода будани худ бо фахр сухан мегӯяд. Худро аз авлоди инсонҳои бокараму саховат муаррифӣ мекунад. Ӯ дороии маънавию моддии худро ҳеч гоҳ раҳни айёшиву ишқбозиҳои беҳадаф намекардааст. Дар шеърҳои ӯ ин нукта ба таври барҷаста мушоҳида мешаванд. Масалан, дар порчаи шеърии зерин маъшуқа аз шоир дар боби насаб, молу мулк ва имкониятҳои моддӣ пурсон мешавад ва шоир, бидуни он ки маъшуқаро бо ин дороиву мукнат фирефта гардонад, ҷавоби росту воқеӣ ва хеле пур аз ифтихори ҷавонмардона медиҳад:

وسائلةٍ تسائلُ عن فَعَالي          وعما حَازَ في الدنيا جَمَالي

فقلتُ إلى المعالي حَنَّ قلبي          وفي سُبُلِ المكارِمِ لجَّ مالي

وللعلياءِ نَهْجٌ مُستقيمٌ          فمالي تارِكاً ذا النَّهج مالي

إذا أسرجتُ في فَخْرٍ سَمَا لي          فَعَالي والنِّجار فالجمالي [40,39]

(Яъне: Нозанине маро аз афъолам мепурсад,
Ва аз он чӣ дар дунё ҷамолам ёфтааст.
Гуфтам: Дилам сӯйи боло кашол аст,
Молам дар роҳи макорим харҷ аст.
Боло рафтан роҳи мустақиме дорад,
Чаро аз ин роҳи рост даст кашам.
Чун дар ин роҳ бо фахр истифода кардам,
Афъоламро, аслу насабамро, пас боло рафтам).

Ашрофият дар шеъри Абулфазли Миколӣ танҳо дар тангнои як сулолаи фарҳангдӯст маҳдуд намешавад, зеро шохаи ин ашрофият аз танаи дарахти ҳазрати Одам, ки ба унвони як офаридаи бартари Парвардигор эътироф шудааст, нашъат мегирад.

Зуҳури аломату хусусиятҳои насри фаннӣ дар шеър. Яке аз вижагиҳои сабки нависандагони замони зиндагии Абулфазли Миколӣ дар насри фаннӣ барои дилнишин шудани осорашон истифодаи санъатҳои ҷиносу тибоқ мебошад. Албатта, дар ҳоли дастрас шудани намунае аз асарҳои мансури Абулфазли Миколӣ тасдиқи воқеии ин гуфта бори дигар ба субут мерасонд, ки вай дар қатори дигар ҳамқаламонаш нависандаи насри фаннӣ аст. Чун намунаи насри фаннии ӯро дар ихтиёр надорем, гуфтаи Муҳаммадбоқир Ҳусайниро барои тасдиқи фикр хоҳем овард: «Бо нигоҳе ба осори мансури нависандагони ин аср дар Нишопур чун Бадеъуззамони Ҳамадонӣ – мубтакири фанни мақомот, Абӯбакри Хоразмӣ, Саолибӣ, Миколӣ, Утбӣ ва Абулҳасани Бохарзӣ дармеёбем, ки насри ин давра беш аз шеър ба камолу тараққӣ наздик гашт. Халлоқияту ҳунаре, ки онон дар осори худ барҷой ниҳоданд, аз ҳайси балоғат дар адаби арабӣ нодир, балки беҳамтост ва шеър ҳаргиз натавонист дар ин вилоят бад-ин пояи рушду таволӣ бирасад» [115, 72]. Дар сухани муҳаққиқи мазкур дар радифи машҳуртарин адибони ҳамзамон зикр шудани номи Миколӣ далели тасаллуташ бар насри фаннӣ ва корбурди ҳунармандонаи саноеи таҷнису мутобиқа мебошад, ки як аз вижагиҳои сабкии осори адибони садаҳои IX ва X мебошад. Корбурди санъати таҷнис на фақат вижагии насри фаннӣ ба ҳисоб мерафтааст, балки дар шеър низ шоирон моҳирона аз он истифода мекардаанд. Ин гуфтаро порчаи шеърии зерини Абулфазл Миколӣ ба таври равшану намоён собит мекунад:

ويحَ جسمي من غَزَالٍ مُقلتَاه ...شَفَتاه

وهو إنْ جادَ بلثمٍ شَفَتاه شَفَتاه [40,49]

(Яъне: Войи ман аз нозанине,

Аз нигоҳаш, аз лабонаш.

Агар ӯ бар ман ҷуд намояд,
Лабонаш маро дармон бошад).

Дар мисраъҳои охирини шеъри боло калимаҳои «شَفَتاه» ва «شَفَتاه»-ро шоир бо истифода аз санъати иштиқоқ ва таҷнис паси ҳам оварда, ҳусни каломашро таъмин кардааст. Яъне калимаи «شَفَا -шифо»-ро аз рӯи иштиқоқ ба калимаи «شَفَت- лабҳо» таҷнис сохтааст.

Дар маҷмӯъ ба натиҷа расидан мумкин аст, ки сабки баёни Абулфазли Миколӣ дар шеър ҳарчанд зоҳиран ба сабки баёни шоирони эрониасли арабизабони хуросонии ҳамасраш монанд ҳам бошад, бо таъсиру нуфузи падидаҳои дигари шеърӣ вижагиҳои ба худи шоир хос касб кардааст. Нуфузи рӯҳи форсӣ, таъсири заминаҳои воқеии муҳокотофаринӣ, ашрофияти мавзӯъ омилҳои муассир ба сабки баён дар шеъри Абулфазли Миколӣ ба шумор рафта, сабки шоирро як навъ сабки хос ба ҷилва меоранд.

## ХУЛОСАҲО:
## I. НАТИҶАҲОИ АСОСИИ ИЛМИИ ДИССЕРТАТСИЯ

1. Дар замони зиндагии Абулфазли Миколӣ Хуросон паси ҳам дар ихтиёри се сулола– Сомониён, Ғазнавиён ва Салҷуқиён қарор дошт. Агар даврони кӯдакиву наврасии вай дар замони Сомониён гузашта бошад, даврони ҷавониву миёнсолиаш дар аҳди Ғазнавиён сипарӣ шуда, охири умраш ба салтанати Салҷуқиён рост омадааст. Нишопур дар ин аҳд ҳамчун маркази ба ҳам омадани қавмҳои гуногун ва маҳалли бархӯрду омезиши фарҳангҳову анъанаҳои халқҳои гуногун шуҳрат дошт. Омили дигари шуҳрати ин шаҳр фаровонӣ ва ҳосилхез будани замин ва табиати он буд, ки зиндагии мардумро аз ҷиҳати иқтисодиву молӣ, ҳатто баъди қаҳтсолӣ, ҳуҷуму ғорати душманон ҳам, муҷаддан эҳё мекард.

Нишопуриён бо вуҷуди ин ҳама диққату гироиш ба дини ислом ба баргузории ҷашнҳои Меҳргону Наврӯз, ки реша дар фарҳанги бостонии эронӣ дорад, таваҷҷуҳи вижа зоҳир мекарданд. Ҷашни Наврӯз, ки маҳз бо ташаббуси тоҷикон дар оғози садаи XXI барои ба ҳам овардани халқҳову миллатҳо ҷаҳонӣ шуд, дар қарни X ва XI ҳам ҳамин омили ваҳдату сарҷамъии мардум ба шумор мерафт.

Вазъи сиёсиву иҷтимоӣ ва иқтисодии маркази Хуросон – Нишопур барои рушду нумӯи адабиёту фарҳанг мусоид буд. Ин шаҳр, ки дар оғӯши худ бисёр адибон ва ҳомиёни адабу фарҳангро парварида буд, шоирону нависандагони зиёдро аз тамоми манотиқи олами ислом ба худ ҷазб мекард **[4-М]** .

2. Дар рушди Нишопур ба унвони як маркази илмиву адабӣ нақши хонадони Миколиён ва хоссатан Ҳасан ибни Муҳаммад Миколии маъруф ба Амир Ҳасанак, Абӯнасри Миколӣ ва писараш Абулфазли Миколӣ, ки раёсати шаҳрро ба уҳда доштанд, хеле бузург буд. Асли Оли Микол ба Деваштич – ҳокими Суғд ва ҳомии он аз ҳуҷуми арабҳо рафта мерасад. Дар сарчашмаҳои илмӣ зикр шудани номи зиёда аз 14 тан Миколиён худ нишони ҳокимияти бардавому пайваста ва сиёсатмадорӣ, фарҳангпарварӣ ва

мардумнавозии онҳо на танҳо дар Нишопур, балки дар дигар шаҳру навоҳии Хуросон ва қаламрави Сомониёну Ғазнавиён аст.

Муҳимтарин фазилати шахсии намояндагони сиёсии ин хонадон пеш аз ҳама донишмандиву фарҳехтагӣ ва адабдӯсту соҳибқалам будани аксари онҳост.Оли Микол дар замони раёсати худ ҳарчанд ба таблиғу ташвиқи забони арабӣ ва тамаддуни исломӣ дар хоки Хуросон бештар таваҷҷуҳ зоҳир карда бошанд ҳам, бе ҳеч шакку шубҳа ҳамчун меросбарон интиқолдиҳандаи фарҳанги бузурги эронӣ аз насл ба насл буданд. Дӯстиву рафоқати намояндагони хонадони Миколиён бо адибону шоирони маъруфи замон, мисли Абӯмансури Саолибӣ, инояту меҳрубониҳои Оли Микол ба Бадеъуззамони Ҳамадонӣ ва Абӯбакри Хоразмӣ, эҷоди осори адабии мондагор аз ҷониби ин адибону шоирон дар Нишопур далели боризи нақши ин хонадони решадори тоҷикӣ дар равнақи шеъру адаб ва гиромидошти аҳли сухан ба шумор меояд. **[1-М]**

3. Ба шарофати адабпарвариву илмдӯстии хонадони Миколиён дар Нишопур маркази адабу илми арабизабон ташаккул ёфт, ки садҳо адибону шоиронро дар аҳди Сомониёну Ғазнавиёну Салҷуқиён ба ҳам оварда буд. Абӯмансури Саолибӣ дар «Ятимат-уд-даҳр»-и хеш савонеҳи рӯзгор ва намунаҳои осори манзум ва мансури беш аз 40 нафар шоир ва адиби арабизабонро, ки зода ва парвардаи муҳити адабии ин шаҳри фарҳангӣ буданд, зикр кардааст.

Суханварон ва донишмандони зиёде аз шаҳрҳои дигари Хуросон ва ҳатто аз билоди Араб бо огоҳӣ аз адабпарвариву маърифатдӯстии Оли Микол рӯ ба Нишопур оварда, дар ин конуни маъруфи адабу фарҳанги Хуросон иқомат гузиданд ва ба равнақи бозори назму насри арабизабон дар ин шаҳр мусоидат карданд. Ҳамин тариқ, аз лиҳози таҷаммуи шоирону адибон доираи адабии Нишопури даврони Оли Микол бо доираи адабии Бувайҳиён бо сарпарастии Соҳиб ибни Аббод ва доираи адабии Бухорои замони Сомониён ҳамовардиву рақобат мекард.

4. Дар доираи адабии арабизабони Нишопур мадҳ аз маъмултарин ва роиҷтарин анвои шеърӣ маҳсуб мешуд. Ин падида дар Нишопури он даврон, ки шуҳрати Оли Микол дар ҳимоят аз шеъру адаб ва парастории шоирону адибон суханваронро ба ин шаҳр ҷазб мекард, амре табиӣ ба шумор меояд, зеро ағлаби кулли ин суханварон дар осори манзуму мансури худ эҳсону икроми Миколиён, амирону вазирони Сомониёну Ғазнавиён ва дигар ҳомиёни шеъру адаби замонро ситоиш мекарданд. Ба ин маънӣ, каломи бадеъ дар Нишопури он даврон, мисли ҳар як маркази сиёсиву фарҳангии дигар, ба василаи касби маъош ва таъмини рифоҳи иҷтимоии аҳли адаб табдил шуда, бозори мадҳу ситоишро гарм нигоҳ медошт. Анвои дигари маъмули шеъри арабизабон дар доираи адабии Нишопур ҳаҷв, рисо, васф, зуҳдиёт ва ғазал буданд, ки миёни шуаро ривоҷи тамом доштанд.

Адабиёти арабизабоне, ки дар Нишопур бо ташҷеъ ва тақвияти Оли Микол ба вуҷуд омад, адабиёти тамомиёре буд, ки дар он аз як тараф анъанаву суннатҳои адабиёти арабизабони садаҳои пешин идома пайдо карда буданд, аз тарафи дигар ин адабиёт, бо ташаккули худ дар муҳити форсизабони Хуросон ва ҳамрӯияш бо адабиёти форсу тоҷик, инъикосгари мавзӯву матолиб ва суннатҳои адабии халқҳои Хуросону Мовароуннаҳр маҳсуб мешавад.

5. Аз чеҳраҳои барҷастаи хонадони Оли Микол ва намояндагони маъруфи доираи адабии Нишопур Абулфазл Убайдуллоҳ ибни Аҳмади Миколист, ки дурахшиши чеҳраи тобноки ӯ ҳамчун адиби сиёсатмадор ё амири шоир далел аз идомату нашъати фарҳанги бостонии эронӣ дар қолаби забони арабӣ ва маданияти исломӣ дар сарзамини Хуросон мебошад. Абулфазл дар ҳудуди солҳои 950-955 дар шаҳри Нишопур зода шуда, соли 1045 тақрибан дар синни 90-95-солагӣ дар зодгоҳаш даргузаштааст. Абулфазли Миколӣ бо далели суғдӣ будани аслу насабаш мояи ифтихори мо - тоҷикон ва ҳамаи форсизабонон мебошад.

Шахсияти сиёсӣ ва адабии Абулфазли Миколӣ ва ифтихор аз асл кардани ӯ собит мекунад, ки гузаштагони пуровозаи мо баробари хизмат ба

фарҳангу забон ва адабиёти арабӣ дар хилоли осори мондагорашон аз эрониасл будани худ дарак медодаанд.

6. Абулфазли Миколӣ, ҳарчанд ҳамчун шоиру нависандаи мумтози аҳди худ аз тарафи аҳли қаламии замонаш эътироф шуда бошад ҳам, пешаи асосии ӯ бино бар иқтизои муҳити хонаводагӣ сиёсату давлатдорӣ будааст. Бо вуҷуди ин, ӯ фурсатҳои холиашро бо истифода аз истеъдоди фитрӣ ва дониши иктисобӣ ба иншои шеър, таълифу ташреҳи ашъору осори гузаштагон сарф карда, асарҳои зиёде таълиф карда будааст. Баҳси шумораи аниқи асарҳои таълифнамудаи ӯ, ки дар сарчашмаҳо аз онҳо зикр рафтааст, баҳси доманадор мебошад. Таҳқиқот дар ин самт нишон дод, ки аз 11 асари ба номи Абулфазли Миколӣ дар сарчашмаҳо ба қайд омада то имрӯз панҷтоаш (1.«Махзун-ул-балоға»; 2.»ал-Махзун ва-д-дурр ал-манзум ва-л-лафз ал-маъдум»; 3.«Китоб-ул-Мунтахал»; 4.»ал-Амсол»; 5.»Девон уш-шеър»), пайдо шуда, аз ин панҷ асар сетоаш (1.«Китоб-ул-Мунтахал»; 2.»ал-Амсол»; 3.»Девон уш-шеър») ба чоп расидаанд. Аз шаш асари дигари Абулфазли Миколӣ (1.«Фазоилу-л-мулук»; 2.«Шарҳу ҳамосат Абитаммом»; 3.«Шарҳ дивон ал-Мутанаббӣ»; 4.«Милаҳ-ул-хавотир ва минаҳ ул-ҷавоҳир»; 5. «Нузҳат ул-лавоҳиз мин калом ал-Ҷоҳиз»; 6. «Девон ур-расоил») нишоне то кунун ба даст нарасидааст. Аз осори то мо расидаи шоир маълум мешавад, ки ӯ дар ҳақиқат дорои қареҳаи зотии нависандагӣ ва шоирӣ будааст. Ба шарҳ рӯ овардан ва таълифи осоре ба номҳои «Шарҳ ҳамосат Абитаммом» ва «Шарҳ дивон ал-Мутанаббӣ» далели қотеъи бар улуми адабӣ тасаллути комил доштани Абулфазли Миколӣ аст **[3-М].**

7. Тааммулу тааммуқ дар «Девони ашъор»-и Абулфазли Миколӣ ба субут мерасонад, ки ғазал яке аз анвои муҳими шеърӣ ва ишқ яке аз мавзӯоти меҳварии ашъори бозмондаи Абулфазли Миколӣ ба шумор меравад. Дастабандии сохтории ғазалҳои Абулфазли Миколӣ худ далели фаровонии ин навъи шеърӣ дар миёни ашъори бозмондаи ӯ мебошад. Дар бештари ғазалҳо маъшуқа ба оҳу ташбеҳ дода шудааст. Аз ин рӯ, гурӯҳе аз ишқияҳои шоирро чунин ғазалҳо ташкил медиҳанд. Ғазалҳои дар қолаби номаҳои ошиқона навиштаи шоир низ шомили гурӯҳи алоҳида буда, аз дигар ишқияҳо

бо хусусиятҳои мазмунӣ ва сохторӣ фарқ карда меистанд. Дар ғазалҳои ҳаҷман хурд ва калон, ки шоир матолибро дар шакли яклухт пешкаши хонанда кардааст, баъзе хусусиятҳои ғазалҳои форсӣ мушоҳида мешавад **[3-М].**

8. Абулфазли Миколӣ дар анвои гуногуни шеърӣ ба монанди ҳикмат ва андарз, васф, ихвониёт, марсия, ҳаҷв ва хамриёт ба баёни мавзӯоти рангорангу гуногун пардохтааст. Таваҷҷуҳу тасаллути шоир бар ҳама гуна анвои шеърии мутадовили замони худ шаҳодат аз он медиҳад, ки ӯ дар воқеъ аз пешгомтарин шоирони ҳавзаи адабии Хуросон ба шумор меомада ва ҳар тавсифе, ки дар бораи вай Саолибӣ ва дигарон гуфтаанд, барҳақ пазируфтаниву инкорнакарданӣ аст. Дар маркази мавзӯот ва диққати шеъри шоир ҳамеша инсон қарор дошта, инсон бо авсофу хасоили гуногуни шахсии худ, аз қабили ҷамолу ҳусни сурат дар симои маъшуқа, бухлу имсок дар тасвири чеҳраи разилу паст, донишмандиву родмардӣ, саховатпешагиву карам дар қиёфаи дӯсти вафодору андешаварз ба мушоҳида мерасад. Шоир дар ашъори ҳикамияш инсонро дар баробари ҳукми тақдир оҷизу таслимшуда ба тасвир дода, аз бадмеҳрии замон, ки баробари мафҳумҳои вақт, умр қисмати азалиро низ ифода мекунад, забони шикоят мекушояд. Тасвири табиат дар ашъори шоир холӣ аз муболиғаву суханпардозиҳои мавҳум аст. Вай боғу бӯстон ва гулҳоро хеле табиӣ ва бо маъонии рамзияшон ба тасвир гирифта, ҳодисаҳои табиат, гармии ҳавои тобистон, хоса омадани селро ба таври ҷузъӣ бо маҳорати тамом ба қалам додааст.

9. Тадқиқу таҳқиқи ҷойгоҳ ва шеваҳои корбурди санъатҳои бадеӣ дар ашъори бозмондаи Абулфазли Миколӣ, ба монанди ташбеҳ ва анвои он, тансиқ-ус-сифот, киноя, истиора, таҷоҳули ориф, тааҷҷуб, иқтибос, такрор, нидо, таҷнис бозгӯи ҳунари баланди шоирии вай мебошад. Ҳамчунин қобили таъкид аст, ки шоир дар истифодаи санъатҳои бадеии мазкур ҳадди корбурдро нигоҳ доштааст. Аз ин рӯ, такаллуф дар ашъори ӯ камтар ба мушоҳида мерасад. Корбурди табиии санъатҳои шеърӣ ашъори Абулфазли Миколиро ниҳоят дилчаспу мароқангез карда, ба зеҳни хонанда муассир сохтааст. Тасвирпардозӣ низ дар ҷаззобу ҷолиб баромадани ашъори шоир

нақши калон бозида, далели ба баёни ҷузъии ашё ва манозири табиат таваҷҷуҳу тамоюли хос доштани ӯ ба шумор меравад **[3-М].**

10. Сабки эҷодии Абулфазли Миколӣ дар иншои шеър ба монанди сабки таълифи шоирони арабизабони Хуросонии ҳамасраш аз сабки шоирони араб тафовутҳое дорад. Яке аз хусусиятҳои фарққунандаи сабки таълифи ин адиби арабизабони Хуросон таъсирпазирии вай аз сабки шеъри форсӣ аст, ки ношӣ аз рӯҳияи ғайриарабӣ доштани онҳост ва ҳамин рӯҳияи эронигароӣ ва ё нуфузи афкори адабии форсӣ шабоҳатҳоеро миёни каломи ӯ ва шеъри тоҷикии асри худ ба вуҷуд овардааст **[3-М].**

11. Бо он ки Абулфазли Миколӣ чун дигар суханварони арабизабони Нишопури он даврон сурудаҳои худро дар забони арабӣ иншо намудааст, аммо дар онҳо мавзуоти роиҷ дар назми тоҷикии он аҳд, тафсири суннатҳои куҳани миллӣ, чун оинҳои Наврӯзу Меҳргону Сада, шарҳу тафсири муомилоти ошиқона бар асоси суннатҳои миллии тоҷикиву форсӣ ва падидаҳои дигари хос ба фарҳанг ва тамаддуни Хуросону Мовароуннаҳр нуфуз доранд. Фаъолиятҳои сиёсӣ ва эҷодиёти ӯ баёнгари он ҳастанд, ки ин адиб дар баробари ибтикороти сиёсиву фарҳангӣ ва дар паноҳи хеш қарор додани аҳли сухан, худ бевосита ба таълифи осори манзум ва мансур иштиғол варзида, аз ин роҳ дар равнақи адабиёт дар доираи адабии Нишопур ва, ба таври умум, дар ташаккули адабиёти арабизабони форсу тоҷик нақши густардае доштааст.

## II. ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲО:

Таълифоти Абулфазли Миколӣ баёнгари он ҳастанд, ки ин адиб дар канори ибтикороти сиёсиву фарҳангӣ, дар паноҳи хеш қарор додани аҳли сухан худ бевосита ба таълифи осори манзум ва мансур иштиғол варзида, аз ин роҳ дар ташаккули адабиёти арабизабони форсу тоҷик нақшу мақоми густардае гузоштааст.

Натиҷаҳои таҳқиқи мавзӯъро пеш аз ҳама метавон дар навиштани таърихи адабиёти арабизабони Хуросону Мовароуннаҳр аз оғози пайдоиш дар асри VIII то ибтидои асри XX истифода кард, зеро дар тӯли таърих

шаҳри Нишопур ва намояндагони он дар эҷоди адабиёти арабизабону форсизабон ва рушди илму фарҳанг ҳамвора нақши муҳим доштаанд.

Маводи рисола барои такмил додани мазмуну мундариҷаи дастур ва китобҳои таълимии фанни таърихи адабиёти арабизабони форсу тоҷик дар асрҳои X-XI низ хизмат карда метавонад. Имкон дорад, ки муҳаққиқон, устодони муассисаҳои таҳсилотии оливу миёнаи кишвар маводи таҳлилу тадқиқшудаи рисоларо дар таълифи мақолаҳои илмӣ, тадриси курсҳои махсуси фанни таърихи адабиёти арабизабони форсии тоҷикӣ ба сифати сарчашмаи таҳқиқӣ истифода баранд.

# ФЕҲРИСТИ АДАБИЁТ

## Сарчашмаҳо ба хатти кириллӣ

1. Балъамӣ, Абулфазл. Таърихи Табарӣ (бо муқаддима ва тавзеҳоти М.Умаров ва Ф.Бобоев) / Абулфазли Балъамӣ. Дар ду ҷилд. – Теҳрон: Замон, 1380/2001.

2. Согдийские документы с горы Муг. Юридические документы и письма. (чтение, перевод и комментарии: В.А. Лившица). – Москва: Издательство восточной литературы, 1962. – 222 с.

3. Тарҷумаи Тафсири Табарӣ (таҳия ва таълиқоти Н.Салимов, Н. Зоҳидов, Н. Ғиёсов, А.Ҳасанов, А. Самеев). Дар ду ҷилд. – ҷ.1. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2009. – 883 с.

4. Тарҷумаи Тафсири Табарӣ (таҳия ва таълиқоти Н.Салимов, Н. Зоҳидов, Н. Ғиёсов, А.Ҳасанов, А. Самеев). Дар ду ҷилд. – ҷ.2. –Хуҷанд: Нури маърифат, 2009. – 783 с.

5. Ҷурфодиқонӣ, Абушшараф Носеҳ ибни Зафар. Тарҷумаи таърихи Яминӣ (муқаддима, таҳия, таҳшия, таълиқот, луғот ва феҳристи Н.И.Ғиёсов) / Абушшараф Носеҳ ибни Зафари Ҷурфодиқонӣ. – Хуҷанд: Ношир, 2013. – 420 с.

## II. САРЧАШМАҲО БО ХАТТӢ АРАБӢ

6. ابن الاثير. الكامل في التعريخ. ج ١–١٠./ ابن الاثير.– بيروت: دارالصادر، ١٩٨٧.

(Ибн ал-Асир. ал-Комил фи-т-таърих,-ҷ.1. \ Ибн ал-Асир.- Байрут: Дору-с-содир, 1987)

7. بن شاكر، أحمد بن عبد الرحمن. فوات الوفيات. المحقق إحسان عباس. بيروت: دار صادر 1973
الجزء 1–4.

(Ибну Шокир, Аҳмад ибн Абдирраҳмон. Фавот-ул-вафаёт, ал-Муҳаққиқ Иҳсон Аббос. Байрут: Дору-с-содир, 1973 ал-ҷузу 1.-4/ )

8. ابن قتيبه.أبو محمّد عبد الله بن مسلم. عيون الاخبار. دار الكتب المصرية، ١٩٢٥.

(Ибну Қутайба. Абумуҳаммад Абдуллоҳ ибн Муслим, Уюун-ул-ахбор. Дор-ул-кутуб ал-мисрия, 1925.)

9. ابن خلكان، احمد بن محمد. وفياتَ الأعيان و أنباءِ أبناءِ الزمان. بتصحيح عباس، احسان. بيروت–لبنان، 1959.–ج.1–8.

(Ибну Халликон, Аҳмад ибни Муҳаммад. Вафаёт ал-аъён ва анбои абнои-з-замон. Би-т-тасҳиҳи Эҳсон Аббос. – Бейрут-Лубнон, 1959. –Ҷ.1-8.)

10. إبن النديم، محمد ابن اسحق. كتاب الفهرست. بتصحيح رضا تجدد.تهران:۱۳۳۹/۱۹۷۳.–۴۲۵ ص.

(Ибн ан-Надим, Муҳаммад ибн Исҳоқ. Китоб-ул-феҳрист. Би-т-тасҳеҳи Ризо Таҷаддуд. \ Тиҳрон: 1339\1973.-425С.)

11. اصطخری، ابواسحق ابراهیم. ممالك و مسالك. ترجه محمد ابن اسعد ابن عبدالله تستری. به کوشش ایرج افشار/ ابواسحق ابراهیم اصطخری: تهران، ۱۳۷۳. – ۵۷۹ ص.

(Истахрӣ, Абуисҳоқ Иброҳим. Мамолик ва масолик, тарҷумаи Муҳаммад ибни Асъад ибни Абдуллоҳи Тустарӣ. Ба кўшиши Эраҷ Афшор/Абуисҳоқ Иброҳими Истахрӣ: Теҳрон. 1373.-589С.)

12. آملي، شمس الدين محمد إبن محمود. النفائس الفنون في عرائس العيون/ شمس الدين محمد إبن محمود آملي. – تهران: دار كتب إسلامية, 1381هـ.–3 ج.

(Омулӣ, Шамсуддин Муҳаммад ибн Маҳмуд. ан-Нафоис-ул-фунун фӣ ъароис-ил-ъуюн/Шамсуддин Муҳаммад ибни Муҳаммад ибни Маҳмуд Омулӣ. - Теҳрон: Дору кутубин исломиятин. 2381ҳ.ҷ3.)

13. الباخرزی. دمية القصر و عصرة اهل العصر، ۲ ج. / الباخرزی. [تحقیق و دراسة الدكتور محمد التنوجی]. – بيروت: ۱۹۹۳. – ۱۴۷۲ ص.

(ал-Бохарзӣ. Думят-ул-қаср ва усрату аҳл-ил-аср. ҷ2./ал-Бохарзӣ (таҳқиқу ва диросату ад-Дуктур Муҳаммад ат-Тануҷӣ)-Байрут: 1993-1472 С.)

14. بيهقي، ابوالحسن، تاريخ بيهق، به كوشش قاري سيد كليم اللـه حسيني، حيدرآباد دكن، 1388ق/1968م

(Байҳақӣ, Абулҳасан. Таърихи Байҳақӣ. Ба кушиши Қори Сайид Калимуллоҳи Ҳусайнӣ. Ҳайдаробод. Дакан. 1388қ\1968м )

15. بيهقي، ابوالفضل، تاريخ بيهق ، به كوشش علياكبر فياض، مشهد، 1356ش؛

(Байҳақӣ, Абулфазл. Таърихи Байҳақӣ. Ба кушиши Алиакбари Файёз. Машҳад: 1356 ш.)

16. تجارب الامم فی اخبار ملوك العرب و العجم. تصحیح رضا انزابی نژاد– یحی كلانتری. مشهد، ۱۳۷۳/ ۱۹۹۴. –۴۱۴ص.

(Таҷориб-ул-умам фӣ ахбори мулук-ил-араби ва-л-аҷам. Тасҳиҳу Ризо Анзобинажод- Яҳё Канонтарӣ. Машҳад, 1373\1996.-414 С.)

17. الثعالبی النیسابری. یتیمة الدهر فی محاسن اهل العصر. ج.1–4.شرح و تحقیق الدكتور مفید محمد

قميحة/ الثعالبی النيسابری.– دار الكتب العلمية. 2000

(ас-Саъолибӣ, ан-Найсобурӣ. Ятимат-уд-даҳр фӣ маҳосини аҳл-ил-аср. Ҷ1-4. Шарҳу ва таҳқиқу ад-Дуктур Муфид Муҳаммад Қумайҳа/ ас-Саъолибӣ ан-Найсобурӣ.- Дор-ул-кутуб ал-илмия. 2000.)

18. الثعالبی النيسابری. فقه اللغة و اسرار العربية. تخريج و تحقيق محمد ابراهيم سليم/ الثعالبی النيسابری. مكتبة القرآن 1998. 240 ص.

(ас-Саъолибӣ ан-Найсобурӣ. Фиқҳ-ул-луғати ва асрор-ул-арбияти. Тахриҷу ва таҳқиқу Муҳаммад Иброҳим Салим/ ас-Саъолибӣ ан-Найсобурӣ. Мактабат-ул-қурон 1998.240С.)

19. الثعالبی النيسابری. ثمار القلوب في المضاف و المنسوب. تحقيق محمد ابوالفضل ابراهيم/ الثعالبی النيسابری.– 716 ص. (د.ط)

(ас-Саъолибӣ ан-Найсобурӣ. Симор-ул-қулуб фи-л-музофи ва-л-мансуб. Таҳқиқу Муҳаммад Абулфазл Иброҳим. ас-Саъолибӣ ан-Найсобурӣ.- 716С. (Д.Т))

20. الثعالبی النيسابری. ثمار القلوب في المضاف و المنسوب. تحقيق محمد بك ابوشادی ./ الثعالبی النيسابری. –القاهرة 570 ص. (د.ط)

(ас-Саъолибӣ ан-Найсобурӣ. Симор-ул-қулуб фи-л-музофи ва-л-мансуб. Таҳқиқу Муҳаммадбик Абушодӣ. /ас-Саъолибӣ ан-Найсобурӣ.- ал-Қоҳира 570С. (Д.Т))

21. الثعالبی النيسابری. ثمار القلوب في المضاف و المنسوب. ترجمه رضا انزابی نژاد/ الثعالبی النيسابری.– تهران، انتشارات دانشكاه فردوسي مشهد.1998. – 668 ص.

(ас-Саъолибӣ ан-Найсобурӣ. Симор-ул-қулуб фи-л-музофи ва-л-мансуб. Тарҷумаи Ризо Анзобинажод/ас-Саъолибӣ ан-Найсобурӣ.-Теҳрон: интинороти Донишгоҳи Фирдавсӣ Машҳад.1998.- 668С.)

22. الثعالبی النيسابری. من غاب عنه المطرب. تحقيق عبد الواحد شعلان /الثعالبی النيسابری.– القاهرة 1984. 256 ص.

(ас-Саъолибӣ ан-Найсобурӣ. Ман ғоба анҳу-л-мутриб. Таҳқиқу Абдулвоҳид Шаълон/ ас-Саъолибӣ ан-Найсобурӣ. ал-Қоҳира: 1984.256С.)

23. الثعالبی النيسابری. الاعجاز و الايجاز. حققه محمد ابراهيم سليم /الثعالبی النيسابری. مكتبة القران 1998. 223 ص.

(ас-Саъолибӣ ан-Найсобурӣ. ал-Иъҷозу ва-л-иҷоз. Ҳаққақаҳу Муҳаммад Иброҳим Салим/ (ас-Саъолибӣ ан-Найсобурӣ. Мактабат-ул-қурон. 1998.

223С.)

24. الثعالبى النيسابرى. ديوان. دراسة و تحقيق محمود عبدالله الجادر/الثعالبى النيسابرى. مكتبة النهضة العربية 1998. 160 ص.

(ас-Саъолибӣ ан-Найсобурӣ. Дивон. Диросату ва таҳқиқу Маҳмуд Абдуллоҳ ал-Ҷодир/(ас-Саъолибӣ ан-Найсобурӣ. Мактабат-ун-наҳзати –л-арабияти. 1998.160С.)

25. الثعالبى النيسابرى. لباب الآداب. قدم له و شرحه و وضع فهارسه الدكتور صلاح الدين الهوارى/الثعالبى النيسابرى. المكتبة العصرية. بيروت 2003. 456 ص.

(ас-Саъолибӣ ан-Найсобурӣ. Лубоб-ул-одоб. Қаддама лаҳу ва шарраҳаҳу ва вазаъа фаҳорисаҳу ад-Дуктур Салоҳуддин ал-Ҳаворӣ/(ас-Саъолибӣ ан-Найсобурӣ. ал-Мактабату ал-аарияту. Байрут 2003.456С.)

26. الثعالبى النيسابرى. التمسيل و المحاضرة. قدم له و شرحه عبد الفتاح حمد الحلو/الثعالبى النيسابرى.– بيروت 1961. 256 ص.

(ас-Саъолибӣ ан-Найсобурӣ. ат-Тамсилу ва-л-муҳозарату. Қаддама лаҳу ва шарраҳаҳу Адбулфаттоҳ Ҳамд ал-Ҳалу/ (ас-Саъолибӣ ан-Найсобурӣ.- Байрут. 1961.256С.)

27. الثعالبى النيسابرى. كتاب تتمة اليتيمة الدهر فى محاسن اهل العصر. ج.5. بيروت:دارالكتب العلميه، – 1420/**2000**.

(ас-Саъолибӣ ан-Найсобурӣ. Татиммату Ятимат ад-даҳри фи маҳосин аҳли-л-асри. Ҷ.5.- Байрут: Дор ал-кутуб ал-илмийя, 1420/2000).

28. الثعالبى النيسابرى. لطائف المعارف. ترجمه و نكارش علي اكبر شهابي خراساني/الثعالبى النيسابرى.– مشهد، 1989. – 278 ص.

(ас-Саъолибӣ ан-Найсобурӣ. Латоиф-ул-маъориф. Тарҷума ва нигориши Алиакбар Шаҳобии Хуросонӣ/ (ас-Саъолибӣ ан-Найсобурӣ.- Машҳад 1989.- 278С.)

29. الثعالبى النيسابرى. سحرالبلاغه و سرالراعه. بالتحقيق احمد عبيد/الثعالبى النيسابرى.– دمشق، ١٣٨۶

(ас-Саъолибӣ ан-Найсобурӣ. Сеҳр-ул-балоға ва сирру-р-роъати. Бо таҳқиқи Аҳмад Убайд/(ас-Саъолибӣ ан-Найсобурӣ.- Димишқ, 1386.)

30. المطوعي، عمر بن علي بن محمد. درج الغرر ودرج الدرر. تحقق جليل العطيه. بيرت: عالم الكتاب، 1406.

(ал-Матуъӣ, Умар ибни Алӣ ибни Муҳаммад. Дарҷ-ул-ғурар ва дарҷ-ур-дурар. Таҳқиқу Ҷалил ал-Атия. Байрут: Олам-ул-китоб,- 1406.)

31. حاجی خلیفه. کشف الظنون عن اسامی الکتب و الفنون.-بیروت:دارالفکر، ۱۴۰۶/۱۹۸۶.ج.۱-۶.

(Ҳоҷӣ, Халифа.Кашф-уз-зунун ан асмо-ил-кутуб ва-л-фунун.- Байрут: Дор-ул-фикр, 6, 14\1986.ч.1-6)

32. الجاحظ، عمرو بن بحر. کتاب البیان و التبیین. ج.1- 4/عمرو بن بحر الجاح. دار احیاء العلوم1993.- 1204 ص.

(ал-Ҷоҳиз, Амар ибни Баҳр. Китоб-ул-баён ва-т-табйин. Ҷ1.-4\Амр ибни Бахр ал-Ҷоҳиз. Дору иҳё-ил-улум. 1993.-1204С.)

33. جرفادقاني' ابو الشرف نا صح بن ظفر. ترجمه تاریخ یمیني/ ابوالشرف ناصح بن ظفر جرفادقاني [با اهتمام جعفرشعار]. تهران: ۱۳۷۵هـ.

(Ҷурфодиқонӣ, Абушараф Носиҳ ибни Зуфар. Тарҷумаи таърихи яминӣ/ Абушараф Носиҳ ибни Зуфари Ҷурфодиқонӣ. (бо эҳтимоми Ҷаъфар Шиъор). Теҳрон: 1375ҳ)

34. سمعاني، عبدالکریم بن محمد، الانساب، به کوشش شرف‌الدین احمد، حیدرآباد دکن، 1401ق/1981م

(Самъонӣ, Абдулкарим ибни Муҳаммад, ал-Ансоб, ба кушиши Шарафуддин Аҳмад Ҳайдаробод: Дакан,-1401қ\1981м.)

35. فارسي، عبدالغافر، تاریخ نیشابور، به کوشش محمدکاظم محمودي، قم، 1362ش.

(Форсӣ, Абдулғофир, Таърихи Нишопур, ба кушиши Муҳаммад Козим Маҳмудӣ, Қум: 1362ш.)

36. القیروانی، الحصری. زهر الآداب و ثمر الالباب ج.۱- ۴./ ابراهیم بن علي الحصری القیروانی [مفصل و مضبوط و مشروح بقلم زکی مبارك] بیروت: دارالجیل،۱۹۹۹. - ۱۱۶۸ ص.

(ал-Қайравонӣ, ал-Ҳусрӣ. Заҳр-ул-одоб ва самар-ул-албоб ч1-4.\ Иброҳим ибни Алӣ ал-Ҳусрӣ ал-Қайравонӣ (Муфассалун ва мазбутун ва машруҳун би қалами Закӣ Муборак) Байрут: Дор-ул-ҷил, 1999.-1168С.)

37. قیرواني، ابراهیم بن علي حصري ، زهرالاداب و ثمر الالباب/ ابراهیم بن علي الحصری القیروانی به کوشش زکي مبارک و محمد محیي‌الدین عبدالحمید، قاهره، 1372-1374ق

(Қайравонӣ, Иброҳим ибни Алӣ Ҳусрӣ, Захр-ул-одоб ва самар-ул-албоб/ Иброҳим ибни Алӣ ал-Ҳусрӣ ал-Қайравонӣ. Ба кушиши Закӣ Муборак ва Муҳаммад Муҳйиддин Абдулҳамид, Қоҳира: 1372-1374қ.)

38. کتبي، محمدبن شاکر، فوات الوفیات، به کوشش احسان عباس، بیروت، 1974م.

(Кутубӣ, Муҳаммад ибни Шокир, Фавот-ул-вафаёт. Ба кушиши Эҳсон Аббос, Байрут: 1974м.)

39. میرخواند، محمدبن خاوندشاه، روضه الصفا، تهران، 1339ش.

(Мирхонд,  Муҳаммад ибни Ховандшоҳ, Равзат-ус-сафо, Теҳрон: 1339ш.)

40. میکالی، عبیدالله بن احمد بن علی ابوالفضل. الدیوان/ المیکالی ابوالفضل عبیدالله بن احمد بن علی المیکالیwww.al-hakawati.net/arabic/civilizations/diwanindex4a27.pdf

(Миколӣ, Убайдуллоҳ ибн Аҳмад ибн Алӣ Абулфазл. ад-Дивон \ ал-Миколӣ ал-Абулфазл Убайдуллоҳ ибн Аҳмад ибн Алӣ ал-Миколӣ.- www.al-hakawati.net/arabic/civilizations/diwanindex4a27.pdf

41. نشاپوری، حاکم محمد بن عبدالله. تاریخ نشاپور/محمد بن عبدالله حاکم نشاپوری [تهیه و تصحیح محمد رضا شفیعی کدکنی،محمد بن حسین خلیفهٔ نشاپوری]/–.تهران: آگه، ۱۳۷۵.–۴۱۰ ص.

(Нишопурӣ, Ҳоким Муҳаммад ибн Абдуллоҳ Таърихи Нишопур/ Муҳаммад ибн Абдуллоҳ Ҳоким Нишопурӣ (Таҳия ва тасҳеҳи Муҳаммадризо Шафеии Кадканӣ, Муҳаммад ибни Ҳусайн Халифаи Нишопурӣ) .-Те ҳрон: Ога ҳ, 1375.-410С.)

42. همداني، احمد بن حسين بديع الزمان. رسائل ابى الفضل بديع الزمان الهمذانى. الطبعة الاول./ احمد بن حسين بديع الزمان همداني: طبع فى مطبعة الجوائب بالاستانة العالية، ١٢٩٨

(Ҳамадонӣ, Аҳмад ибн Ҳусайн Бадеъуззамон. Расоилу Абилфазл Бадеъиззамон ал-Ҳамадонӣ. ат-Табъату ал-уло.\ Аҳмад ибн Ҳусайн Бадеъуззамон Ҳамадонӣ: Тубиъа фӣ матбаъати-л-ҷавоиби би-л-устонат-ил-олияти, 1298.)

## III. ОСОРИ ТАҲҚИҚӢ БА ХАТИ КИРИЛЛӢ

43. Абдуллаев И. Поэзия на арабском языке в Средней Азии и Хорасане X-начала XI вв. / И.Абдуллаев. – Ташкент: Фан, 1984. – 294с.

44. Абдуллоев И. Абӯмансур ас-Саъолибий / И.Абуллоев. – Тошкент: Фан, 1972. – 46 б.

45. Абдуллоев С. Фарҳанги Сомониён / С.Абдуллоев. – Москва: 4-й филиал Воениздат, 2001. – 600 с.

46. Абдусаттор А. Таърихи адабиёти араб / А.Абдусаттор. – Душанбе: Деваштич, 2009. – 230 с.

47. Абдусаттор А. Таърихи адабиёти араб / А.Абдусаттор. – Душанбе: Деваштич, 2009. – 230 с.
48. Абдусаттор А. Арабият ва адабиёти аҳди Ғазнавиён / А.Абдусаттор. – Душанбе, 2001. – 220с.
49. Амонов А. Саолабии Нишопурӣ ва «Симор-ул-қулуб фи-л-музоф ва-л-мансуб»-и ӯ: рисола барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ: /Абдусаид Амонов. – Хуҷанд, 2010. – 153 с.
50. Арасту. Поэтика (андар шеъру шоирӣ) (тарҷума ва пешгуфтору тавзеҳи Истад Қозимзода) / Арасту.– Душанбе: Деваштич, 2007. – 170 с.
51. Аристотел, Фаробӣ, Ибни Сино, Ибни Рушд, Насириддини Тусӣ. Фанни шеър (доир ба санъати шеърӣ). – Душанбе: Ирфон, 1985. – 192 с.
52. Аҷамӣ, Муҳаммадалӣ. Тафаккур ва ҳис дар шеър / Муҳаммадалӣ Аҷамӣ. – Душанбе: Адиб, 2008. - 298 с.
53. Баранов Х.К. Арабско-русский словарь / Х.К. Баранов. – Москва: Искра революции, 1958. – 1188 с.
54. Бартольд В.В. Персидская культура и ее влияние на другие страны / В.В.Бартольд //Сочинения: в т. VI. – М.: Наука, 1966. - С. 174-188.
55. Бертельс Е.Э. История персидско-таджикской литературы / Е.Э. Бертельс //Избранные труды – Т. I- - М.: Изд-во восточной литуратуры, 1960. – 556 с.
56. Болдырев А.Н. Отражение древних культурных традиций в классической литературе Ирана / А.Н. Болдырев // История Иранского государства и культуры. К 2500-летию Иранского государства. – М.: Наука, 1971. – С.250-261.
57. Брагинский И.С. Иранское литературное наследие / Брагинский И.С. – М.: Наука, 1984. – 296 с.
58. Гафуров Б.Г. Таджики. Древнейшая, древняя и средневековая история / Б.Г. Гафуров. - М.: Наука, 1972. – 664 с.
59. Ғафуров Б.Ғ. Тоҷикон: Таърихи қадимтарин, қадим ва асри миёна /Б.Ғ.Ғафуров. Иборат аз 2 китоб. Китобҳои 1 ва 2. – Душанбе: Ирфон, 1998. – 740 с.

60. Ғаффорова У. Қиссаҳои «Қуръон» дар «Тарҷумаи «Тафсири Табарӣ» / У.Ғаффорова. – Хуҷанд: Нури Маърифат. 2004. – 400 с.
61. Дадобев Қ. Суннатҳои адабиёти тоисломии форсу тоҷик дар осори Ҷоҳиз: рисола барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ: /Қ.Дадобоев. – Хуҷанд, 2007. – 155 с.
62. Донишнома 2008. Донишномаи Сомониён. Дар ду муҷаллад. Ҷилди якум (А–М). – Хуҷанд: Нури маърифат, 2008. – 545 с.
63. Донишномаи Сомониён. Дар ду муҷаллад. Ҷилди дувум(Н–Я). – Хуҷанд: Нури маърифат, 2009. – 528 с.
64. Зеҳнӣ Т. Санъати сухан / Т.Зеҳнӣ. – Душанбе: Ирфон, 1967. – 302 с.
65. Зеҳнӣ Т. Санъати сухан / Т.Зеҳнӣ. Нашри чорум. – Душанбе: Адиб, 2007. – 400 с.
66. Зохидов Н. Арабоязычный период персидско-таджикской литературы VIII-IX вв / Н.Зохидов. – Душанбе: Дониш, 1993. – 186 с.
67. Зоҳидов Н. Адабиёти арабизабони форсу тоҷик аз истилои араб то аҳди Сомониён / Н.Зоҳидов. – Хуҷанд: Раҳим Ҷалил, 1999. – 142 с.
68. Зоҳидов Н. Насри арабизабони адабиёти форсу тоҷик дар асрҳои VIII-IX. / Н.Зоҳидов. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2004. – 402 с.
69. Зоҳидов Н. Адабиёти форсу тоҷик дар асрҳои VIII-IX (давраи арабизабонӣ) / Н.Зоҳидов. – Душанбе: Бухоро, 2014. – 444 с.
70. История персидской и таджикской литературы (под редакцией Яна Рипки. Перевод с чешского. Редактор и автор предисловия И.С.Брагинский). - М.:Прогресс,1970. – 440с.
71. Крачковский И.Ю. Над арабскими рукописями. Листки воспоминаний о книгах и людях/ И.Ю.Крачковский. – М.: Правда, 1948. - 80 с.
72. Крачковский И.Ю. Общие соображения о плане истории арабской литературы/ И.Ю.Крачковский // Избранные сочинения. – Т.II. - М.: Изд-во АН СССР, 1956. – С.563-574.
73. Литературный энциклопедический словарь (под общей редакцией В.М. Кожевникова, П.А. Николаева). – М.: Сов. энциклопедия, 1987. – 752с.

74. Мардонов Т.Н. Арабско-таджикское двуязычие в поэзии IX-X вв / Т.Н. Мардонов. – Душанбе: Маориф, 1993. – 166с.
75. Мардонов Т.Н. Возникновение и развитие традиции двуязычия в персидско-таджикской поэзии IX-X вв.: автореф. дис... канд. филол. наук. / Т.Н. Мардонов. – Душанбе. 1986. – 22с.
76. Мец, Адам. Мусульманский Ренессанс / Адам Мец. Изд. 2-е. – М.: Наука, 1973. – 473с.
77. Мирзозода Х. Таърихи адабиёти тоҷик (аз давраҳои қадим то асри XIII) / Х. Мирзозода. / Китоби 1 (I). – Душанбе: Маориф, 1987. – 488с.
78. Мусулмониён, Раҳим. Назарияи адабиёт / Раҳим Мусулмониён. – Душанбе: Маориф, 1990. – 334 с.
79. Османов М.Н. Из истории литературы народов Хорасана и Мавераннахра VIII-IX вв. / М.Н. Османов. // Советское востоковедение. – 1956. -№ 2. - С.105-118.
80. Насриддин, Абдулманнон. Матншиносии осори адабӣ / Абдулманнон Насриддин. – Хуҷанд: Ношир. - 2009. - 392с.
81. Насриддинов Абдуманнон. Маърифат ва шарҳи адабиёт / Абдулманнон Насриддинов. – Душанбе: Ирфон, 1991. – 212 с.
82. Насриддин Абдуманнон. Чиҳил мақола / Абдуманнон Насриддин. – Хуҷанд: МИИ «Ганҷинаи сухан», 2007. – 578 с.
83. Османов М.Н. Ҳаёти адабии Эрони ғарбӣ дар асри X ва ибтидои XI / М.Н.Османов. // Адабиёти форсу тохик дар асрҳои XII-XIV. Қисми якум. – Душанбе: Дониш, 1976. – С.7-37
84. Пӯлодова Ш. Санъати таҷнис ва вежагиҳои корбасти он дар назми классикии форсу тоҷик. Рисола барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ / Ш.Пӯлодова. – Хуҷанд, 2009. – 165 с.
85. Раҷабова М. Адабиёти шуубии форсу тоҷики асрҳои VIII-X: рисола барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ: / М. Раҷабова. – Хуҷанд, 2006. – 160 с.

86. Рашидова Д. Бадеъуззамони Ҳамадонӣ ва мақоми ӯ дар таҳаввули адабиёти арабизабони форсу тоҷики нимаи дувуми асри X ва аввали асри XI: рисола барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ: Д. Рашидова. – Хуҷанд, 2012. – 176 с.

87. Розӣ, Шамси Қайс. ал-Муъҷам фи маъоири ашъор-ил-Аҷам (бо сарсухану тавзеҳоти Урватулло Тоиров) / Шамси Қайси Розӣ. – Душанбе: Адиб, 1991. – 464 с.

88. Салимов Н. Марҳалаҳои услубӣ ва таҳаввули анвоъи наср дар адабиёти форсу тоҷик / Н.Салимов. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2002. – 400с.

89. Салимов Ю. Насри ривоятӣ / Ю. Салимов. – Душанбе: Ирфон, 1986.– 127с.

90. Сулаймонӣ, Саидраҳмон. Фарҳанги арабӣ-тоҷикӣ /С. Сулаймонӣ. Ҷ.1-2. – Душанбе, 2007.

91. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Иборат аз ду ҷилд. ҷилди 1 (А- О). - Москва: Советская энциклопедия.1969. - 951 с.

92. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Иборат аз ду ҷилд. ҷилди 2 (П-Х). - Москва: Советская энциклопедия. 1969. - 949 с.

93. Фильштинский И.М. Арабская литература в средние века. Арабская литература VIII-IX веков / И.М. Фильштинский. – М.: Наука, 1978. – 256с.

94. Ханна аль-Фахури/Перевод с арабского В.В. Атамали. История арабской литературы. – Москва: Изд. иностранной литературы, 1959. – 368 с.

95. Фильштинский И.М. Вопросы периодизации средневековой арабской литературы / И.М. Фильштинский // Проблемы периодизации истории литератур народов Востока. – М.: Наука, 1968. - С. 271-289.

96. Фильштинский И.М. История арабской литературы. V-начало X века / И.М. Фильштинский. – М.: Наука, 1985. – 525 с.

97. Фрейман А.А. Описание, публикации и исследование документов с горы Муг / А.А. Фрейман. - М.: Востончная литературы, - 1962. - 91с.

98. Хомидиён Х.К. Сохиб ибн Аббод и его место в литературе эпохи Буидов: автореф. дис.… канд. филол. наук: Хомидиён Х.К. – Душанбе, 2014. - 27с.

99. Хоҷаева М. Масъалаҳои сабкшиносӣ / М. Хоҷаева. – Хуҷанд, 1994. – 223 с.

100. Ҳусайнӣ, Атоулло Маҳмуд. Бадоеу-с-саноеъ (бо сарсухан, тавзеҳот ва таҳрири Р.Мусулмонқулов). – Душанбе: Ирфон, 1974. – 222 с.

101. Шарифов Х. Назарияи наср / Х.Шарифов. – Душанбе: Пайванд, 2004. – 318 с.

102. Шарифов Х. Балоғат ва суханварӣ / Х.Шарифов. – Душанбе: Ирфон, 2002. – 276 с.

103. Шарифов Х. Каломи бадеъ / Х.Шарифов. – Душанбе: Маориф, 1991. – 157 с.

104. Шарифов Х. Таҷнис / Х.Шарифов // Энсиклопедияи советии тоҷик. Ҷилди 7. – Душанбе: Сарредаксияи илмии ЭСТ, 1987. – С. 318.

105. Якубов Ю. Паргар в Vll-Vlll веках нашей эры / Ю.Якубов. - Душанбе: Дониш, -1979. - 218 с.

## IV. ОСОРИ ТАҲҚИҚӢ БО ХАТТИ АРАБӢ

106. آل داود، سید علی. آل میکال/ سید علی آل داود/ دائره المعارف بزرگ اسلامی، ج.۲.– تهران: مؤسسۀ دانشنامۀ بزرگ اسلامی، ۱۳۷۴.– ص.۱۶۸– ۱۷۴

(Оли Довуд, Садалӣ, Оли Микоил/ Саидалӣ оли Довуд/ Доираи маорифи бузурги исломӣ, ч.2.-Теҳрон: муассисаи донишномаи бузурги исломӣ, 1372.-с.148-172.)

107. بروکلمان، کارل. تأریخ أدب العرب. ترجمة العربيِّ لدكتور عبدالحليم النجّار/ كارل بروكلمان. – القاهرة: دائرة المعارف. –۶ ج.

(Брокелман Корол. Таърих адаб ал-араб. Тарҷумаи арабии доктор Абдулҳалим ан-Наҷҷор / Корол Брокелман.-Қоҳира: Доират-ул-маориф.-4 ч.)

108. بدری، روح الله .نیشابور در قرنهای سوم و چهارم هجری/ فسلنامه «مسکویه» سال 6، شمارۀ 18، پایز 1390. ص.41–67

(Бадрӣ, Руҳуллоҳ. Нишопур дар қарнҳои сеюм ва чаҳоруми ҳиҷрӣ /

Фаслномаи «Мискавайҳ». Соли 6, шумораи 18, пойизи 1390. - С. 41-67)

109. بهرامی، اکرم.آل میکال/اکرم بهرامی. -www.ensani.ir/storage/Files/20120326151806-4019-1678.pdf

(Баҳор Муҳаммадтақӣ. Сабкшиносӣ ё таърихи татавури нашри форсӣ. Ҷ.1.-3/ Муҳаммадтақӣ Баҳор,- Теҳрон: Амир Кабир, 1349.)

110. خوشکلام، منوجهر هدایتي. سامانیان و رستاخیز فرهنگي إیرانیان درسدهاي نخستین اسلامي/

Баҳромӣ, Акрам, Оли Микоил/ Акрам Баҳромӣ. (бояд силк дода шавад).

111. حریری، فارس ابراهیمی. مقامه نویسی در ادبیات فارسی و تأثیر مقامات عربی در آن/ فارس ابراهیمی حریری.– تهران ۱۳۴۶ش.

(Ҳарирӣ, Форсӣ Иброҳимӣ. Макоманаиси дар адабиёти форсӣ ва таъсири мақомоти араби дар он/ Форсӣ Иброҳимӣ Ҳарирӣ.- Теҳрон: 1346ш.)

112. الحسيني، سيدمحمدباقر؛ غلا معلي زاده، جواد .الهجاء في شعر خراسان خلال القرنين الرابع والخامس الهجريين/ سيدمحمدباقر الحسيني، جواد غلا معليزاده// بحوث في اللغة العربية وآدابها نصف سنوية علمية محكمة لقسم اللغة العربية وآدابها بجامعة إصفهان العدد( **5** خريف وشتاء **2341 – 2344** هـ .ق **2431 /**

(ал-Ҳусайнӣ, Сайидмуҳаммадбоқир; Ғуломализода, Ҷавод. Ал-ҳиҷои фӣ шеъру хуросон хилол-ул-қарнайн ар-робиъ ва ал-хомис ал-ҳиҷрия/ Сайидмуҳаммадбоқир ал-ҳусайнӣ, Ҷавод Ғуломализода// буҳус фил-луғати ал-арабияти ва одобуҳо нисф ас-санавияту ъилмия муҳкамат-ул-қисм ал-луғату ал-арабияту ва одобуҳо би чомиъат-ул-Исфаҳон алъадад (5 хуруф ва шитоъ) 2341-2344 ҳ.қ. 2431\)

113. الحسيني، سيدمحمدباقر.أفاق الادب العربي في خراسان من القرن الثاني الي القرن الخامس/ يدمحمدباقر الحسيني // آفاق الحضارة الاسلامية، العدد الخامس و العشرون، ص. ۷۳.

(ал-Ҳусайнӣ, Сайидмуҳаммадбоқир. Офоқ ал-Адаб-ул-араби фӣ Хуросон мин-ал-қарн 2 ила-ал-қарн 5/ Муҳаммадбоқир ал-Ҳусайнӣ// Офоқ ал-Ҳазорату ал-исломияту, ал-ададу хомис ва ишрун, С.83.)

114. حسینی، محمد باقر.اسباب ظهور ادب عربی خراسان/ محمد باقر حسینی//نشریۀ دانشکدۀ ادبیات و علوم انسانی دانشگاه شهید باهنر کرمان. دورۀ جدید،شمارۀ ۱۵ (پیاپی ۱۲) بهار ۸۳.

(Ҳусайнӣ, Муҳаммадбоқир. Асбоби зуруи адаби арабӣ дар Хуросон/ Муҳаммадбоқир Ҳусайнӣ.- Нашрияи донишгоҳи адабиёт ва улуми инсонии донишгоҳи (Боҳунар-Кирмон), давраи ҷадид шумораи 15 (паёпай 12) баҳор 83.)

115. حسینی، محمد باقر.جاحظ نشاپور/محمد باقر حسینی.– مشهد: دانشگاه فردوسی مشهد، ۱۳۸۲. – ۳۸۷ ص.

(Ҳусайнӣ Муҳаммадбоқир Ҷоҳиз Нишопур / Муҳаммад Боқир Ҳусайнӣ.- Машҳад: Донишгоҳи Фирдавсӣ Машҳад. 1382.-387 с.

116. حقیقت، عبدالرافع. شهیدان قلم و اندیشه/ عبدالرافع حقیقت.– تهران: کومش،۱۳۷۸ه.ش

(Ҳақиқат, Абдуърофиъ. Шаҳидони қаламу андеша/ Абдурофеъ ҳақиқат.- Теҳрон: Кумуш, 1378 ҳ. ш.)

117. دهخدا. أمثال و حکم. ( ج. ٤– ١)/ علامه دهخدا.° تهران:امیرکبیر، ۱۳۵۲.

(Деҳхудо. Амсолу ҳикам. (ҷ.1-4). Алломаи Деҳхудо. Теҳрон: Амир Кабир, 1352.)

118. دهخدا، علی اکبر. لغتنامه.جلد ۳./ علی اکبر دهخدا. – تهران: 1349

(Деҳхудо Алиакбар. Луғатномаи ҷилди 3./ Алиакбар Деҳхудо.-теҳрон: 1349.)

119. رقيحي، احمد عبدالرزاق و دیگران، فهرست مخطوطات مکتبه الجامع الکبیر سنعاء، دمشق، 1984م

(Рақиҳӣ, Аҳмад Абдураззоқ ва дигарон, Феҳрасту махтутоти мактабиҳи ал-ҷомиъ ал-кабир Саноъӣ. Димишқ, 1984 м.)

120. سیزگین، فؤاد. تارخ التراث العرب. ترجمة محمود فهمي هجازي و عرفة مصطفي/ فؤاد سیزگین.– رياض، ۱۹۸۳-۱۹۸۸.

(Сизгин, Фуат. Торих-ул-тирос-ал-араб. Тарҷумату Маҳмуд фаҳми Ҳиҷозӣ ва Урфатун Мустафо./ ФуодСизгин – Риёз, 1983-1988.)

121. الشكعة، مصطفى. بديع الزمان الهمداني: رائد القصة العربية والمقالة الصحفية مع دراسة لحركة الأدب العربي فی العراق العجمی و ماوراءالنهر/ مصطفی، الشکعة: – دار المسرية اللبنانية–القاهرة، ۱۴۲۳ه=۲۰۰۳م.

(Ашшакаъю Мустафо. Бадеъу аз-замони Ҳамадон: Роид алқиссату аларабияту ва мақолату ассаҳифату маъа диросату лиҳаракати адабил араб фи ал-Ироқ ал-аҷамӣ ва Мовароуннаҳр/ Мустафо, Ашшакаъ: - Дору ал-марсияту Лубнониятӣ – Қоҳира, 1423 ҳ = 2003)

122. صفا، ذبیح الله. تاریخ ادبیات در إیران/ ذبیح الله صفا. –تهران: انتشارات فردوسی. 1371. –جلد ششم.– 816 ص.

(Сафо, Забеҳулло. Таърихи адабиёт дар Эрон\ Забеҳулло Сафо.- Теҳрон: Интишороти Фирдавсӣ. 1371.ҷ6-816С.)

123. الفاخوري، حنا. تاريخ ادبيات زبان عربي از عصر جاهلي تا قرن معاصر/ حنا الفاخوري [ترجمه عبدالمحمد آيتي].– تهران:توس، ۱۳۶۱.– ۸۳۹ ص.

(Алфохурӣ, Ҳано. Таърихи адабиёти забони арабӣ аз асри ҷоҳилӣ то қарни муосир / Ҳано Алфохурӣ (тарҷумаи Абдулмуҳаммад Оятӣ) .- Теҳрон:Тунис, 1341.-893 с.)

124. فروخ، عمر. تارخ الأدب العربي. العصر العباسي/ عمر فروخ.–بيروت: دار العلم، ۱۹۷٤.

(Фаррух, Умар. Таърих ал-адаб ал-арабӣ (ал-аср ал-Аббосӣ). -Бейрут: Дор-ул-илм, 1974).

125. كريستن سن، آرتور. ايران در زمان ساسانيان. ترجمه رشيد ياسمی. چاپ ششم، دنيای كتاب، تهران۱۳۶۸.

(Кристенсен, Артур. Эрон дар замони Сосониён. Тарҷумаи Рашид Ёсимӣ. Теҳрон:Дунёи китоб,1368. Чопи шашум).

126. مارون، عبود. بديع الزمان الهمداني/ عبود مارون .– دار المعارف بمصر– القاهرة، ۱۹۷۱م.

(Морун, Абуд, Бадеъузамони АлҲамадонӣ/ Абуд Морун.-Морун.- Дорул маориф бимиср – Алқоҳира, 1971 м.)

127. محمدعلی آذرشب و علی اكبر محمدی. پژوهشی در بارۀ آثار و نسخ خطی ابوالفضل ميكالی. ادب عربی 9، 2 (1396).ص.5-19.

(Муҳаммадалӣ Озаршаб ва Алиакбар Муҳаммадӣ. “Пажӯҳиш дар бораи осор ва нусхаи хаттии Абулфазли Миколӣ”. - Адаби арабӣ, №9, 2 (1396).- С.5-19.

128. معين، محمد. فرهنگ فارسي(غ – ی). جلد شش/محمد معين. –تهران: مؤسسه إنتشارات أمير كبير, 1992.-1472ص.

(Муин, Муҳаммад. Фарҳанги форсӣ (ғ-й). Ҷилди шаш/ Муҳаммад Муин .- Теҳрон: Муассисаи интишороти Амир Кабир, 192-1472 с.)

129. نفيسی، سعيد. تاريخ نظم و نثر در إيران و در زبان فارسی.ج. ۱– ۲ /سعيد نفيسی.– تهران ، ۱۳۴۴. – ۱۱۷۲ ص.

(Нафисӣ, Сайид. Таърихи назму наср дар Эрон ва дар замони форисӣ. ч.1-2. / Сайид Нафисӣ.-Теҳрон, 1366.-1172 с.)

130. نعمانی، شبلی. شعرالعجم يا تاريخ شعرا و ادبيات ايران[ترجمه سيد محمدتقی فخرداعی گيلانی].جلد.5– تهران: دنيای كتاب، 1386

(Нӯъмонӣ, Шиблӣ. Шеъру –ал-аҷам. Ё таърихи шуаро ва адабиёти /рон (тарҷумаи Майидмуҳаммадтақӣ Фахрдоъи Гелонӣ). Ҷилди.5. – теҳрон:

Дунёи китоб, 1386.)

131. نقشبندي، حامد؛ حسینی، محمد باقر؛ نوروزي، علی؛ ناظري، حسین. نگاهی به امثال وحکم در ادب خراسان (قرن ۴ و۵)/ حامد نقشبندي، محمد باقر حسینی، علی نوروزي، حسین ناظري// مجله زبان و ادبیات عربی) مجله ادبیات و علوم انسانی سابق علمی پژوهشی،(شماره دوازدهم، بهار و تابستان،۱۳۹۴)، ص.۲۱۵-۲۳۹

(Нақшбандӣ, Ҳомид, Ҳусайнӣ, Муҳаммадбоқир, Наврӯзӣ, Алӣ, Нозирӣ, Ҳусайн, Нигоҳне ба амсолу ҳикам дар адабиёти Хурсон (Қарни 4 в 5) Ҳомид Нақшбандӣ, Муҳаммадбоқир Ҳусайнӣ, Алӣ Наврӯзӣ, Ҳусайн Нозирӣ// (Маҷалаи забон ва адабиёти арабӣ) Маҷалаи адабиёт ва улуми инсонӣ собиқ илми пажуҳишӣ, (Шумоари дувоздаҳум, баҳор ва тобистон, 1394), с. 215-239.)

132. همای، جلال الدین.فنون بلاغت و صناعت ادبی/ جلال الدین همای.– تهران: اهورا،۱۳۸۹ .– ۲۶۴ص.

(Ҳамоӣ, Ҷалолулддин, фунун балоғат ва саноати адабӣ / Ҷалолуддинн Ҳамоӣ.- Теҳрон: Аҳваро, 1379.-264 с.)

133. یاغی، عبدالرحمن. رأي في المقامات/ عبدالرحمن یاغی.– بیروت، ۱۹۶۹م.

(Ёғӣ, Абдураҳмон, Раъ филмақомот/ Абдураҳмон Ёғӣ.-Бейрут, 1949 м.)

## V. ОСОРИ ТАҲҚИҚӢ БА ЗАБОНҲОИ АВРУПОӢ

134. Browne, Edward, G- A Hand-List of the Muhammadan Manuscripts, Cambridge, 1900.

135. Karatay, fehmi Edhem, Arapça Yazmalar Kataloga, Istanbul, 1969.

136. The Maqāmāt of Badī' al-Zamān al-Hamadhānī / Translated from the Arabic with an introduction and notes historical and grammatical by W. J. Prendergast. Madras, 1915.

137. Nicholson, R. A. A Literary story of Arabs, London. 1907.-500p.

138. Yan Rypka. History of Iranian Literature, ed. Karl Jahn, D. Reidel Publishing Company, Dordrecht – Holland.

## VI. СОМОНАҲО:

139. www.ahlalhdeeth.com/vb/showthread.php?t=133041

140. www.alwarraq.com

141. www.al-hakawati.net/arabic/civilizations/diwanindex4a27.pdf

142. www.daneshnameh.roshd.ir
143. www.irvani.com/ney.ir/tarikh.ney
144. www.fa.wikipedia.org/wiki/ابوالفضل_میکالی+ال+میکال
145. www.noormags.com/view/fa/articlepage/12617/1176/text
146. www.k-tb.com/ book/Arabi01624- لأمثال العربية القديمة مع
147. www.tebyan.net
148. www.sh3r.info/pid-521-1.htm

## ФЕҲРИСТИ ИНТИШОРОТИ МУАЛЛИФ:

### I. Маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:

**[1-М]** Холов, Н.Ё. Рӯзгор ва осори Абулфазли Миколӣ . [мақола] /Н.Ё Холов // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе: 2014. – №4 (59).– С.- 228-234.

**[2-М]** Холов Н. Ё. Таснифот, сабки нигориш ва мундариҷаи мероси адабии Абулфазли Миколӣ. [мақола] / Н.Ё. Холов // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе: 2020.– №6 (89). – С. -132-138.

**[3-М]** Холов Н. Ё. Ҷойгоҳи намояндагони Оли Микол дар шеъру адаб ва аҷргузории суханварон [мақола] / Н.Ё. Холов // Номаи донишгоҳ. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва ҷомеашиносӣ. – Хуҷанд, 2021. -№ 2 [67]. – С. 107-114.

### II. Асарҳои дигар:

### а) Маҷалла ва маҷмӯаҳои илмӣ:

1. **[4-М]** Холов Н. Ё. Ҷойгоҳи хонадони Миколиён дар сарчашмаҳои таърихӣ / Н. Холов // Ҳусни маънӣ: - Хуҷанд: Меъроҷ, 2013. – С. 362-372.
2. **[5-М]** Холов Н. Ё. Сабки баён дар ашъори Абулфази Миколӣ / Н. Холов // Номаи ховаршиносон: - Хуҷанд: Нури маърифат, 2012. – С. 267-277.
3. **[6-М]** Холов Н. Ё. Вазъи ҷуғрофӣ, сиёсиву иҷтимоии шаҳри Нишопур дар Хуросон асрҳои X-XI / Н. Холов // Номаи ховаршиносон: - Хуҷанд: Нури маърифат, 2013. – С. 204- 214.
4. **[7-М]** Холов, Н.Ё. Жизнь и творчество Абулфазла Миколи / Н. Холов. [мақола] / Н.Ё. Холов // XI Международная заочная научно – практическая конференция. Научная дискуссия: Вопросы филологии, искусствоведение и культурологии. – Москва, 2013. -№ 1 [550]. – С. 100-103.